**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**

**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

**Ба ҳуқуқи дастнавис**

**ТДУ: 891.550**

**ҲАЙДАРОВА БИСАНОАТ УМАРОВНА**

# АНЪАНАҲОИ АДАБИЁТИ КЛАССИКИИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ ДАР ОСОРИ МИРЗО ШӮХИИ ХУҶАНДӢ

**Диссертатсия**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ**

аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик

**Роҳбари илмӣ: Мирзо Муллоаҳмад-**

доктори илмҳои филологӣ, узви

вобастаи АМИТ, сарходими илмии

Институти омӯзиши масъалаҳои

Осиё ва Аврупои АМИТ

**Душанбе - 2021**

# МУНДАРИЧА


**МУҚАДДИМА ... 3**

**БОБИ 1. МЕРОСИ АДАБИИ МИРЗО ШӮХИИ ХУҶАНДӢ ВА ТАҲАВВУЛОТИ ТАЪРИХИИ МУҲИТИ АДАБИИ МОВАРОУННАҲР ДАР АСРИ XVIII ... 12**

1.1. Таҳаввулоти таърихии муҳити адабии Мовароуннаҳр дар асри XVIII... 12

1.2. Нигоҳе ба таърихи таҳқиқу омӯзиши рӯзгор ва осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ... 29

1.3. Таркиби жанрии девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ... 58

1.4. Нусхаҳои хаттии девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ... 64

**БОБИ 2. МУҲТАВО ВА ТАРКИБИ ОСОРИ МИРЗО ШӮХИИ ХУҶАНДӢ ... 78**

2.1. Тараннуми ишқ ва масоили дигар дар ашъори шоир ... 78

2.2. Ирфон дар ғазалиёти Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ... 88

2.3. Назари иҷтимоии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ... 90

**БОБИ 3. СУВАРИ ХАЁЛ ВА УСЛУБИ БАДЕИИ МИРЗО ШӮХИИ ХУҶАНДӢ ... 97**

3.1. Мухтассоти сабк ва забони ғазалиёти шоир ... 97

3.2. Сувари хаёл дар шеъри Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ... 103

**БОБИ 4. СУННАТҲОИ АДАБӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ШОИР ... 115**

4.1. Таъсири анъанаҳои адабии форсии тоҷикӣ ... 115

4.2. Корбурди навъҳои маъмули адабӣ дар эҷодиёти шоир ... 129

4.3. Авзон, қофия ва радифи ғазалиёти Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ... 134

**ХУЛОСА ... 147**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ ... 147**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамият ва зарурати таҳқиқи мавзӯъ.** Асри XVIII- и адабиёти тоҷик ҳам аз назари воқеаҳои сиёсӣ, ҳам аз назари таърих ва таҳаввулоти адабӣ як давраи хос маҳсуб мешавад, ки бо вуҷуди мавриди омӯзиши олимону муаррихон, адабиётшиносону забоншиносон қарор гирифтани он ҳанӯз саҳифаҳои норавшан ва ноомӯхтаи худро дорост.

Бино ба маълумоти «Тазкират-уш-шуаро»-и Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ, «Маҷмӯат-уш-шуаро»-и Фазлии Намангонӣ, «Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва «Маҷлисафрӯз»-и Абдурраҳмонхоҷаи Носеҳ дар асри XVIII дар Хуҷанд шоироне, аз қабили Шайдои Хуҷандӣ, Шукӯҳи Хуҷандӣ, Нозили Хуҷандӣ, Фозили Хуҷандӣ, Шӯхии Хуҷандӣ, Дониши Хуҷандӣ, Кошифи Хуҷандӣ, Зинати Хуҷандӣ, Нузҳати Хуҷандӣ, Шаҳдии Хуҷандӣ, Роиҷи Хуҷандӣ, Лисонии Хуҷандӣ, Маъюси Хуҷандӣ, Ҳотифи Хуҷандӣ, Равнақи Хуҷандӣ, Волии Хуҷандӣ ва дигарон зиндагӣ ва эҷод кардаанд. Гурӯҳе аз ин суханварон бо доираи адабии Хӯқанд робитаи наздик доштанд ва аксарашон баъди хатми мадрасаи Хӯқанд дар ин шаҳр зиндагии хешро идома дода, ба муҳити адабӣ ва фарҳангии Хӯқанд шомил шуда, ба кори эҷодӣ пардохтаанд. Аз ин рӯ, баъзе аз шоирони маъруф, монанди Нозили Хуҷандӣ, Фозили Хуҷандӣ ва Кошифи Хуҷандиро марбут ба шоирони доираи адабии Хӯқанд медонанд.

Асри XVIII-ро дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ метавон ҳамчун як қарни бисёр муҳим ва махсус арзёбӣ кард, ки дар осори адибони ин давр густариши мавзӯву мундариҷа ва сабк дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад. Махсусан, воқеаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба адабиёт таъсири худро гузошта, мероси адабии ин давр як андоза ҷанбаи иҷтимоӣ пайдо менамояд. Ҷангу низоъҳои дохилию хориҷӣ, ки аз асри XVI оғоз ёфта буд ва дар Мовароуннаҳр, Хуросон ва Эрон ниҳоят ду давлати бузурги феодалӣ – Шайбониён ва Сафавиёнро ба вуҷуд овард ба адабиёт таъсири худро расонид, ки он дар навиштаҳои адибони асри XVIII низ равшан эҳсос мегардад.

Мавриди зикр аст, ки адабиёти Мовароуннаҳр ҳамчун адабиёти мустақил дар иртибот бо адабиёти Хуросону Ҳиндустон ривоҷ пайдо кард ва дар маҷмӯъ, дар густариш, такомул ва пешрафти адабиёти умумитоҷикии форсӣ нақши муассир гузошт. Дар ин ҷода баробари теъдоди зиёди суханварони гуногунпоя нақши суханвари мумтози ин аср Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ низ калон аст.

Мусаллам аст, ки асрҳои XVII – XVIII як давраи хос ва муҳим дар таърихи адабиёти тоҷик маҳсуб мешавад, зеро дар адабиёти Мовароуннаҳр шеър аз лиҳози сабку услуб, мазмуну мундариҷа ба тағйироти куллӣ рӯ ба рӯ шуд ва суханварони ин аср тавонистанд, як ҷодаи муайяни эҷодиро, ки аз адабиёти Ҳинду Хуросон тафовут дошт, пайдо намоянд.

Ҳарчанд доир ба адабиёти ин асрҳо таҳқиқоти зиёде анҷом ёфтаанд, вале дар онҳо на ҳамаи давраҳои инкишофи адабиёти ин асрҳо бо бурду бохт ва падидаҳои адабиву эҷодиаш инъикос шудаанд. Аз ҷумла, адабиёти асри XVIII-ро метавон давраи то охир омӯхтанашудаи доираи адабиёти Мовароуннаҳр номид. Зиндагӣ ва осори бисёре аз суханварони ин давр мавриди таҳқиқу баррасӣ ва омӯзиши мукаммали илмӣ қарор нагирифтаанд, ки дар натиҷа холигоҳи адабӣ дар таърихи адабиёт ба вуҷуд омадааст. Ба ибораи дигар, адабиёти асри XVIII идомаи мантиқии анъанаҳои суханварӣ ва суханпардозии садаҳои пешин ба ҳисоб рафта, аз нуқтаи назари анвоъ ва жанри адабӣ анъана ва суннатҳои деринаро такмил бахшидааст.

Таҳқиқи марҳалаҳои таърихии ин давраи адабиёт, муайян намудани осори адабии суханварон, барқарор намудани тарҷумаи ҳоли онҳо, муайян намудани хусусиятҳои осори адабӣ, падидаҳои ҳунарӣ, таъйини ҷойгоҳи ашъори иҷтимоӣ, сабку услуби суханварон ва монанди инҳо имкон медиҳад, манзараи умумии адабиёти ин даврро то андозае пеши назар ҷилва диҳем. Шӯхии Хуҷандӣ низ аз қабили адибони соҳибқалам ва боистеъдодест, ки зиндагиву фаъолияташ ба ҳамин давраи на чандон мукаммал омӯхташуда рост меояд. Омӯзиши осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ аз назари мавзӯву мундариҷа, сабку услуб ва падидаҳои ҳунарӣ имкон фароҳам меоварад, ки на

танҳо боз як нафар суханвар муаррифӣ гардад, балки барои мушаххас намудани равандҳои адабӣ, тамоюлҳо, падидаҳо ва дастовардҳои адибони Мовароуннаҳр такони ҷиддие хоҳад буд. Тавассути омӯзиш, таҳлилу баррасии осори Шӯхӣ метавон ба хулосаҳои ҷадиди илмӣ оид ба адабиёти асри мазкур расид.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ**. Дар саргаҳи таҳқиқи адабиёти ин давр ва муаррифии суханварони аср муҳаққиқоне, монанди устод Садриддин Айнӣ, Евгений Эдуардович Бертелс, Иосиф Самуилович Брагинский, Абдулғанӣ Мирзоев, Носирҷон Маъсумӣ, Холиқ Мирзозода, Расул Ҳодизода, Садрӣ Саъдиев, Усмон Каримов, Субҳон Амирқулов, Эргашалӣ Шодиев, Саидумар Султон, Абдулманнон Насриддинов қарор доранд. Нуқтаи назари муҳаққиқи номвар Евгений Эдуардович Бертелс дар яке аз мақолаҳояш таҳти унвони «Адабиёти форсӣ дар Осиёи Миёна» ба асри мавриди омӯзиши мо қарор гирифта тааллуқ дорад: «...дар таърихи адабиёти форсу тоҷик давраҳои томи то кунун омӯхтанашуда бисёранд ва хусусан, дастнависҳои зиёди дар китобхонаҳои Осиёи Миёна маҳфуз моро бо даҳҳо ва садҳо шоиру нависандагон шинос хоҳанд кард, ки номи онҳо алҳол дар илми шарқшиносӣ пайдо нест» [56, 227]. Муҳаққиқоне, монанди Расул Ҳодизода, Усмон Каримов, Садрӣ Саъдиев дар таҳқиқи адабиёти асри XVIII таҳти истилоҳи “адабиёти пешқадам” ба осори суханвароне монанди Мирзо Содиқи Муншӣ, Носеҳи Хатлонӣ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Мирзо Атои Бухороӣ, Шавқии Каттақӯрғонӣ, Маҳзуни Самарқандӣ, Фориғи Ҳисорӣ баҳогузорӣ кардаанд, ки Шӯхӣ низ дар ин радиф мебошад.

Рӯзгору осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ нахустин маротиба дар Феҳристи нусхаҳои хаттии шарқии Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон (ҷилди чаҳорум) мухтасаран бо муаррифии ду нусхаи хаттии девони шоир барои аҳли илм маълум гардид [89, 81-82], ки баъдан, дар бораи ин шоири соҳибдевони асри XVIII рисола ва мақолаҳои муфассалу мабсут аз тарафи муҳаққиқони адабиёти тоҷик ба миён омад, ки муҳимтарини онҳоро метавон ба се даста тақсим намуд: а) мақолаҳое, ки дар китобҳои таърихи адабиёт [87,

68-79], донишномаҳо [129, 388-389; 130, 179], тазкираи шоирон [7, 23-34;169;125, 249-250] ё дар зимни пажӯҳишҳои ин давра аз шоир ёд кардаанд [44;45; 86, 86-90 ], б) мақолаҳои илмӣ ва илмӣ –оммавӣ, ки дар матбуоти даврӣ бо намунаҳои ашъори шоир ба чоп расидаанд [126;167], в) силсилаи мақолаву тақризҳои муҳаққиқи Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ Камол Ёқубов [74; 75; 72, 120-128; 73; 71, 62-64; 70] ва рисолаи номзадии ин муаллиф [174] мебошанд. Дар бораи чигунагии ин пажӯҳишҳо ва каммиву кайфии онҳо мо дар боби алоҳидаи диссертатсия (Нигоҳе ба таърихи таҳқиқу омӯзиши рӯзгор ва осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ, саҳ. 30-60) муфассал сухан рондаем, ки ниёз ба такрори онҳо дар ин ҷо намебошад.

Дар муаррифии зиндагӣ ва осори Шӯхии Хуҷандӣ муҳаққиқоне, чун Эргашалӣ Шодиев “Тазкираи шоирони Хуҷанд” [169], Абдулманнони Насриддин [125, 126], Неъматзода Турсун [129; 130], Усмон Каримов [86;87] ва Камол Ёқубов [70; 71; 72;73;174; 75;174] саҳми арзандае гузоштаанд. Ахиран, интишори мунтахаби ғазалиёти Шӯхии Хуҷандӣ аз ҷониби адабиётшинос Баҳром Раҳматов [36] бо сарсухани пурмуҳтаво саҳифаи тозаеро дар шинохти Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ва осори ӯ боз кард. Бо вуҷуди ин, бисёр масъалаҳои марбут ба рӯзгору осор, муҳтаво, мухтассоти сабкӣ, арзишҳои бадеии ғазалиёти шоир, масъалаҳои матншиносии ғазалиёт ва таъсирпазирии ӯ аз шоирони пешин ва дигар масъалаҳои марбут ба осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ҳанӯз таҳқиқ нашудаанд, ки мавриди гуфтугӯи рисолаи ҳозир мебошад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади асосии таълифи рисолаи мо таҳқиқу баррасии осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ва таъйини ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти асри XVIII ва баъзе масъалаҳои поэтикаи ашъори шоир мебошад. Бо ба назар гирифтани масъалаҳои ёдшуда, таҳқиқу баррасии ашъори баҷомондаи шоир аз муҳимтарин аҳдофи рисола аст. Дар ин замина, омӯзиш ва пажӯҳиши масъалаҳои зерро зарур медонем:

- омӯзиши вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, баррасии муҳити адабии асри XVIII ва инъикоси ҳодисаҳои ин давр дар адабиёт;

- барқарор ва баррасии ҳаёт ва фаъолияти Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ, муайян намудани вазъи зиндагӣ ва аҳволи шоир, мақому мартаба ва дараҷаи шоирии ӯ, муайян намудани афкори иҷтимоии шоир ва муносибати вай бо замон, дар ин замина таҳқиқи муҳити адабӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ;

- баррасии масоили матншиносии девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ;

- таҳқиқи осори шоир аз назари мавзӯву мундариҷа ва дар заминаи он муайян намудани назари суханвар нисбат ба зиндагӣ, инсон, ирфон ва адабиёт;

- омӯзиши осори шоир аз назари сабку услуби бадеӣ, забон, шеваи баён, таъсири осори адибони классикӣ ва монанди инҳо. Рушди анвои шеър дар доираи адабии давр;

- муайян намудани ҳунари шоирии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар заминаи омӯзиши ашъори шоир. Санъатҳои бадеӣ ва авзони шеъри шоир.

**Сарчашмаи таҳқиқот.** Ба ҳайси сарчашмаи дасти аввал дар таълифи рисола нусхаҳои хаттии девони Шӯхии Хуҷандӣ, аз ҷумла, нусхаҳои хаттии шумораи 863/II [35] ва 2313 [34] Маркази мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, “Мунтахаби ғазалиёт”- и Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар таҳияи Баҳром Раҳматов [36] мавриди истифода қарор гирифтааст.

Ҳамчунин манобеи адабие, аз қабили “Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб”-и Возеҳи Бухороӣ, “Тазкират-уш-шуаро”-и Неъматуллоҳи Муҳтарам, “Тазкират-уш-шуаро”-и Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ, “Тазкират-уш-шуаро”-и Садри Зиё, “Тазкират-уш-шуаро”-и Сиддиқхони Ҳашмат ва маъхазҳои дигари адабии давраи мазкур ба кор рафтааст.

**Объекти таҳқиқот.** Адабиёти форсии тоҷикӣ дар асри XVIII ва ба хусус ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр.

**Предмети таҳқиқот.** Ашъори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ, таркиби девони шоир, ғазалиёт, қасоид, қитъа, маснавӣ, рубоӣ ва таърихҳои ӯ, ки дар такомули адабиёти ин давра мавқеи назаррас доранд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Дар рисола бори нахуст мероси адабии шоири асри XVIII Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дарривоҷи адабиёти форсии тоҷикӣ дар ин давра нишон дода шудааст. Сабку услуб ва ҳунари шоирии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ бар мабнои ғазалиёти шоир таҳқиқу баррасӣ гардида, ҳамчунин вазну қофия, радиф ва санъатҳои бадеии ашъори ӯ муайян ва мушаххас карда шудааст, ки дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал сурат мегирад. Бисёр ҳолатҳо ва нодурустиҳои ашъори шоир, ки дар таҳқиқоти пешин ба назар мерасид, бартараф карда шуданд. Теъдоди абёт, миқдори ғазалиёт ва дигар ашъори маҳфуз дар нусхаҳои девони шоир муайян карда шуд, ки дар таҳқиқоти пешин вуҷуд надошт.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он ба хусусиятҳои бадеӣ ва сабки ашъори шоир ва масъалаҳои марбут ба рӯзгору осори боқимондаи он равшанӣ андохта, арзиши эҷодиёти ӯ ва мавқеи онро дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, ба хусус дар асри XVIII муайян ва мушаххас менамояд. Бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик рӯзгор ва осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ аз назари сабку услуб ва ҳунари шоир бо назардошти манбаъҳои нави илмиву таърихӣ ба риштаи таҳқиқ кашида мешавад. Дар таҳқиқоти қаблӣ оид ба зиндагиномаи шоир, ҳунари шоирӣ ва мақоми Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ба тариқи густурда мавриди омӯзиш қарор надошт ва ин рисола барои пур кардани холигоҳи омӯзиши аҳволу осори шуарои омӯхтанашудаи ин давр хизмат хоҳад кард. Рисола метавонад ҳамчун маводи муътамад ва мустанад барои таҳияи осори илмӣ-таҳқиқотии марбут ба садаи XVIII ба кор равад. Гузашта аз ин, дар таълифи китобҳои таълимӣ, лексияҳои устодони донишгоҳ, омӯзишгоҳҳо ва мактабҳои миёнаву махсус судманд аст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои илмии бадастомада метавонад, дар таълифи китобҳои дарсии мактабҳои олии риштаи адабиёт ва мактабҳои миёна, дастурҳои таълимӣ оид ба таърихи таҳаввули навъҳои адабӣ, адабиёти форсии тоҷикӣ дар асри XVIII истифода гардад. Инчунин аз маводи диссертатсия ҳангоми омодасозии курси лексияҳо

аз адабиёти давраи мазкур ва гузаронидани семинару курсҳои махсус дар мавзӯъҳои “Адабиёти тоҷик дар асри XVIII”, “Назарияи анвои адабӣ” дар факултетҳои забон ва адабиёти тоҷики коллеҷҳо ва мактабҳои олии кишвар метавон истифода намуд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Дар рисола равиши муқоисавӣ-таҳлилӣ ба кор гирифта шуда, дар баробари корбандии усули мазкур равиши тавсифӣ ва оморӣ низ мавриди истифода қарор гирифтааст. Ҳамзамон, аз усули таҳқиқи олимони ватаниву хориҷӣ, монанди Садриддин Айнӣ, Эдуард Браун, Евгений Эдуардович Бертелс, Аҳмад Гулчини Маъонӣ, Парвиз Нотили Хонларӣ, Саидризои Нақавӣ, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Абдулғанӣ Мирзоев, Иосиф Брагинский, Расул Ҳодизода, Баҳром Сирус, Носирҷон Маъсумӣ, Садрӣ Саъдиев, Саҳобиддин Сиддиқ, Султонмурод Воҳидов, Субҳон Амирқулов, Абдулманнон Насриддинов, Мирзо Муллоаҳмад, Усмон Каримов, Эргашалӣ Шодиев, Саъдулло Асадуллоев истифода бурда шудааст.

**Ба ҳимоя нуктаҳои зерин пешниҳод мешавад:**

- ҷараёни таҳаввул ва такомули адабиёти тоҷик дар асри XVIII аз нигоҳи мавзӯъ ва мундариҷа, шаклу услуб, анвои шеърӣ, воситаҳои тасвири бадеӣ бо баҳрабардорӣ аз суннат ва анъанаҳои қадими мавҷуд дар адабиёти умумифорсӣ қарор доштааст;

- асри XVIII аз нигоҳи воқеа ва ҳодисаҳои сиёсӣ, дигаргуниҳои адабӣ ва таҳаввулоти таърихӣ қобили омӯзишу баррасӣ аз дидгоҳи нав мебошад;

- бозтоби масъалаҳои иҷтимоӣ ва воқеаҳои таърихӣ дар асарҳои бадеӣ, хоса дар ғазалиёти шоирон боиси рушди ашъори иҷтимоӣ гардид;

- рӯзгору осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар асарҳои адабиётшиносӣ ва матбуот бо ихтилофи назарҳои гуногун дарҷ ёфтааст;

- нақду баррасии маводи таҳқиқии омӯзишу пажӯҳиши рӯзгору осори шоир дар осори адабиётшиносӣ ва матбуоти давр аз масоили муҳим арзёбӣ мешавад;

- таркиби анвои адабии девонҳои мавҷуди шоир гуногун ва дорои аҳамияти адабии хос мебошад;

- тавсифи нусхаҳои қаламии девони Шӯхӣ ва муайяну мушаххас намудани навъҳо ва теъдоди абёти онҳо дар шинохти комили эҷодиёти шоир мусоидат хоҳад кард;

- мавзӯъҳои меҳварии ғазалиёти шоир ишқ, ирфон, масъалаҳои иҷтимоӣ буда, ин гуна ашъор бахши асосии мероси адабии ӯ мебошанд;

- ашъори ирфонии шоир дар баробари масоили назарӣ бо таълими одобу ахлоқи ҳамида, талқини сабру қаноат ва таҳаммулпазирӣ, парҳезгорӣ ва арҷ гузоштани илму маърифат ҳамроҳ будааст;

- анъанаҳои адабии форсии тоҷикӣ дар осори бадеии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ бештар дар навъҳои ғазал, қасида, маснавӣ, қитъаҳои таърихӣ идома дошта, таъсиру нуфузи осори шоирони номваре, чун Ҳофизи Шерозӣ, Сайидои Насафӣ, Соиби Табрезӣ, Бедил ва Шайдои Хуҷандӣ  бар осори Шӯхӣ мубарҳан аст;

- таъсири шоирони сабки ҳиндӣ дар ғазалиёти шоир аз тақозои сабки ҳокими асри ӯ мебошад, ки дар адабиёти Мовароуннаҳр дар ин аҳд беш аз дигар сабкҳо будааст;

- ҳусни баён, латофати забон ва воситаҳои тасвири бадеӣ дар ғазалҳои шоир дар робита бо мавзӯву муҳтавои ғазалиёт сурат гирифтааст;

- дар истифодаи санъатҳои бадеӣ ва авзони шеърӣ ҳам шоир дар партави анъанаҳои адабиёти гузашта қарор дошта, аз маъмултарин авзон, қофия ва ороя̄ҳои адабӣ истифода кардааст.

**Саҳми фардии муҳаққиқ.** Муаллифи диссертатсия умдатарин масъалаҳои омӯхтанашудаи рӯзгор ва осори Мирзо Шӯхии Хуҷандиро дар асоси сарчашмаҳои дасти аввал, аз ҷумла ду нусхаи хаттии девони шоир мавриди пажӯҳиш қарор дода, саҳву хатоҳои дар ин самт эҷодшударо ба ислоҳ оварда, ҷойгоҳи шоирро дар адабиёти асри XVIII тоҷик таъйин кардааст. Натиҷаҳои асосии пажӯҳиш дар диссертатсия ва гузориши

мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф дарҷ ёфтааст, ки андешаҳои фавқро тақвият мебахшанд.

**Апробатсияи кор.** Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи адабиёти классикии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” аз 18. 09. 2020, суратҷаласаи № 1 ва сексияи адабиётшиносии назди Шӯрои диссертатсионии 6 D КОА - 028 – и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 11.02.2021, суратҷаласаи № 36 баррасӣ шуда, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Оид ба мавзӯи таҳқиқот 7 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, чор бобу зерфаслҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 169 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. МЕРОСИ АДАБИИ МИРЗО ШӮХИИ ХУҶАНДӢ ВА ТАҲАВВУЛОТИ ТАЪРИХИИ МУҲИТИ АДАБИИ МОВАРОУННАҲР ДАР АСРИ XVIII

## 1.1.Таҳаввулоти таърихии муҳити адабии Мовароуннаҳр дар асри XVIII

Асри XVIII адабиёти тоҷик як давраи хос чӣ аз назари воқеаҳои сиёсиву таърихӣ ва чӣ аз лиҳози падидаҳои адабӣ маҳсуб мешавад. Ин давраи таърихи тоҷикон, ки ҳодисаҳои зиёди муассирро дар мавриди тағйирёбии вазъ ва меъёрҳои сиёсиву таърихӣ ва адабиву фарҳангӣ таҷассум мекунад, аз ҷониби муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Сарчашмаи илмии омӯзиши ин асрро нахуст осори таърихиву адабӣ, чун тазкираву осори илмӣ ва мероси адабии суханварон, сониян, таҳқиқоти минбаъдаи муҳаққиқони маъруфи олам ифода менамояд. Тазкираву осори илмиву таърихии зиёде [1, 2, 6, 11, 17, 28, 20, 23] дар бораи вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии давр маълумот медиҳанд.

Аз байни сарчашмаҳои таърихӣ, илмӣ ва адабӣ, ки дар бораи вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии асри XVIII маълумоти амиқ, дақиқ ва боварибахш медиҳад, китоби “Тоҷикон”- и академик Бобоҷон Ғафуров мебошад. Зеро ин асар натиҷаи омӯзиш ва баррасии мавод ва маълумоти кулли сарчашмаҳои муътамади давр буда, академик Бобоҷон Ғафуров бо камоли таваҷҷӯҳ ва дақиқназарӣ ба хулосаҳои дурусти илмӣ расидааст. Мутобиқи маълумоти дақиқ ва боварибахши китоби “Тоҷикон” –и академик Бобоҷон Ғафуров, асри XVIII бо афзудани парокандагии феодалӣ оғоз шуда, махсусан, ин ҷараён дар даврони ҳукмронии кӯтоҳмуддати Убайдуллохон шиддат гирифт. Убайдуллохон аз охирин нафароне аз хонадони салтанати Ҷониён буд, ки мехост мақому манзалати ҳокимияти марказиро афзун кунад. Академик Бобоҷон Ғафуров барои омӯхтани зиндагинома ва шахсияти Убайдуллохон ба китоби “Убайдуллонома”-и Мирмуҳаммадамини Бухороӣ ва дигар маъхазҳои таърихӣ муроҷиат намудааст [64, 414]. Мутобиқи маълумоти ин асар ва муқоиса бо мадракҳои мавҷуда Убайдуллохон дар роҳи

марказонидани давлат аз амалиёти маромнок истифода бурдааст, ки он метавонист дар пайи хеш самараҳои некро ба бор орад. Мутаассифона, муваффақият пайдо накардани ин нияти Убайдуллохон сабаби фароҳам наомадани шароит ва заминаи мусоид маҳсуб мешавад. Боиси зикр аст, ки Убайдуллохон дар вазъияти ниҳоят сахт ҳукмронӣ мекард. Баъзе аз амирон ҳамчун хоҷагони соҳибихтиёр амал намуда, ҳокимияти марказиро эътироф намекарданд. Байни амирон низ зиддиятҳои сахт ба назар мерасид. Бо вуҷуди ин, ба қавли муаллифи китоби "Тоҷикон": "Мадракҳои ҷудогонаи ба ҳам овардашуда нишон медиҳанд, ки Убайдуллохон як системаи томи тадбиротеро пешбинӣ карда будааст, ки аз як тараф ба мустаҳкам сохтани пояҳои иқтисодии давлати ӯ ва аз тарафи дигар, ба роҳи аз ҷиҳати иқтисодӣ ва сиёсӣ заиф гардонидани амирон нигаронида шуда буд [64, 65].

Хулоса, феодалон ба ду ҷабҳа ҷудо шуда, гурӯҳе ҳукумати марказӣ ва гурӯҳе амиронро дастгирӣ менамуд. Мардуми заҳматкаш бошад, аз ҷангу низоъҳои байни феодалон ба дод омада, ба тарафдории ҳокимияти марказӣ ва зидди амирони исёнкор сар мебардоштанд.

Аз ин маълумот метавон натиҷа бардошт, ки задухӯрдҳои байнихудии хонҳо, бедодгарии феодалон мардуми Осиёи Миёнаро дар аҳди ҳукмронии Ҷониён ба ҳаёти пурмашаққат мувоҷеҳ сохтааст. Зулму ситами тоқатшикан ва истисмори феодалон, ҷангҳои дохилӣ, фақириву гуруснагӣ норозигии халқро меафзуд. Шӯришҳо ва қиёмҳои халқӣ монанди қиёми калонтарин ва зафармандонаи халқ соли 1703 дар Ҳисор, шӯриши Бухоро дар соли 1714 дар китобҳои гуногуни таърихӣ сабт гардидааст [64, 76]. Дар нимаи аввали асри XVIII ҷунбишҳои мардумӣ ниҳоят бисёр сар задаанд, ки онҳо Бухоро (1714), Самарқанд (1713), Балх (1719), Тошканд (1746)-ро фаро гирифтаанд. Дар ин давра вобаста ба шароити сиёсӣ иқтисод ҳам заиф мегардад ва баъзе аз шаҳру вилоятҳо дучори тороҷ ва харобӣ мегарданд, ки ба муддати тӯлонӣ ба худ омада наметавонанд. Бо вуҷуди ин, касбу ҳунар, тиҷорат кам - кам ривоҷ доштааст. Сайидои Насафӣ дар асари худ "Шаҳрошӯб" дар бораи беш аз дусад навъи касбу ҳунар маълумот додааст, ки гувоҳи андешаҳои мазбур аст.

Дар баробари ном бурдани анвои касбу ҳунар Сайидо аз он шикоят кардааст, ки ба колову осори ҳунарии мардум харидори воқеӣ ба назар намерасад:

**Дар таҳи гарди касодӣ шуд матоам поймол,**

**Рӯзгоре шуд хиҷолат аз дукон бошад маро** [21, 79].

Мутобиқи маълумоти китоби "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров ҳамин ҳолат аз нимаи дувуми асри XVII оғоз гардида, то нимаи аввали асри XVIII идома ёфтааст. Дар ин давра дар натиҷаи тохтутозҳо водии Зарафшон ба харобазор табдил ёфта, ҷиҳати қаҳтиву гуруснагӣ мардум Бухорову Самарқандро тарк кардаанд [64,76]. Азбаски Русия ба инкишофи тиҷорат дар Осиёи Марказӣ манфиатдор буд, давлати рус ба савдогарони осиёимиёнагӣ иҷозат дод, ки тиҷоратро дар тамоми Русия ба роҳ монанд ва махсусан, дар корҳои савдое, ки ба воситаи Сибир рӯйи кор меомад, имтиёзҳои фаровон доданд. Савдогарони Осиёи Марказӣ ба Русия бештар матоъ ва мансуҷоти пахтагӣ мебурданд. Дар ин давра Осиёи Миёна бо Ҳиндустон, Чин, Эрон робитаҳои тиҷоратӣ барпо кард, вале ҳаҷми муомилот ниҳоят хурд буд. Дар ин давра санъати меъморӣ ва ҳунарҳои мардумӣ низ рушд намуд, мадрасаҳо, манораҳо, гумбазҳои таърихӣ дар Бухорову Самарқанд бунёд шуданд.

Дар миёнаҳои асри XVIII Осиёи Марказӣ баробари он ки ҷиҳати харобиҳои иқтисодӣ хеле суст шуда буд, ба ҳуҷуми шоҳи Эрон – Нодиршоҳи Афшор рӯ ба рӯ гардид. Азбаски дар Осиёи Миёна давлати ягона вуҷуд надошт ва дар сари давлат намояндаи сулолаи Ҷониён Абулфайзхон меистод, ӯ наметавонист, пурра вазъиятро зери назорати худ қарор диҳад. Дар китоби Мирзо Абдулазими Сомӣ омадааст, ки Абулфайзхон ҳамчун амир қудрати давлатдориро аз даст дода буд. Чунончи, менависад: "Абулфайзхон бошад, ба лиҳози тиҳияти фаросату заковату қобилият аз аспи айшу тараб поён намешуд, аз суҳбати писарону духтарони моҳлиқо берун намеомад ва ба ҷуз ошомидани шароби нобу баҳра бардоштан аз зебописарону лаззат гирифтан аз ҳофизону машшоқон дигар ба ҳеҷ кор шуғл наменварзид. Ин буд, ки кори давлат рӯ ба инқироз ниҳод ва аҳкоми шариат аз доираи риоят маҳрум гардид. Ҳар кас тамаъи сардорӣ дошту ҳар фард ғарази раҳбарӣ" [23,68].

Оид ба вазъи он даврон муҳаққиқ ва муаррихи номвар А.Семёнов менависад: "Ва ҳамин вайронии аз ҳад гузарони давлати охирини Аштархонӣ, ки аз бенизомӣ ва худсариҳои гурӯҳи ҳукмрон, амирони худком, тамаъкор ва фосиқ рух дода буд, дар давлати хонӣ чӣ андоза ба таназзул расидани қувваҳои истеҳсолкунанда ва чӣ дараҷа қашшоқу хонабардӯш гардидани аҳолиро ба таври возеҳ аён месозад"[144, 87].

Муҳимтарин воқеаи нангин, ки ба зиндагии мардум таъсири манфӣ расонид, ба қаламрави Нодиршоҳ ворид шудани Бухоро буд. Баъдан, бо ҷангу ҷидол Нодиршоҳ Хеваро низ ба зери тасарруфи худ даровард. Танҳо соли 1747 баъди кушта шудани Нодиршоҳ аз дасти дарбориёни худ ҳукмронии Манғития оғоз ёфт ва бисёре аз вилоятҳо, аз ҷумла, Самарқанд ва Ҳисор тобеи онҳо гардид. Танҳо Ӯротеппа, ки ба ҳайати он Хуҷанд, Ҷиззах ва чандеи дигар кишварҳо дохил мешуданд, ҳамчун мулки мустақил боқӣ монд.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаву навиштаҳои муҳаққиқини мазкур, мудҳиштарин даврони зисту эҷоди суханвару сухансанҷони мавриди назар аз айёми салтанати амир Абулфайзхон (1711-1747) оғоз меёбад, ки дар асари айшу нӯш ва фисқу фасод нуфузашро аз даст додаву бозичаи дасти аъёну ашрофи дарбору атроф гардида буд.

Мутобиқи навиштаи Хоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхони Хӯқандӣ (дар "Мунтахаб-ут-таворих"): "Чун Абулфайзхон бар сарири салтанат нишаст, дасти татовул ба раъият кашиду ҷавонони моҳрӯю канизони сарвқадро ҷамъ оварда, ба айшу ишрат машғул гашт. Дар мамолики Мовароуннаҳр бар сари ҳар кас ҳавои ҳукумат буд, сар бардошт"[25, 105б].

Абдулазими Сомӣ (дар "Туҳфаи шоҳӣ") сабаби ноороммиву бенизомиҳои даврони салтанати хони номбурдаро чунин тафсиру тафсил додааст: "Абулфайзхон аз ҷиҳати адами рушду қобилият майл ба ҷониби ҳавои нафсонӣ карда, ба мусоҳабати амраду нисвон рағбат намуда, ғайр аз таҷарруъи бодаи арғавонӣ ва таъайюш бо амраду ағонӣ коре надошт. Ҳар ҷо

амраде ҳасанаву зане ҷамила шунид, бо зӯру заҷр аз хонаҳо берун кашиду мутасарриф шуд” [23,21].

Белаёқативу бесалоҳиятӣ дар давлатдорӣ ва фасоди ахлоқии Абулфайзхон, толону ғоратгарии гумоштагони ҳукумати марказӣ ва феодалони маҳаллиро пурқувват намуданд, аз итоати ҳукумати марказӣ сар кашидани ҳокимони музофотӣ авҷ гирифта, ҷангу ҷидоли байниҳамдигарии хону маҳаллу қабилаҳо шиддат пазируфт. Вилоятҳои Балху Фарғона, Ҳисору Бадахшон ва Шаҳрисабз худро комилан мухтору мустақил эълон карданд. Кор ба ҳадде расида, ки Раҷабхон ном марде аз қазоқони ба зери фишори қалмоқ омадаву ба ҳудуди аморат фироришударо бо худ гирифта, Самарқанду Миёнколот ва бахше аз туманҳои Бухороро тасарруф намудааст.

Муҳаммад Яъқуб дар “Гулшан-ул-мулук” дар тафсири ин воқеа ва дигар ваҳшату даҳшати он замон овардааст, ки “он ҷамоа муддати ҳафт сол пай дар пай дар айни расидан ҳосилоти зироати мобайни Самарқанду Бухороро талаф карданд. Ба Мовароуннаҳр қаҳтӣ шуд. Гӯшти одам ғизои мардум буд. Мурдаро ба гӯр намебурданд, мехӯрданд! Ҳар кас ба ҳар ҷониб, ватани худро гузошта рафтанд. Дар Бухоро ду гузар монду дар Самарқанд аҳаде намонд” [142,257].

Вазъи мамлакату мардуми он дар замони салтанати Раҳимбӣ (1747-1758)-у Дониёл (1758-1785) ва баъди он ҳам беҳбудӣ намеёбад. Кофист, дар ин хусус андешаҳои Аҳмади Донишро (дар “Рисолаи таърихӣ”) гувоҳ оварем, ки вазъи замонаро ба хубиву равшанӣ рӯйи коғаз овардааст: “Дар айёми ҳукумати амир Дониёл ба доруламорати Бухоро хеле тафовути фоҳиш дар умури миллатӣ воқеъ шуда, аксари мадорису масоҷид аз дарсу намоз таътил ёфта, ҳуҷароти мадорис каҳхонаи хари обкашу ғалладони баққол шуда, шуъла аз чароғи бевазану нон аз анбори авқоф дуздида, ба масрафи шикаму фарҷи худ мерасониданду касеро маҷоли бозхост набуду бозори хамру қимор ва фисқу фасод бисёр ривоҷу гарм буда, дар миёни умарову ҳукком, лекин фуқарову раоёро маҷоли ҳаракату сукут набуда, аз фарти зулму заҷру олуқу солуқ мисли аминонаву вакилонаву арзонии никоҳу

қиматии никоҳона... Вазорати Бухоро дар уҳдаи Давлат-Қушбегӣ буда -марде фосиқу саффоки бебок ва мансаби қозикалон дар қабзаи қозӣ – Низомиддин, ки шориби хамру арақ буда...” [10, 12-13].

Зиндагии Шӯхии Хуҷандӣ ва чанд нафар аз адибони соҳибназар маҳз дар ҳамин даврон сурат пазируфт, ки аз назари сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ осон набуд. Бо вуҷуди як андоза аз гирудори замона барканор будани Хуҷанд воқеаву ҳаводиси рухдода ба ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии он таъсири манфии худро мерасонид.

Ҳаёт ва рӯзгори ин давр дар баробари инъикос ёфтанаш дар осори таърихӣ ва солномаҳои таърихӣ дар нигоштаҳои адибон – шоиру нависандагон ба назар мерасад. Дар осори ин суханварон аҳволи вазнини Мовароуннаҳри даврони Абдулазизхон ва Субҳонқулихон аз назари танқидӣ инъикос ёфтааст. Бесару сомониҳо дар мамлакат, иллату касофатҳои давлатдорӣ, муносибати золимонаи хонҳои давр дар ин гуна асарҳо возеҳ ба назар мерасад. Бештарини муҳаққиқон ҳини аз нуқтаи назари адабӣ баҳо додан ба вазъи ин асрҳо ба тазкираи Малеҳои Самарқандӣ такя менамоянд.

Дар ин давра дар баробари дигар ҷабҳаҳои ҳаёт ва соҳаҳои хоҷагии халқ адабиёт низ ба тавре рушд кардааст. Муҳаққиқон бар онанд, ки адабиёти нимаи дувуми асри XVII ва ибтидои асри XVIII нисбат ба адабиёти асри XVI рӯ ба тараққӣ ниҳод. Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки оид ба забон ва адабиёти тоҷик дар замони ҳукумати амирони Манғит ва ҳокимони Хоразму Фарғона, ки мавриди баҳс қарор хоҳад гирифт, масъалаи мақому манзалати забони тоҷикӣ мебошад. Баъди аз саҳнаи сиёсӣ берун шудани хонадони Аштархониён Раҳимбии манғит ба сари қудрат омад. “Вожаи “манғит” маъхуз аз номи қабилаи Раҳимбӣ мебошад” [124, 332]. Ҳамчуноне ки зикр шуд, Осиёи Миёна ба се давлати хурд, вале ниҳоят заиф қисмат шуд, ки бо номи “Аморати Бухоро”, “Хонигарии Хоразм” ва “Хонигарии Фарғона” пазируфта шуд. Забони тоҷикӣ дар Осиёи Миёна ба мушкилоти сахт рӯ ба рӯ гардид. Қабилаҳои ҳокими туркзабон мехостанд, ки забони худашонро ба муомилот ворид кунанд. Дар баробари ин, забони давлати рус ҳам мехост,

дар Осиёи Миёна мақом пайдо кунад. Бар муқобили ҳамаи ин мушкилот ва кӯшишҳо забони тоҷикӣ тавонист, мақоми асосии худро ҳифз намояд. Санадҳои расмӣ, мактубҳо, ҳуҷҷатҳои давлатӣ куллан ба забони тоҷикӣ навишта мешуданд. Чунончи, суханшиноси маъруф Носирҷон Маъсумӣ дар ин бора навиштааст: "Дар асрҳои XVIII-XIX дар замони салтанати манғитҳо забони тоҷикӣ роли умумиҷамъиятӣ ва аҳамияти адабиву давлатии худро пурра нигоҳ дошта тавонист"[100,101].

Донишманди фарҳехта, адабиётшинос Абдулманнони Насриддин дар бораи мақому манзалати забони тоҷикӣ-форсӣ ва шеъри тоҷикӣ дар асри мазкур чунин қайд мекунад: "Гузашта аз ин, дар осори адабии навишташуда ба забони туркии мовароуннаҳрии забону адаби форсӣ нақши муассир дорад. Мусталеҳоти шеър ҳамон таъбироти мутадовили форсӣ ҳастанд, ки дар либоси туркӣ гуфта мешуданд. Дар сувари хаёл ва шабакаи тасвир ҳамчунин нақши боризи адаби форсӣ маҳсус аст. Заминаҳои аслии ин вежагӣ дар он собит аст, ки ҳамаи суханварони туркзабон тарбиятёфта дар мактаби шеъру адаби форсӣ буданд. Улгуи адабии эшон шеъру адаби форсӣ буд" [124, 333].

Боиси зикр аст, ки аксари суханварони аҳди манғит ҳам ба забони тоҷикӣ ва ҳам ба забони туркӣ шеър гуфтаанд. Вале ҳамоно мақому манзалати забони тоҷикӣ чӣ аз назари мусталеҳоти шеърӣ ва чӣ аз лиҳози сифат ва гироиши ҳунарӣ, сувари хаёл ва шабакаи тасвир имтиёзи бештареро молик буд. Аксари ашъори шоироне, ки ба забони туркӣ эҷод мекарданд, барои хонандаи тоҷикзабон душворие надошт, зеро аксарияти нигоштаҳои онҳо аз забони тоҷикӣ сарчашма мегирифт. Чунончӣ, дарку фаҳмиши матни зерини Муҳаммадниёзи Нишотӣ барои ҳар як тоҷик мушкилоте эҷод намекунад:

**Ҳамдам оҳу ҳамнафас афғон бахолиғ банд-банд,**
**Руҳ маҳзун, ҷон ҳазин, хотир ғамин суҳбат газанд.**
**Ҳамраҳим ғам, мӯнисим дарду рафиқум дур ано,**
**Маҳрамим меҳнат, шафиқим марғ, ҳамдардим қазо**
[61, 191].

Муҳаққиқоне, чун Расул Ҳодизода, Усмон Каримов, Садрӣ Саъдиев дар таҳқиқи адабиёти асри XVIII таҳти истилоҳи “адабиёти пешқадам” ба осори суханвароне монанди Мирзо Содиқи Муншӣ, Носеҳи Хатлонӣ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Мирзо Атои Бухороӣ, Шавқии Каттақӯрғонӣ, Маҳзуни Самарқандӣ, Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ, Фориғи Ҳисорӣ баҳогузорӣ кардаанд. Ба андешаи онҳо: “Эҷодиёти ин шоирон ҳанӯз аз маҳдудиятҳои таърихӣ озод набуданд, вале бо вуҷуди ин, ҳамон ғоя ва мазмунҳои пешқадами эҷодиёти онҳо дар худ равияи пешқадами адабиёти даврро таҷассум мекард” [86, 86-90].

Дар осори ин суханварон авзои муҳити зист инъикоси худро ёфта, масъалаҳое, монанди бемурувватии давру фалак, беқадрии аҳли фазлу камол, зиндагии вазнини суханварон, танқиди золимон, накди рафтори нафратангези шайху зоҳидон ва монанди инҳо инъикос ёфтааст. Яке аз мавзӯъҳои меҳварии адабиёти пешқадам танқиди замон ва инъикоси аҳли фазлу илм мебошад, чунончи, Мирзо Содиқи Муншӣ – аз суханварони намоёни ин давр оид ба зери таънаву масхара мондани аҳли илму ҳунар навишта буд:

**Содиқ, ба яқин дар ин замона,**
**Ҷуз айби ҳунар чу нест, акнун.**
**Ҷаҳл аст ба олам ошкоро,**
**Изҳори ҳунар макун, ки айб аст** [86, 249].

Дар ашъори Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ низ масъалаи мазкур возеҳ ва равшан ифода ёфтааст. Шоир бетамизиҳои афроди замонашро зери тозиёнаи танқид гирифтааст:

**Дилам аз бетамизиҳои абнои замон хун хӯрд,**
**Набудӣ, кош, лавҳи хотирамро нақши идроке** [86, 86-90].

Мирзо Атои Бухороӣ дар байти зер зиндагии сахту камбағалонаи хешро ба қаламӣ тасвир дода, бар он ақида аст, ки фалак ба мардуми доно раҳм надорад:

**Донишварон зи фазлу ҳунар хуни дил хӯранд,**

**Бингар, фалак ба мардуми доно чӣ кардааст** [86, 249].

Дар осори суханварон густариш ёфтани ин мавзӯъ бесабаб набуд, зеро воқеаҳои бавуқуъомадаи ин давр, махсусан, ҷангҳои хонумонсӯз боиси ривоҷи зулму ситам гардид. Хусусан, манғитҳо бо вуҷуди бесаводиву камдонишӣ соҳиби вазифаҳои баланд гардиданд ва онҳо ҳаргиз ба қадру қимати адабиёт, шеър ва умуман, аҳли фазлу адаб намерасиданд. Аз ин рӯ, агар як бахши мавзӯи ашъори адибони пешқадам танқиди замон бошад, бахши дигари онро эътирозашон нисбат ба ҳолати бавуҷудомада, махсусан, муҳити тираву торро  дар бар мегирифт.

Дар заминаи вазъи бавуҷудомада шоирони пешқадам бо роҳу усулҳои мухталиф фикру андешаи хешро баён мекарданд, ки дар натиҷа ҷанбаҳои тозаи ҳунарӣ рӯйи кор меомад. Аз ҷумла, ҳаҷв ва ҳазл яке аз воситаҳои муносиби ифодаи фикр маҳсуб мегардид.

Дар ашъори суханварони ин аср зулму ситами золимони замон низ мавриди танқид қарор гирифтааст. Агар яке аз сарчашмаҳои рӯзгори вазнини мардум ҷангу хунрезиҳо бошад, манбаи дигари он, ки аз аввалӣ паёмади бадтареро дар худ ифода мекунад, ин зулму асорати ҳокимони замон буд.  Ин мавзӯъро на танҳо аз дохили девонҳо дарёфтан осон аст, балки  ба ин мавзӯъ манзумаҳои алоҳида, асарҳои мукаммале, монанди «Дахмаи шоҳон», «Қазову қадар»-и Мирзо Содиқи Муншӣ, «Маҷлисафрӯз», «Ҳайратангез»-и  Носеҳи Хатлонӣ ва чандеи дигар иншо гардидаст. Яъне, агар қаблан суханварон бо рамзу киноёт ва ишораҳо аз зулму бедодӣ ёд мекарданд, пас дар ин гуна асарҳо замона ва афъоли золиминро мавриди танқид қарор медоданд. Чунончи, Носеҳ дар яке аз ҳикоятҳои маснавии «Ҳадиқат-ур-расул» менависад:

**Хонаи золим бувад охир хароб,**

**Оқибат бар гарданаш афтад таноб.**

**Кун ҳазар аз оҳи ҳар бечорае,**

**Ҳаст оҳаш ханҷари хунхорае.**

**Дукҳои оҳи кампирони зор,**
**Бадтар аст аз найзаҳои обдор.**
**Боядат з-он қавм кардан эҳтироз,**
**Ҳезуми хушкӣ ту, бо оташ матоз.**

Дар ин гуна ашъор дар баробари зулму ситам хислатҳои бади инсонӣ, ки бештари онро ҳокимону золимон молик буданд, аз қабили такаббуру ғурур, ҳирси мол, фисқу фуҷур, фитнаву дурӯғ ва ғайра мавриди интиқод қарор гирифтааст.

Муҳимтарин истилоҳҳои бакорбурдаи суханварон дар мавриди танқиди замон, аз қабили «абнои замон», «аҳли дун», «сифлатабъ», «фиребомода», «ҷуҳҳол», «душмани бадхӯй», «нотавонбин», «хартабъ», «тунуксармоя», «сифлатабиат», «вартаи сифла» мебошанд.

Шӯхии Хуҷандӣ фармудааст:

**Бо бехирадон рӯй макун гуфтаӣ, Шӯхӣ,**
**Ҷуҳҳол чӣ донанд баҳои гуҳари мо** [34,64а].

Шоирони озодандеш дар баробари танқид ҳамешагӣ худро ҳамчун инсон ва афроди озодманиш аз ин мардуми пастфитрат боло мегузоштанд. Ҳарчанд фарёдашон ба авҷи фалак мерасид, вале сари таслим фуруд намеоварданд. Ҳамчунон ки Шӯхӣ мефармояд:

**Суҳбати ширинлабон бошад ба коми Хусравон,**
**Хуни ҳасрат мечакад аз тешаи Фарҳоди ман.**

**Аз тааллуқ баски дилгир аст, Шӯхӣ, мекунад,**
**Поймоли афсари шоҳӣ сари озоди ман** [34,254].

Чунонки зикр шуд, дар осори суханварони ин давр ҳаҷву масхара ва танқид густариш ёфт. Ҳарчанд ҳаҷву танқид дар адабиёти мо собиқаи тӯлонӣ дорад, дар асри XVIII бино бар афзудани таассуби динӣ он аҳамияти бештареро ба даст овард, зеро таассуби динӣ садди роҳи инкишоф ва рушд дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ гардид.

Ҳамин тариқ, дар асри XVIII адабиёт дар маҷрои хосаи худ бо инъикоси воқеаҳои замон, гирудор, бурду бохт ва монанди инҳо пеш мерафт. Адабиёт ҳамчун давоми таърихи беш аз нуҳсадсолаи хеш рисолаташро адо намуд. Омӯзиши осори шоирони ин давр на танҳо ифодагари воқеаҳои замон, масъалаҳои мубрами рӯз, балки баёнгари рушди ҳунар ва адабиёт дар асри мазкур мебошад.

Адабиёти асри XVIII - и тоҷик бо вуҷуди нобасомониҳои замон, рукуд ва таназзули иҷтимоӣ новобаста ба вазъи ноҳинҷори сиёсиву иқтисодӣ инкишоф меёфт, анъанаи деринаи адабиро такмил мебахшид ва ба ҷомеа таъсири худро мегузошт.

Вазъи адабии давр аз ҷониби муҳаққиқоне, монанди устод Садриддин Айнӣ, Абдулғанӣ Мирзоев, Холиқ Мирзозода, Расул Ҳодизода, Садрӣ Саъдиев, Усмон Каримов [2; 3; 105;106; 107; 109; 110; 86; 87; 84, 143; 156-158 ] ва дигарон ҳарчанд мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтааст, вале ҳанӯз паҳлӯҳои норавшани таърихи адабиёти ин давр мавҷуд аст, ки такмилу баррасии онҳо муҳим ва муфид аст.

Мавриди зикр аст, ки адабиёти ин давра ҳам дар дарбори умарову салотини Аштархониву Манғития ва ҳам берун аз дарбор ривоҷ пайдо кард. Махсусан, адабиёти берун аз дарбор шомили вежагиҳои хос буд. Мутобиқи андешаи Абдулғанӣ Мирзоев мероси адабии ин давра ҳаргиз "ниҳоятдараҷа ночиз" набудааст [105, 23].

Дар сарчашмаҳо омадааст, ки дар асрҳои XVIII-XIX дар Мовароуннаҳр бештар аз 600 нафар шоиру суханвар фаъолияти адабӣ дошта, аксарашон соҳибдевону соҳибунвон будаанд.

Оид ба вазъи мактабҳо, ҳавзаҳо, доираҳои адабӣ, муҳити эҷодӣ, ҷараёни зиндагии суханварон, мазмун ва мундариҷаи осори онҳо сарчашмаҳои муътамад, монанди "Мазҳар-ул-мусаннифин"-и Муҳаммадамини Насафӣ (дар нимаҳои дувуми асри XVII офарида шудааст), "Маҷмӯат-уш-шуаро"-и Фазлии Намангонӣ (соли хатми таълиф 1822), "Музаккир-ул-асҳоб"-и Малеҳои Самарқандӣ (соли хатми таълиф 1862),

“Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб”-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ (соли таълиф 1870), “Тазкира”-и нотамоми Мирзо Абдулазими Шаръӣ (дар нимаҳои дувуми асри XIX навишта шудааст), ду “Тазкират-уш-шуаро”-и Мирсиддиқи Ҳашмат (яке солҳои навадуми асри XIX, дигаре соли 1905), “Тазкират-уш-шуаро”-и Мирзо Абдуллоҳи Абдӣ (соли хатми таълиф 1904), “Тазкор-ул-ашъор”-и Садри Зиё (байни солҳои 1905-1907 нигошта шудааст), “Афзал-ут-тазкор фӣ зикр-иш-шуаро ва-л ашъор”-и Афзал Махдуми Пирмастӣ (соли 1904 ихтитом ёфтааст), “Тазкират-уш-шуаро”-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам (соли хатми таълиф 1910), “Намунаи адабиёти тоҷик”-и Садриддин Айнӣ (соли нашраш 1926), “Намунаҳои адабиёти тоҷик”-и коллектив (1940), тазкираи панҷҷилдаи “Гулшани адаб” (ҷ.5, 1980); ёддошту таърихномаҳои пурқимате, чун “Мунтахаб-ут-таворих”-и Хоҷа Муҳаммад Ҳакимхони Хӯқандӣ (соли таваллуд 1802), “Туҳфаи шоҳӣ” –и Мирзо Абдулазими Сомӣ (соли вафот 1890), “Таворихи манзума” –и Имомалии Қундузӣ (XIX ибтидои XX), “Таърихи амирони манғития”-и Садри Зиё (1868-1932), “Таърихи ҳумоюн”-и Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ (1810-1910), “Даврони ҳукмронии Амир Олимхон”-и Абдурраufи Фитрат (1886-1938), “Наводир-ул-вақоеъ”(байни солҳои 1875-1890 офарида шудааст) ва “Рисолаи таърихӣ” (дар давоми солҳои 1894-1898 иншо гардидааст)-и Аҳмади Дониш (1828-1896), “Ёддоштҳо”(дар давоми солҳои 1948-1953 таълиф ёфтааст)-и Садриддин Айнӣ (1878-1954), “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров (1909-1977) маълумот медиҳанд.

Зиндагинома ва осори чанде аз адибон аз ҷониби муҳаққиқон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст ва рисолаҳои алоҳида ба тасвиб расидаанд, ки дар заминаи он вазъи умумии адабии асри XVIII то андозае ба қалам омадааст. Дар бораи маъруфтарин суханварони ин аҳд, осори адабӣ ва мақому мавқеи онҳо аз сарчашмаҳои муътабари таърихӣ ва адабӣ метавон иттилоъ ёфт [2; 3;105;107; 108; 92; 109; 100; 101; 45; 24; 6; 26; 103;16; 17; 20;84; 85;124].

Мусаллам аст, ки барои равнақу ривоҷи шеъри Мовароуннаҳр таъсири занони суханвар калон аст. Аз шоира Робиаи Балхӣ сар карда, то Маҳастии Хуҷандӣ силсилаи зиёди бонувони сухандону сухангӯйро метавон зикр кард, ки осорашон дар саҳифаҳои таърихи адабиёт ҳамчун намунаи беҳтарини эҷод сабт шудааст. Дар қарнҳои XVIII-XIX низ бонувони шоир чун Макнуна, Увайсӣ, Маҳзуна, Зебои Хуҷандӣ, Анбаротун зиндагӣ ва эҷод кардаанд, ки маъруфтарини онҳо Макнуна мебошад ва дар шеъри туркияш бо тахаллуси "Нодира" маъруф аст.

Дар бораи бонувони суханвари тоҷик, аз ҷумла, шоираҳои ин аср чанд таҳқиқоти арзандае рӯйи кор омадаанд, ки онҳо дар муайян кардани мақому манзилати бонувони ин аср дар пешрафти адабиёт маълумоти тоза ва таҳқиқиро ифода мекунад. Аз ҷумла, асари номзади илмҳои филология Дилором Ваҳҳобзода дар ин самт сухани навро ба бор овардааст [60].

Муаллифи мақолаи “Адабиёти форсии Фарорӯд аз суқути Темуриён то охири аҳди Манғит” Абдулманнони Насриддин [124, 304] якчанд манбаи адабиро аз қабили “Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб”-и Возеҳи Бухороӣ, “Тазкират-уш-шуаро”-и Неъматуллоҳи Муҳтарам, “Тазкират-уш-шуаро”-и Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ, “Тазкират-уш-шуаро”-и Садри Зиё, “Тазкират-уш-шуаро”-и Сиддиқхони Ҳашмат ва чанде дигарро зикр кардааст, ки далели андешаҳои боло мебошанд. Дар баробари ин, яке аз сарчашмаҳои муътамад ва боэътибори таърихи адабиёти ин давра нусхаҳои қаламӣ ё нашрҳои сангии осори адибони ин давр маҳсуб мешавад. Омӯзиши амиқ, таҳлилу баррасӣ ва муқоисаву муқобалаи илмиву таърихӣ имкон фароҳам меорад, ки дар баробари муайян кардани аҳвол ва рӯзгори ин ё он суханвар баъзе масъалаҳои марбут ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давр низ равшан гардад. Дар ин маврид метавон якчанд таҳқиқоти илмӣ ва адабии марбут ба ин даврро ёдрас кард, ки то ҳадде барои расидан ба ин матлаб хидмат кардааст [30; 36; 124].

Дар асари пурарзиши адабиётшинос Абдулманнони Насриддин “Тазкираи шуарои Хуҷанд”[125], ки дар он ном ва намунаи осори

суханварони зиёде, ки дар нимаи дувуми асри XVIII умр ба сар бурда, ҳамзамони Шӯхии Хуҷандӣ маҳсуб мешуданд, маълумот дода мешавад.

Дар китоби мазкур дар бораи Нозили Хуҷандӣ низ баъзе маълумоти ҷадид ба даст мерасад. Гузашта аз ин, якчанд намунаҳои нави ашъори Нозили Хуҷандӣ бори аввал дар тазкираи мазкур рӯйи чопро дидааст.

Ҳамчунон ки таъкид шуд, адабиёти асри XVIII ба таври куллӣ омӯхта нашудааст. Аммо он корҳои пажӯҳишӣ ва ҷолибе, ки дар ин хусус ба анҷом расидааст, дар маҷмӯъ наметавон сарфи назар кард. Онҳо барои даст задан ба пажӯҳишҳои ҷомеъу фарогир ва ё омӯзиши куллии ин ё он масъалаҳои таърихи адабиёти асри мазкур ҳамчун сарчашма ва раҳнамо хидмат хоҳад намуд.

Дар ин давраи адабиёт маъруфтарин шоир, Шайдои Хуҷандӣ мебошад, ки аз авлоди донишманди бузург, пешвои сулуки нақшбандӣ Хоҷа Аҳмади Косонӣ маҳсуб мешавад. Ӯро дар таърих бо номи Эшони Шайдо ёд мекунанд ва ӯ аз пайравони Баҳоуддини Нақшбанд маҳсуб мешавад. Абдулманнони Насриддин Шайдои Хуҷандиро шоири соҳибдевон номида, тазаккур медиҳад, ки теъдоди зиёди нусхаҳои хаттӣ аз ӯ боқӣ мондааст. Аз осори Шайдои Хуҷандӣ дар “Тазкираи шуарои Хуҷанд” намунаҳои зиёде оварда шудааст, ки аз табъи баланди шоир гувоҳӣ медиҳад. Шайдои Хуҷандӣ ба шоироне, монанди Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Соиби Табрезӣ, Сайидои Насафӣ ва Бедили Деҳлавӣ пайравӣ кардааст. Чунончи, худи шоир мегӯяд:

**То Ҳофизи Шероз ба комам намаке рехт,**
**Шайдоӣ, аз он лаззати гуфтори баланд аст** [125, 164].

Ахиран, дар мавриди зиндагӣ ва осори Шайдои Хуҷандӣ таҳқиқоти мукаммале, бо номи “Аҳвол ва осори Шайдои Хуҷандӣ” (сохтор, мавзӯву мундариҷа, вежагиҳои девон) [128] ба чоп расид, ки зиндагӣ, фаъолият ва ашъори шоир барои хонандаи имрӯз муаррифӣ гардид. Гузашта аз ин, аз ҷониби муаллифи ҳамин рисола адабиётшинос Мавлуда Неъматова нусхаи илмӣ-интиқодии девони комили Шайдои Хуҷандӣ дар асоси чаҳор нусха

нашр гардид [30]. Воқеан, ба риштаи таҳқиқ кашида шудани осори Шайдо ва чопи девони ӯ собит кард, ки адабиёти асрҳои XVIII-XIX ифодагари назми воло ва пурмазмуни суханварони тоҷик мебошад.

Шӯхии Хуҷандӣ низ аз қиболи адибони соҳибқалам ва боистеъдодест, ки зиндагиву фаъолияташ ба ҳамин давраи на чандон мукаммал омӯхташуда рост меояд. Аз ин рӯ, дар баробари ба эътибор гирифтани маълумоти сарчашмаву маъхазҳо, китобҳои илмиву таърихӣ такя кардан ба осори адабии шоир мувофиқи матлаб аст.

Адабиёти асри XVIII идомаи мантиқии анъанаҳои суханварӣ ва суханпардозии садаҳои пешин ба ҳисоб рафта, аз нуқтаи назари анвоъ ва жанри адабӣ анъана ва суннатҳои деринаро такмил бахшидааст. Дар ин аср маъмултарин анвои адабӣ инҳо буданд:

Навъи ғазал дар асри XVIII чун қарнҳои қаблӣ мақоми бештаре нисбат ба анвои дигари адабӣ дар худ касб карда буд. Аксари шоирони ин давр дар навиштани ғазал мумтоз ва пешдаст буданд. Дар асрҳои XVIII-XIX дар ҳавзаи адабии Фарғона чандин шоироне, монанди Мирзо Содиқи Муншӣ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Нозили Хуҷандӣ, Мирзо Олимҷони Ҳасрат, Раҳматуллоҳи Музтар, Мирзо Атои Бухороӣ ва дар радифи инҳо Шӯхии Хуҷандӣ низ ҳамчун ғазалсаро маъруфият пайдо карда буданд. Аксари девонҳои шоирони мазкур аз ғазал иборат буданд, ба як маънӣ ривоҷу такомули адабиёт маҳз ба ғазал вобастагӣ дошт. Аз ҷониби дигар, ба истеъдод ва мақому манзилати шоир аз сатҳи ғазалсароии ӯ баҳо медоданд.

Мавриди зикр аст, ки навъи ғазал чӣ аз назари аносири шаклӣ ва чӣ аз назари мазмуну мундариҷа идомаи анъанаи бештар аз 800-солаи ғазалсароии тоҷикон ба ҳисоб меравад. Аз лиҳози сабку услуб ва фарогирии мавзӯву мундариҷа таъсири ғазали суханварони асри XVII бештар эҳсос карда мешавад. Ҳамин тариқ, ғазал як навъи маъмултарин дар шеъри асри XVIII ба ҳисоб меравад.

Жанри дигари маъруфи ин давра маснавӣ мебошад, ки давраи аз нав рӯй ба таҳаввулот овардани он аз асри XVII сарчашма мегирифт.

Суханварони ин аҳд дар пайравӣ ба устодони сухан қиссаҳои маъруфи деринаро чун "Юсуф ва Зулайхо", "Лайлӣ ва Маҷнун" ба силки назм кашиданд. Агар дар оғоз Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ ва Салоҳи Бухороӣ барин шоирон дар идомаи анъанаҳои деринаи адабиёт достонҳои "Юсуф ва Зулайхо" ва "Лайлӣ ва Маҷнун" эҷод карда бошанд, пас, баъдтар Мирзо Содиқи Муншӣ, Носеҳи Хатлонӣ, Масеҳои Бойсунӣ дар мавзӯоти нав маснавӣ навиштаанд. Аз ҷумла, "Дахмаи шоҳон"-и Мирзо Содиқи Муншӣ, "Маҷлисафрӯз"-и  Носеҳи Хатлонӣ, "Раъно ва Зебо"-и Масеҳои Бойсунӣ аз қабили онҳо мебошанд. Шоир Носеҳи Хатлонӣ таҳти унвони "Ҳайратангез" ва "Ҳадиқат-ур-расул" ду маснавии дигар назм кардааст.

Жанри маснавӣ дар ин давра бештар ба назар мерасад, ки ин аз таъсири воқеа ва ҳодисаҳои бавуқӯъпайвастаи замон мебошад. Ҳарчанд маснавиҳои ин аҳд аз назари эҷоди ҳунарӣ дар пояи осори адибони асрҳои XIV-XV қарор наметавонанд гирифт, вале мавзӯъ ва мундариҷаи он шоистаи омӯзиш буда ифодагари замон аст.

**Н**авъи адабии рубоӣ низ дар адабиёти асри XVIII раванди тозае пайдо карда, дар охирҳои аср бештар мавриди эҷоди суханварон қарор гирифт. Рубоӣ дар осори адабии суханвароне монанди Носеҳи Хатлонӣ, Нозили Хуҷандӣ, Шавқии Каттақӯрғонӣ, Мирзо Содиқи Ҷондорӣ бештар аз дигарон ба назар мерасад. Дар девони Нозили Хуҷандӣ бештар аз 270 рубоӣ нашр шудааст, ки аз ривоҷи ин навъи адабӣ дар асри XVIII хабар медиҳад [85, 21]. Нозил дар нигориши рубоӣ як навъ ихтироъкориро ба роҳ мондааст. Аз ҷумла, бештар аз 80 рубоии вай дар заминаи зарбулмасалҳо эҷод шуда, аз ҷиҳати мазмун рубоиёти ирсоли масал аст.

Дар ин давра жанри адабии қасида ба бухрони шадид рӯ ба рӯ шудааст, зеро адабиёти дарборӣ як андоза ба суқут рафт ва камтарин намунаҳои қасидаро метавон мушоҳида кард, ки онҳо аз назари ҳунари суханварӣ арзиши баландро молик нестанд.

Рӯйи кор омадани жанри адабии мухаммас марбут ба авҷи аъло расидани пайравию татаббӯъ ба осори адибони гузашта ё ҳамзамон мебошад.

Мухаммас яке аз шаклҳои душвори назм маҳсуб шуда, мисраъҳои илованамудаи шоири мухаммасбанд дар баробари ҳамвазну ҳамқофия будан бо ғазали интихобкарда аз лиҳози мазмуну мундариҷа низ бояд мувофиқ бошад. Аз ин рӯ, мухаммаснависӣ дар майдони адабиёт сабқатеро дар байни адибон рӯйи кор овард. Дар ин давра ҳамчунин баъзе аз навъҳои адабӣ аз қабили муқаттаот, мусаммат низ ба назар мерасид.

Ҳамин тариқ, замони зиндагии Шӯхии Хуҷандӣ ба ибтидои асри XVIII рост меояд, ки зиндагии мардум осон набуд, мушкилоти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба зиндагӣ ва фаъолияти ин суханвар бетаъсир нест. Шӯхии Хуҷандӣ ва осори ӯ дар муҳите рӯйи кор омад, ки дар саргаҳи он суханвароне, монанди Сайидо, Фитрат, Мулҳам, Малеҳо ва падари шоир Шайдои Хуҷандӣ қарор доштанд. Ҳамчунин ба зиндагӣ ва осори Шӯхии Хуҷандӣ адабиёти онзамонаи Эрону Ҳиндустон низ бетаъсир набуд. Шӯхии Хуҷандӣ ҳамчун аламбардори адабиёт, идомабахши кори падараш Эшони Шайдои Хуҷандӣ дар замони пурихтилоф ва пуршӯру шари асри XVIII умр ба сар бурда, тавонист, бо ашъори пурмазмуну баландмаънои хеш нақши азиме дар таърихи адабиёти мо гузорад.

Таҳаввулоти муҳити адабии ин давраро метавон ба тариқи зайл хулоса кард:

1.Адабиёти асри XVIII идомаи мантиқӣ ва ҳунарии аҳдҳои пешин буда, суханварони ин давр анъанаҳо ва суннатҳои пешиниёнро ҳам аз назари аносири шаклӣ ва ҳам аз нигоҳи мазмуну мундариҷа идома бахшидаанд. Шеър ва адабиёт дар ин аср бо вуҷуди нобасомониҳои давр, рукуди иқтисод, вазъи ноҳинҷори иҷтимоъ рушд кард ва дар инъикоси ҳаёти ҷомеа нақши худро гузошт.

2.Дар ин давра шеър ҷанбаи бештари иҷтимоӣ ба худ касб намуд. Дар осори суханварон мавзӯъҳои шикоят аз замона, танқиди ҳокимону ҷоҳилон, мутаассибони дину мазҳаб бештар мақом пайдо кард. Шоирон падидаҳои номатлуби рӯзгори хешро ба қалам дода, ба василаи шеър фикрашонро нисбат ба золимон ифода мекарданд. Метавон таъкид намуд, ки яке аз

хусусиятҳои фарққунандаи шеъри ин аҳд ҷанбаи бештари иҷтимоӣ пайдо кардани он мебошад. Ба ибороти дигар, дар назми ин аҳд набзи замон эҳсос мешавад ва адабиёт инъикосгари воқеаву ҳодисоти рӯзгор мебошад.

3.Аз нигоҳи аносири шаклии шеър падидаҳои ҳунарӣ ё эҷодиро дар ин аҳд наметавон интизор шуд. Навъҳои анъанавӣ чун ғазал, маснавӣ, рубоӣ бештар рӯйи кор омаданд ва ғазал, бештар мавриди таваҷҷӯҳи шоирон қарор дошт. Танҳо дар эҷоди маснавӣ суханварони ин аҳд ба мавзӯъҳои тоза рӯй оварданд, ки онҳо низ ҷанбаи иҷтимоӣ доштанд.

## 1.2. Нигоҳе ба таърихи таҳқиқу омӯзиши рӯзгор ва осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ

Омӯзишу таҳқиқи рӯзгору осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ба таври илмӣ пас аз нашри Феҳристи нусхаҳои хаттии шарқии Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон (ҷилди чаҳорум) дар соли 1970 ва бо муаррифӣ гардидани ду нусхаи девони шоир оғоз мегардад [89,81-82]. Мутаассифона, маълумот дар бораи ин шоир дар сарчашмаҳои адабӣ ва таърихӣ хеле кам ва ночиз мебошанд. Танҳо ишорате, ки дар як асари таърихӣ бо номи “Туҳфат-ут-таворих”(вароқи 61а) аз Муҳаммад Амин дар мавриди таърихи тадвини девони Шӯхӣ аз тарафи худи шоир гуфта шудааст, ки дар он соли 1174 /1760-61 омадааст, ӯро шоири баркамоли соҳибдевон дар ин таърих шинохтаанд [92, 120; 87,68-79]. Дар монографияи Усмон Каримов, “Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX” зимни баррасии бозтоби вазъи замон дар осори шоирони ин давра аз ашъори Шӯхии Хуҷандӣ дар чор мавриди истифода кардааст [86, 86-90]. Дар овардани ин намунаҳо муаллиф аз нусхаи шумораи 863 захираи дастхатҳои шарқии Институти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода кардааст [86, 86-87, 89-90]. Вале ҳамон тавре ки дар замонаш муҳаққиқи “Рӯзгор ва осори Шӯхии Хуҷандӣ” Камол Ёқубӣ дар тақризе ба ин китоб ба чоп расонида буд [71, 62-64], дар баробари муваффақиятҳои муаллиф чун бар мабнои маъхазҳои адабию таърихии нодир таълиф ёфтани ин асар ва муҳимтар аз ин, бар асоси

ашъори як теъдод шоирони барҷастаи ин давраи таърихи адабиёт барқарор намудани муҳити адабии давраро таъкид намудан, чанде аз костиҳои муаллифро дар мавридҳои вобаста ба баргардони ашъори боқимондаи Шӯхии Хуҷандӣ иброз доштааст, ки баррасии онҳоро дар ин ҷо зарур медонем. Нахуст аз ҳама, муқарриз бар он аст, ки муаллифи “Таърихи адабиёт” ҳангоми таҳлили масъалаҳои такомули жанрҳои адабии ин давра таҳаввули навъи қасидаро дар эҷодиёти шоирон: Мирзо Содиқи Муншӣ ва Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ чандон қобили мулоҳиза намедонад ва ҳатто аз таҳлилу баррасии қасидаҳо ва маснавиҳои Шӯхии Хуҷандӣ сарфи назар менамояд. Таъкиди муқарриз бар он аст, ки “дараҷаи тараққиёти ин ё он жанрро на аз рӯйи миқдор, балки аксаран аз рӯйи ғояву мундариҷа, тарзи баён муайян мекунанд. Махсусан, байни ашъори яке аз шоирони ин давр – Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ қасидаҳое вомехӯранд, ки аз ҷиҳати дарбаргирии мавзӯъ ва тарзи ифода қобили қабуланд” [71,62]. Ҳамин гуна эродро муқарриз ба нодида гирифтани маҳорати маснависароӣ ва арзиши қитъаоти таърихии Шӯхӣ аз тарафи Усмон Каримов баён доштааст [71, 62]. Агар инсофан ба ин масъала назар афканем, ҳақиқат бар фоидаи муаллифи “Таърихи адабиёт” аст, зеро агарчи қасидаҳо, қитъаҳои таърихии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ аз вуҷуди ин навъҳо дар ин давраи таърихи адабиёт гувоҳӣ медиҳанд, дар инкишофи ин навъҳо дар ин давра нақши хосе надоранд ва аз арзиши бадеӣ ё ҳунарии хосе бархӯрдор ҳам намебошанд. Мутолиаи ин навъҳо дар девони шоир нишон медиҳанд, ки аввалан онҳо миқдоран бисёр нестанд, баъдан дар онҳо навигарӣ ва тозагии хос ба назар намерасад. Дар мавриди баррасии таркиби жанрии девони шоир ин масъаларо хоҳем дид. Дар ҳамин ҷо аз чанд эроди муқарриз дар бозхонии байтҳои барои намуна интихоб намудаи Усмон Каримов аз девони таҳти рақами 863 шоир, ки дар захираи дастнависҳои шарқии ИШ АИ ҶТ маҳфуз аст, бояд ёд кард, ки нодуруст зикр кардани варақи дастхат (ба ҷои 84 б ва 87 а – 45 б ва 86 а) – ро нишон дода, дар байти 3 варақи 56 б ба ҷои “мебинам” – “мебистам” навиштааст, ки дарвоқеъ, хато мебошанд. Мутаассифона, худи муқарриз ҳам дар зикри варақи ин шеърҳо ба

иштибоҳ роҳ додааст (87а –ро 87 б қайд кардааст) [71, 63]. Дар ҳамин китоби “Таърихи адабиёт” дар боби чаҳорум “Хусусиятҳои сабк ва услуби бадеии назм” дар фасли “Таърихи сабки ҳиндӣ ва услуби бедилӣ” [87, 119-137] баробари шоирони дигар ашъори Мирзо Шӯхиро ҳам (боз ҳам аз ҳамон дастхати № 863) бо ашъори шоирони маъруфи сабки ҳиндӣ санҷида ғазали ӯро бо ғазали ҷавобияи Соиби Табрезӣ (1601-1677) овардааст, ки чанд эрод оид ба баргардони ғазали Мирзо Шӯхӣ ҷой дорад, ки баъзе аз онҳоро муқарризи китоб Камол Ёқубӣ зикр кардааст: ҳазфи ҳарфи изофат “и” дар калимаи “сар” дар мисраи аввал, ки дар воқеъ ҷой дорад, дар мисраи чорум “Ҳамеша сина дар оташ ниҳад кабоб ин ҷо”, бояд “ниҳод” бошад, дар мисраи панҷум пайвандаки “чун” партофта шудааст, ки вазни шеър ва мантиқи маънии мисраъро вайрон кардааст: “Ба ғунча дӯш (?) арзи пиёла кардам, гуфт”. Дар ҳамин ҷо меафзоем, ки ҳангоми мутолиа ва мушоҳидаи ин ғазали Шӯхӣ дар дастхати шумораи 2313 дар мисраи дуюми шеър “Фишонд бар сари ман шоми ғам пуроб ин ҷо” ба ҷои калимаи “ман” калимаи “худ” омадааст, ки мантиқӣ мебошад. Дар ҳар ду нусха дар мисраи сеюм калимаи охирин бо навиштаи Усмон Каримов фарқ мекунад, ки дуруст ба назар мерасад:

Магӯ, ки дохили базми ҷаҳон тан осудааст.

Дар чоп “тан осуданист” омадааст, ки аз мантиқ дур аст [87, 121]. Дар мисраи тазминшудаи Соиб ҳам бояд калимаи “ҷигарташна” бояд “ҷигари ташна” навишта шавад, ки тақозои маънӣ дуруст мегардад.

Баъдан дар соли 1989 қисми дуюми китоби “Таърихи адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX” [87] аз чоп баромад, ки фасли “Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ”-и он ба қалами доктори илми филология Усмон Каримов тааллуқ дорад [87, 68-79]. Дар ин фасл муаллиф кӯшиш кардааст, ки бар асоси гуфтаҳои худи шоир дар девони ашъораш баъзе лаҳзаҳои ҳаёти шоирро равшан намояд, ки шояд ин навиштаҳо то замони дифои рисолаи номзадии Камол Ёқубов [174] таълиф шуда бошанд, зеро дар

онҳо ҳангоми баррасии пешинаи таҳқиқ омӯзиши рӯзгору осори шоир аз ишораи Азиз Қаюмов [92] ва мақолаи Камол Ёқубӣ [74,66-73] ва навиштаҳои худи муаллиф, ки дар боло онҳоро баррасӣ кардем [86, 86-87, 89-90, 121-122], сухан ронда "Ҳоло он чи ки дар адабиёти илмӣ доир ба Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ҳаст, ба ҷуз навиштаҳои муаллифи ин сатрҳо [86, 86-90, 121-122] танҳо ҳамин аст" [87,68] - мегӯяд. Зеро муаллиф аз мақолаи адабиётшинос Абдулманнон Насриддинов "Шайдо ва Шӯхӣ" ҳам, ки ба муносибати 2500-солагии Хуҷанд дар рӯзномаи "Адабиёт ва санъат" [126] чоп шуда буд, ном намебарад. Муаллифи фасли "Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ"-и "Таърихи адабиёт" чанд далелеро аз муҳтавои ашъори шоир, ки ба рӯзгори ӯ тааллуқ доранд, дарёфта ба аҳли илм муаррифӣ менамояд, ки қобили тааммул ва қабул мебошад. Нахуст аз ҳама шоир чандин бор аз зодгоҳаш ва вижагиҳои он ба сароҳат ёд кардааст [87,69], аз гузаштагонаш, ба хусус падари шоираш – Шайдои Хуҷандӣ, шоири шаҳир ва соҳибдевони асри XVIII бисёр боифтихор ва тавсифҳо сухан меронад, ки имрӯз девонаш ба хатти муосири тоҷикӣ чоп [126; 29] ва таҳқиқоту мақола ҳам дар бораи ӯ анҷом ёфтааст [128; 127]. Хулосаи навиштаҳои Усмон Каримов аз зиндагиномаи шоир ҳаминро мерасонад, ки Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ агар солҳои 60-и асри XVIII шоири баркамол бошад, яқинан, дар солҳои 30-уми ҳамин аср ба дунё омада, чун аз хонаводаи соҳибилму соҳибкитоб будааст, даврони наврасиву ҷавонии хешро ба мутолиа ва омӯзиш гузаронида, тамоми улуми замонашро аз худ кардааст ва инро мо аз мутолиа ва тааммуқи ашъори пухта ва мунсаҷим ба тамоми риояти қоидаҳои бадеӣ ва адабии такомулёфта то замонаш равшан мушоҳида карда метавонем. Аз ашъори ӯ бармеояд, ки шоирони бузурги адабиёти гузаштаи қаламрави забони форсӣ ба ӯ таъсир дошта, дар эҷоди ашъор ба онҳо пайравӣ ва татаббӯъ намудааст ва мавриди омӯзишу мутолиаи ӯ будаанд.

Бинобар таҳқиқи муаллифи ин фасли "Таърихи адабиёт" [87, 68-79], зиндагии ороми шоир дер давом накардааст ва дар ашъораш абёте вомехӯранд, ки аз сафари маҷбурии ӯ гувоҳӣ медиҳанд. Муҳаққиқ онро бар

асари фитнаю фасоди муҳити тираву тори замон, тангдастиву фақирӣ ва касодии шеъру шоирӣ ва ниҳоят бухлу ҳасади нокасони давр медонад, ки бо овардани байтҳо ин қисмати рӯзгори шоирро таъйид ва мудаллал намояд. Ниҳоят муаллиф ба хулосае омадааст, ки шоир дар байни 50-60-солагӣ вафот кардааст [87,71].

Дар идома бо муаррифии хеле кӯтоҳи ду нусхаи девони шоир мавҷуд дар захираи дастхатҳои шарқии ИШ АИ ҶТ (шумораҳои 2313 ва 863/II) мепардозад, ки баҳси чигунагии ин нусхаҳоро дар саҳифаҳои баъдии рисола хоҳем дошт. Дар зерфасли “Мазмун ва мундариҷаи мухтасари девони Шӯхӣ” ба масъалаҳои мазмуну муҳтаво, паёми шоир бо хеле намунаҳои ашъори шоҳид ба ҳамаи паҳлуҳои зиндагӣ ва ҷаҳонбинии ӯ, ки дар ашъораш таҷассуми бадеӣ ёфтаанд, баён шудааст. Бештарин байтҳо ва намунаҳои шеъриро муаллифи таҳқиқот ба масъалаҳои бозтоби вазъи номуназзам, беадолатӣ, нобаробариҳои иҷтимоӣ, ки бо сувари хаёл ва тасвирҳои маъмули адабиёти гузаштаи мо, вале бо ифода, тарз, баёни хоси шоир пешниҳод шудаанд, ки Мирзо Шӯхии Хуҷандиро аз зумраи шоирони равияи пешқадами ин давраи инҳитоти адабии Мовароуннаҳр донистан равост.

Муаллифи ин таҳқиқ дар таҳлилу баррасии ашъори девон агарчи бештар бо такя бар ғазалиёти ӯ ибрози назар кардааст ва ин як амри табиӣ, воқеӣ ва мантиқиву илмӣ хоҳад буд, зеро умдаи ашъори шоирони ин давраи таърихи адабиёт аз жанри ғазал иборат мебошад. Бо вуҷуди ин, дар ин қисмати китоб аз баррасӣ ва таҳлили дигар анвои адабии мавҷуд дар девони шоир ҳам мисли рубоӣ, маснавӣ ва таркиби ғазалиёти шоир, аз ҷумла мазмуну муҳтавои онҳо ба тафсил суханронӣ кардааст [87,72-79].

Дар ҳамин давра мақолаи адабиётшинос Турсун Неъматзода дар ҷилди 8-уми Энсиклопедияи советии тоҷик чоп шудааст [130,179]. Мақола дорои чанд иттилооти зарурӣ дар бораи Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ мебошад, ки агарчи дар ҳамон замон нав набуданд, вале барои омӯхтану таҳқиқи минбаъдаи рӯзгору осори шоир роҳнамои хубе буда метавонанд. Дар мақола шоири асри XVIII, фарзанди шоир Шайдои Хуҷандӣ, дар зодгоҳаш таҳсили

илм ва баъдан барои идомаи таҳсил ба Бухорову Хӯқанд рафтани Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ қайд гардидааст [130,179]. Дар бораи мавҷудияти нусхаҳои девони шоир дар ганҷинаи дастнависҳои ИШ АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва китобхонаи Ҷомии ДМТ бидуни зикри шумораи онҳо маълумот дода шудааст.

Ҳамин мақола дар "Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик" [129, 388-389] айнан чоп шудааст, ки дар он таҳти шумораҳои 863 ва 2313 дар ИШ ва мероси хаттии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 833 дар толори ба номи Шарифҷон Ҳусейнзодаи ДМТ маҳфуз будани нусхаҳои девони шоир маълумот илова гардида ва дар онҳо мавҷуд будани 570 ғазал, 4 қасида, 12 рубоӣ, 1 маснавӣ ва се мухаммасро бо қитъаҳои таърихии шоир қайд намуда, миқдори умумии байтҳои онро 4700 байт шуморидааст [129, 388-389].

Дар тазкираи "Гулшани адаб", ки соли 1980 [7,23-34] аз чоп баромадааст ва фарогири намунаи ашъори шоирони асрҳои XVIII – ибтидои асри XX мебошад, бо ироаи маълумоти мухтасар 23 ғазал, 5 рубоӣ, як мухаммас ва қисмате аз як маснавии ӯ оварда шудааст, ки маҷмӯан 202 байтро дар бар мегирад [7, 23-34]. Чунонки дар боло ишора шуд, соли 1986 ба ифтихори 2500-солагии шаҳри Хуҷанд дар рӯзномаи "Адабиёт ва санъат" мақолаи устод Абдулманнон Насриддинов бо номи "Шайдо ва Шӯхӣ" чоп мешавад [126], ки дар он бар асоси ашъори ин шоирони падару писар бисёр лаҳзаҳои зиндагӣ ва хусусиятҳои шеъри онҳо ошкору равшан карда, чанд далелро вориди доираи илми адаби ватанӣ дар бораи ин хонадон гардонида мешавад, ки муҳимтарини онҳо аз Хуҷанд ба Бухоро сафар намудани Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ва пас аз чанде хидмат дар дарбор ба беморие гирифтор шудан ва бо мактуби манзум ба падари шоираш мурочиат намудан мебошад. Мувофиқи иттилои муаллифи мақола мактуби шоир ба падараш мерасад ва ӯ ба амири Бухоро мурочиат менамояд, ки Шӯхиро иҷозати бозгаштан ба Ватан диҳад, ки ин хоҳиши ӯ ба иҷро намерасад. Ва Шӯхӣ дар ҷавоб ғазале месарояд, ки аз чор байти он дар мақола омадааст. Бинобар шаҳодати муаллифи мақола ин ғазал дар ватани шоир маъруф ва аз тарафи ҳофизони

номии Хуҷанд Содирхони Ҳофиз ва шогирди эшон Мақсудҷон Болтаев сароида мешудааст, ки як навъ аз дардномаи он рӯзҳои шоир мебошад, ки самимона эҷод шудааст. Аз ҳамин ғазал ва таъсиру нуфузи он дар ин давра муаллифи мақола гӯяндаи инро 20-25 –сола ангошта таваллуди ӯро дар чоряки аввали асри XVIII навиштааст [126] ва бар вифқи як байти шоир:

**Пирӣ чу дод муждаи фасли вафоти мо,**

**Барги шукуфа рехт зи нахли ҳаёти мо.**

умри тӯлонӣ дидани ӯро ҳадс мезанад, ки баръакси Усмон Каримов дар ин маврид мебошад [87,71], ки “Шӯхӣ дар девони худ аз пирию мӯйсафедӣ сухан надорад. Ба ин асос эҳтимол аст, ки ӯ то пирию мӯйсафедӣ нарасида, дар байни 50-60 - солагӣ вафот карда бошад”, менависад. Ҳамчунин дар ин мақола аз тарафи Шӯхӣ гуфта шудани таърихи манзуми вафоти падараш бидуни овардани он қитъаи таърих соли 1744 ва эъмори бинои оромгоҳи ӯ соли 1753 зикр шудааст [126].

Дар мақола аз пойдор ва зинда будани ёду хотири шоиру орифи шаҳир дар миёни ҳамшаҳриёни ӯ ва маҳалли зиндагии эшон бо номи “Гузари Шайдо” сухан рафтааст. Дар мавриди ашъори боқимондаи Шӯхӣ аз мавҷудияти ду нусхаи девони ӯ дар захираи дастхатҳои Фарҳангистони Тоҷикистон, бидуни зикри шумора ва мушаххасоти онҳо ва як нусхаи он дар китобхонаи шахсии Нависандаи халқии Тоҷикистон Раҳим Ҷалил маълумот дода шудааст. Чанде аз вижагиҳои шеъри Шӯхиро бо овардани намунаи онҳо қайд карда, ӯро аз “Симоҳои намоёни адабиёти асри XVIII” дониста меафзояд, ки дар “девонҳои ашъори Шайдо ва Шӯхӣ санадҳои ҷолиби адабӣ маҳфуз” [126] мебошанд.

Дар рӯзномаи “Ҳақиқати Ленинобод” аз 30 - январи 1992 мақолаи доктори илми филология профессор Эргашалӣ Шодиев таҳти унвони “Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ” [167] ба чоп расидааст, ки чанд маълумотро аз рӯзгору осори шоир дар бар дорад. Муаллиф бо такя бар “Туҳфат-ут-таворихи хонӣ”-и Муҳаммадамин Домулло Рӯзӣ ибни Муҳаммад Аттор – нусхаи хаттии Институти халқҳои Осиёи АФ СССР Ленинград таҳти рақами № 440 чанд

маълумотро пешниҳод кардааст, ки дар дигар таҳқиқоти роҷеъ ба Шӯхӣ дида намешаванд. Аз ҷумла, дар ин тазкира ному тахаллуси шоир “Мирзо Шӯхӣ” қайд гардида, муаллифи мақола меафзояд, ки “давраи наврасӣ ва ҷавонии шоир дар шаҳри Хуҷанд гузашта, баъди вафоти падараш барои таҳсили илм ба Бухоро рафта, чанд соли умри худро дар ин шаҳр гузаронид. Дар ин ҷо бо шоирони Бухоро ҳамсуҳбат шуд ва таҳсили худро давом дод” [167], ки баръакси навиштаҳои устод Абдулманнон Насриддинов мебошанд, ки дар боло дидем. Аз далелҳои дар “Туҳфат-ут-таворихи хонӣ” ва таърихҳои дар девони шоир омада муаллифи мақола ба хулоса меояд, ки “солҳои панҷоҳуми асри XVIII шоир ба шаҳри Қӯқанд омада, бо дарбори хонҳои ин минтақа иртибот пайдо мекунад. Яке аз таърихҳои шоир ба қатли шоҳзода Абдурраҳмон писари Абдулкаримхони хони Қӯқанд (солҳои ҳукмрониаш 1754-1768) навишта шудааст [167]. Мутаассифона, дар девони шоир, ки муаллифи мақола ба он истинод мекунад ва мавриди таҳқиқи мо низ қарор дошт [34], таърихе ба соли қатли Абдурраҳмон ба назар нарасид, вале таърихи фавти “амири довари даврон – Абдулкаримбии олишон” омадааст:

**Гирифта пири хирад домани қазо мегуфт:**

**“Қазои Мир” ба соли вафоти Мир Карим [34,175а].**

ки агар “Қазои Мир”-ро ба рақам баргардонем, қоф - 100, зод- 800, алиф-1, йот-10, мим-40, йот-10,ро-200 =1161 ҳ.қ. баробар ба 1748 милодӣ, ки ба соли охири ҳукмронии Абдулкаримхон (1755-1768) мувофиқат намекунад. Таърихҳои дигар ҳам чунинанд, ки дар баррасии таркиби девон ба он бармегардем.

Дигар аз далелҳои ин мақола дар давраи ҳукумати Эрдонахон (1754-1768) ба обрӯю эътибори баланд соҳиб гардидани Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ва дар рикоби ӯ ба лашкаркашиҳои Ӯротеппа ҳамроҳ ва шоҳиди хунрезиҳои даҳшатноки ӯ будааст. Аз каллаи куштагон манора сохтани ӯро мушоҳида кардааст ва дар “Туҳфат-ул-таворихи хонӣ” як байти Шӯхӣ дар фатҳи Эрдонахон оварда шудааст:

Таърихи фатҳи шоҳро Шӯхӣ ба сад фархундагӣ,

Гирандаи шаҳри юзон Эрдонахон карда раҳам [167].

Муаллифи мақола чанд сатр дар бораи мавзӯъҳои ғазалиёти шоир, содагӣ, равонии онҳо ва навъҳои ашъори ӯ сухан ронда, шаш ғазал, як порча аз маснавӣ ва як байт (7+7+7+7+6+9+6=49 байт ғазал, +6+3=9 байт маснавӣ, +1байт ҷамъан =59 байт) аз осораш намуна овардааст, ки як ғазал ба забони ӯзбекӣ мебошад [167]. Агар як ғазали шашбайтии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ, ки муаллифи мақола бидуни байти тахаллус зимнан барои таҳлил ва тақвияти гуфтаҳояш овардааст, ба ҳисоб гирем, аз ҳафт ғазали дар мақола омада, се ғазал (якумаш бо радифи "машрабам", дуюмаш бо радифи "Хуҷанд" ва сеюмаш ғазали ӯзбекии ҷавобия ба ғазали Бобо Раҳими Машраб бо радифи "эттим" ва ҳамон байти таърихие, ки дар боло дидем, бори аввал рӯйи чопро медиданд, чор ғазали дигар ва 9 байти маснавии шоир дар таърифи зодгоҳаш ду бор пеш аз ин чоп шуда буданд, ки дар мавриди чанду чунии чопи муосири ашъори шоир пас аз ин сухан хоҳем кард. Мутаассифона, аз муҳаққиқоне, ки дар бораи Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ мақолаҳо навиштанд [87, 126, 169], ягон нафарашон аз мақолаҳои Камол Ёқубов [74, 66-73; 75,36; 76,62-64] ва рисолаи номзадии ӯ [174] ёд накардаанд, ба истиснои ин ҷумлаи Усмон Каримов "дар бораи Мирзо Шӯхӣ мақолаи Камол Ёқубӣ низ мавҷуд аст [74, 66-73] ва тавзеҳ медиҳад, ки муаллифи мақола аз хусуси ақидаҳои иҷтимоию сиёсии шоир мухтасаран сухан ронда, кӯшиш мекунад, ки Мирзо Шӯхиро аз шоирони намоён ва барҷастаи нимаи дуввуми асри XVIII ва аввалҳои асри XX ба қалам диҳад" [87,68]. Дар ҳоле ки мақолаҳо ва рисолаи Камол Ёқубов то таълифи мақолаҳои муҳаққиқони ёдшуда ба чоп расида ва дифоъ гардидааст. Ин муносибат Камол Ёқубовро маҷбур кардааст, ки бо мақолаҳои танқидӣ ба ин муҳаққиқон ҷавоб нависад ва нуқсу камбудиҳои мақолаҳояшонро нишон диҳад. Тавре дар саҳифаҳои пеш ёд кардем, бори аввал Камол Ёқубов ба китоби "Адабиёти тоҷик" (қисми дуюм) Усмон Каримов тақриз навишта, онро муфассал баррасӣ ва бо камоли инсоф аз дастовардҳою муваффақиятҳои таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф сухан ронда, дар зимн аз камбудӣ ва иштибоҳоти шеъри Шӯхӣ, ки ҳангоми баргардони он

ба хатти кирилӣ сурат гирифтааст, гуфтугӯ ба миён оварда, онҳоро нишон додааст. Вале на ҳамаи эродҳои муаллифи тақриз холисона, илмӣ ва саҳеҳ мебошанд, ки мо онҳоро хотирнишон намудем. Муаллифи тақризи боло баъдан, бо имзои Камол Ёқубӣ дар рӯзномаи “Адабиёт ва санъат” [70] таҳти унвони “Дар кори илмӣ шитобкорӣ нашояд!” мақолае дар ҷавоби Усмон Каримов навишта, ҳадафи худро аз таълифи он ин тавр баён менамояд: “Ман дар ин навишта аз хусуси мақолаи Усмон Каримов “Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ” (ин навишта мақола набуда, як фасли китоби “Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX бошад, ки ба қалами Усмон Каримов тааллуқ дорад – Ҳ. Б.), ки дар қисми дуюми “Адабиёти тоҷик”, Душанбе: Дониш, 1989 нашр шудааст, андешаҳои худро баён карданием, зеро дар ин мақола муаллиф нисбати эҷодиёти шоир фикрҳои ғалат баён кардааст. Мақсади камина дар бораи очерки номбурда навиштани тақриз нест, балки ҳадаф аз он аст, ки андешаҳоямро роҷеъ ба хулосаҳои яктарафа ва беасоси Усмон Каримов оид ба эҷодиёти Мирзо Шӯхӣ як-як гуфта гузарам ва то ҳадди имкон ба ҳақиқати ҳол равшанӣ андозам” [70,4]. Аввалин эроди муаллифи мақола ба Усмон Каримов он аст, ки нахустин маълумотро дар бораи шоир на адабиётшиноси ӯзбек Азиз Қаюмов [92], балки дар ҳошияи нусхаи шумораи 2313, ба таърихи 3 августи 1953 устод Айнӣ додааст [33]. Муаллифи мақола навиштааст, ки Шӯхӣ шоири асри XVIII ва аз Хуҷанд буда, услуби ашъораш ба сабки ҳиндӣ ва дар ашъораш аз гуфтори мардуми Бухоро истифода кардааст ва “аз мактаби адабиёти сӯфиёна бархӯрдор аст” [70]. Дар ин навиштаҳо ҳамаи далелҳои аз номи устод Айнӣ иброз шуда дуруст аст, ба ҷуз он чи айнан дар нохунак гирифтем, аз устод нестанд ва таҳрифи суханони ӯ мебошанд. Эроди дуюми Камол Ёқубӣ ба Усмон Каримов он аст, ки назари адабиётшиноси ӯзбек А.Қаюмов ба Шӯхӣ ва эҷодиёти ӯ манфӣ буда, шоирро “маддоҳи давлати феодалӣ”, “тарафдори содиқи зулми ваҳшиёнаи ҳукмрон” донистааст, ки саҳеҳ намебошад. Каримов дар асоси таърихи манзуми шоир дар бораи тадвини ашъораш 1174 (1760-1761) солҳои камолоти шоирро муайян кардан мехоҳад, ки муаллифи

мақола он қитъаи таърихро “таърихи тадвини девони Шӯхӣ нест” менависад. Ва муроди шоирро аз мисраи аввали он: “Гуфт Шӯхӣ бо хирад таърихи ин ғамнома чист?” чизи дигарест, эҳтимол дар бораи кадом ғамномае, таърихи ягон ҳодиса, воқеа ё ки асар ишора карда бошад [70,4]. Дар ҳоле ки аксари муҳаққиқон, аз ҷумла дар “Феҳристи нусхаҳои хаттии шарқии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ҷилди IV дар тавсифи нусхаи 2713 омадааст, ки “замони тартиби девон”[33, 170а] – 1174/1761 мебошад” [89,81]. Дар девон ин қитъаи таърих дар ду порча ва ба ду тарз ҳам ба ҳарф ва ҳам бо рақам ифода ёфтааст, ки муаллифи мақола онро дуруст шарҳ надодааст. Асли ин порчаи шеърӣ дар дастхат ба таври равшан бо сарлавҳа чунин навишта шудааст:

Таърихи тартиби девон

**Ба соли хатми китобаш ба Шӯхӣ он гуфтам,**
**Ки худ маро гули таърихи ин чаман бинамо.**
**Бигуфт: “Ғунчаи матлаб туро шавад хандон,**
**Чу фикр реша давонад ба гулшани шуаро.**
**Гуфт Шӯхӣ ба хирад таърихи ин ғамнома чист?**
**Ҷавоби ӯ хирад фармуд: “Мирзо Шӯхӣ” – ст**. [34,70а]

***

**Бунёд шуд ин нома чу аз хомаи рангин,**
**Фармуд: Санат алфа миа арбаъа сабъин.** 1174/1761 [34,170б]

Агар ҳарфҳои “Мирзо Шӯхӣ”-ро бо рақамҳо ифода намоем, он гоҳ мим-40, йот-10, ро-200, зо-7, алиф- 1, шин- 300, вов-6, хо-600, йот-10= 1174 ҳ.қ./ 1761м. ва ибораи арабии “алфа миа арбаъа сабъин” ҳам ҳамин таърихро мерасонад, ки аслан дар ду қитъаи аз ҳам ҷудо ва дар таърихи тартиби девон гуфта шудани он яқин буда, навиштаҳои Камол Ёқубӣ “Ин пораи шеъри таърихи тадвини девони Шӯхӣ нест” [69,4] беасосу бепоя аст.

Дигар он ки ибораи арабиро худи муаллифи мақола хато навиштааст, ки дар ин ибора муаллифи мақолаи “Суханшинос наӣ” ёдрас кардааст [111,7].

Ҳамчунин муаллифи мақола аз онҳое, ки дар мавридҳои таҳқиқи рӯзгору осори шоирони бо Мирзо Шӯхӣ дар иртибот буда, зимнан аз ӯ ёд кардаанд, сухан ба миён оварда, дар бораи А. Дилбар дар “Ашъори мунтахаб”-и Маъдан (Душанбе, 1966), Абӯбакр Зуҳуриддинов дар рисолаи ба Нозими Ҳиротӣ бахшидаи ӯ, вале С. Амирқулов на дар рисолаи “Ҷунайдулло Ҳозиқ ва достони ӯ “Юсуф ва Зулайхо” [45], балки китоби “Адабиёти тоҷик дар нимаи якуми асри XIX (Душанбе: Дониш, 1980) дар фасли “Адабиёти нимаи аввали асри XIX” китоби “Нигоҳе ба инкишофи таърихи адабиёти тоҷик дар Мовароуннаҳр (қарни XIX) [44,19] як байти Шӯхии Хуҷандиро мисол овардааст:

Карда Тӯрон ба сухан ноз ба Эрон, ки акнун,

Шӯхии шоири барҷастакалом аст ин ҷо.

Аз ин рӯ, дар “адабиёти илмӣ ба ҷуз навиштаҳои муаллифи ин сатрҳо (яъне, Усмон Каримов – Ҳ. Б.), танҳо ҳамин аст” – гуфта навиштани равоншод  Усмон Каримов асос надошта бошад ҳам, даъвои марҳум Камол Ёқубӣ ҳам таҳқиқӣ ва дақиқ набудааст.

Далелҳои муаллифи мақола нисбат ба лаҳзаҳои ҳаёти шоир, ки дар ашъори ӯ ҷой дошта бошанд ҳам, онҳо ягон соли рӯзгори ӯро муайян намекунанд. Ҳама бар асоси ҳадсу гумони муҳаққиқон буда, зиндагӣ ва умри ӯро дар ҳолати ба пирӣ расидан ва дар рӯзгори ғурбат ва меҳнату машаққат ва дардмандию маҳҷурӣ аз ёру диёр умр ба сар бурдани шоирро мерасонанд. Мулоҳизаҳои муаллиф дар бораи умри дароз дидан ва пирӣ расидан, тақрибан дар байни солҳои 1810-1820 даргузаштани ӯ мантиқӣ ва мувофиқ ба назар мерасанд, ки мо ҳам пас аз мутолиаи ашъори шоир бар ҳамин назар мебошем, зеро дар девони шоир ба байтҳое вомехӯрем, ки аз ин маънӣ дарак медиҳанд, мисли байти зер аз маснавӣ:

Замини заъф чандон гашта мумтад,

Ҳисоби моҳу солам рафта аз ҳад [34,169б].

Дар мақола инчунин аз шарҳи нодурусти як қитъаи таърих аз тарафи адабиётшинос Усмон Каримов сухан рафтааст. Дар воқеъ, дар девони Шӯхӣ

дар ҳар ду нусхаи мавриди мутолиаи мо [34, 34] қитъае ҳаст, ки дар дастхати 2313 он чунин унвон дорад:

**Таъйини марқади мутаҳҳари он ҳазрат низ аз ҷаноби бузургворӣ**

Азизи аср, ки рӯҳаш ҳумои аршӣ шуд,
Тани шаҳиди латифаш ба хок фаршӣ шуд.
Тавофи марқади пурнури ӯ ҳавас дорӣ,
Мазори равзаи покаш "туроби Қаршӣ" шуд.

[34,174а, 35, ?; 833 варақи 303-304 аз рӯи 69,4]

Ва ин таърих аз ашъори худи Мирзо Шӯхи Хуҷандӣ мебошад, ки дар таъйини мазор ва таърихи вафоти шахси "азизи аср" гуфта шудааст ва Камол Ёқубӣ ҳам ба он барҳақ исрор меварзад [70,4], мутаассифона, дар китоби Усмон Каримов чунин омадааст, айнан меорем: "Дар охири вараки девони нусхаи рақами 2313 котибе сабт кардааст, ки Шӯхии Хуҷандӣ баъди беморӣ дар Қаршӣ вафот ёфт. Котиб ба исботи фикр байти зеринро меорад:

Тавофи марқади пурнури ӯ ҳавас дорӣ,
Мазори равзаи покаш туроби Қаршӣ шуд"

[ҳавола ба 33,189б; 87,71] ва ҳамин маънӣ бо каме тафсил ба китоби устод Абдулманнони Насриддин роҳ ёфтааст, ки маншааш навиштаи Усмон Каримов мебошад: "Бар мабнои иттилое, ки аз котиби девони ашъори Шӯхӣ маҳфуз мондааст, шоир дар шаҳри Қаршӣ, ки бо номҳои "Кеш ва Шаҳрисабз" бештар шинохта шудааст, рахт аз ин дунё барбаста, ихтиёри сафари охират кардааст.

Тавофи марқади пурнури ӯ ҳавас дорӣ,
Мазори равзаи покаш туроби Қаршӣ шуд.

[ҳавола ба 34,379;126, 249-250]

Ҳамаи навиштаҳои ин муҳаққиқон агарчи аз асли мавзӯъ дур нест, вале боз ҳам саҳеҳ кардан ва ислоҳи онҳо бар таҳқиқи ин масъала аз аҳамияти хос бархӯрдор мебошад. Дар навиштаи Усмон Каримов, ки муҳаққиқони баъдӣ шояд ба он такя карда бошанд, "дар охири вараки девони нусхаи рақами 2313 котибе сабт кардааст, ки Шӯхии Хуҷандӣ баъди беморӣ

дар Қаршӣ вафот ёфт. Котиб ба исботи фикр байти зеринро меорад, ки байтро дидем [70,71]. Ва ин байтро ба варақи 189 б нусхаи ёдшуда истинод мекунад. Тамоми ин далелҳо дар нусха вуҷуд надоранд, на "варақи охир", на баъди беморӣ, на "дар Қаршӣ вафот ёфтан". Танҳо ҳамин байт дар он ҷо ҳаст, вале бо як байт пеш аз он. Варақи нусха ҳам нодуруст истинод шудааст. Дар навиштаи устод Абдулманнон Насриддини Хуҷандӣ ҳам ин байт канда аз байти аввали он, бе далел нусхаро шояд наомӯхта, вафоти шоирро "дар шаҳри Қаршӣ" дониста ва боз "Қаршӣ"-ро ҳамон "Кеш" ва "Шаҳрисабз" муаррифӣ кардан хатое дар хато афзудан аст ва истиноди ин байтро ба саҳифаи 379 намудан ҳам саҳеҳ нест. Камол Ёқубӣ, ки хостааст, иштибоҳи Усмон Каримовро ислоҳ намояд, дуруст аст, ки бори аввал ба асли ин масъала пай бурдааст, ки "ин таърих моли худи Шӯхист, зеро дар боби таърихномаҳои ӯ ҷой дорад", мутаассифона, ӯ ҳам дар нақли ин таърих ба саҳвулқалам роҳ додааст, ки калимаҳои "аршӣ", "фаршӣ"-ро ба шакли "арше", "фарше" навишта, саҳифаи ин таърихномаро аз нусхаи 833 (саҳ.303-304) (маҳфуз дар ДМТ) меорад, ки мутаассифона, имрӯз он дастрас нест [70,4]. Хулосаи ин гуфтаҳо ин аст, ки таърихи мазкур аз тарафи шахсан, Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ба "азизи аср" гуфта шудааст, ки "тани шаҳиди латифаш" дар "туроби Қаршӣ" мадфун аст ва аз ин ибораҳо охирини онҳо таърих аст, ки 1213 ҳ.қ. /1799 м. ҳосил мешавад то-400, ро-200, алиф-1, бо-2, қоф-100, ро-200, шин-300, йот-10=1213 ҳ.қ. = 1799 мелодӣ ҳосил мешавад ва мерасонад, ки шоир то ин таърих зинда будааст ва дигар ба ҳаёти ӯ дахл надорад. Дар мақолаи дигари хеш Камол Ёқубӣ, ки муфассалтар дар маҷаллаи "Садои Шарқ" [72,120-128] ба чоп расидааст, бисёр масъалаҳои марбут ба рӯзгору осори Шӯхии Хуҷандӣ ва ғалатҳои дар баргардони шеърҳои шоир аз тарафи муҳаққиқон рухдодаро тавзеҳ ва тасҳеҳ намудааст. Аз мутолиа бармеояд, ки он бар асоси ёфтаҳои муаллиф, ки дар рисолааш [174] дарҷ аст ва ба мақолаи Абдулманнон Насриддинов "Шайдо ва Шӯхӣ" [126] чоп шудааст, ҷавоб гардонидан мебошад. Камол Ёқубӣ пас аз он ки дар бораи Шӯхии Хуҷандӣ адабиётшиносоне, чун Азиз Қайюмов, Субҳон

Амирқулов, Усмон Каримов, Абдулманнон Насриддинов бо мақолаҳо ва ишораҳо таҳқиқот анҷом додаанд, рисолаи илмӣ навишта, чандин мақолаҳо ба чоп расонидааст. Дар мақолаи ёдшуда Камол Ёқубӣ фикрҳои нодурусти муҳаққиқи ӯзбекро дар бораи шоири маддоҳ ва тарафдори ҳокимону золимон будани Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ маҳкум намуда, ҷиҳатҳои пешқадам ва арзиши тарбиявӣ-ахлоқӣ ва мардумдӯстии ашъори шоирро таъйид ва исбот кардааст. Муаллиф азислоҳи фикру ақидаҳои Усмон Каримов, ки дар тақризаш ба китоби ӯ баён дошта буд ва дар боло онро баррасӣ намудем, ёдовар шуда, иштибоҳҳои муаллифи мақолаи “Шайдо ва Шӯхӣ”-ро [126] мавриди тасҳеҳу танқид қарор медиҳад. Пеш аз ҳама, Камол Ёқубӣ (аҷиб он ки дар ин мақола номи муаллиф Комил Ёқубӣ чоп шудааст – Ҳ.Б.) ба шеърҳое, ки аз девони шоир Абдулманнон Насриддинов истифода кардааст, эрод мегирад, ки хато баргардон шудаанд. Мо барои равшан шудани масъала аввал намунаи Абдулманнон Насриддинов ва баъд ислоҳи Камол Ёқубиро меорем, ки дар он ҳам нодурустӣ ва иштибоҳҳое роҳ ёфтааст ва ба ҷои ислоҳ хато кардааст.

Абдулманнон Насриддинов:

Масеҳоро ба хоки пояш аз чархи баланд афтад,  
Чунон аз ҳамдамон доғи ҷудоиҳо ба дил дорам...  
Расо афсонаи мушти ғубори Шӯхии мазлул,  
Гузорад, эй сабо, бар хоки Шайдои Хуҷанд афтад.

“Шакли дурусти мисраъҳои мазкур чунин аст” (Камол Ёқубӣ):

Масеҳо **рӯ** ба хоки пояш аз чархи баланд афтад,  
Чунон **к-аз** ҳамдамон **дарди** ҷудоиҳо ба дил дорам...  
**Расон** афсонаи мушти ғубори Шӯхии **маҳзун,**  
Гузорат, **ассабо,** бар хоки Шайдои Хуҷанд афтад.

[34,76б ва 77а;71,120]. Вале он чӣ ба мушоҳидаи мо аз ин нусхаи девон [34] ба назар расид, чунин аст: Аввалан вароқи ҷойгиршавии ин шеър, ки танҳо дар ҳамин нусха омадааст (дар нусхаи 863-и, ки мавриди истифода ҳам буд, ба назар нарасид), варақҳои 77а ва байти охираш дар вароқи 77б

сабт мебошад. Ҳоло шакли дурусти асли матнро меорем, то хонандагон худашон қазоват намоянд, ки воқеият чиро нишон медиҳад:

Сари ҳар кас, ки дар болини шавқаш дардманд афтад,
**Масеҳоро** ба хоки пояш аз чархи баланд афтад.
**Чунин к-аз** ҳамдамон **дарди** ҷудоиҳо ба дил дорам,
Сазад чун най фиғон **дар** устухонам банд-банд афтад...
**Расон** афсонаи мушти ғубори Шӯхии **маҳзун,**
**Гузорат, эй сабо**, бар хоки Шайдои Хуҷанд афтад.

[34,77а-77б]

Ислоҳи Камол Ёқубӣ ба ин мисраъ ҳам, ки аввал шакли овардаи Абдуманнони Насриддин ва баъд таври тасҳеҳшудаи онро меоварем:

То чи бошад **ҳикмат**, эй ёрон, аз ин эҷоди ман.

дар асли нусхаи 2313 вараҷи 142а ва 863-II вараҷи 144а ин мисраъ чунин аст, ки аз рӯйи нусхаи охири Камол Ёқубӣ овардааст:

То чӣ бошад **ҳикматат, ё Раб**, аз ин эҷоди ман.

Дар ин ҷо ҳақ ба ҷониби Камол Ёқубӣ бошад ҳам, дар эродҳои баъдӣ ислоҳҳои ӯ баръакс хато, ғалат ва аз надонистану дуруст наомӯхтани нусхаи хаттии девони шоир гувоҳӣ медиҳанд, ки ӯ қасидаро аз маснавӣ фарқ намекунад. Ӯ ба Абдулманнони Насриддин эрод мегирад, ки гуфтааст, Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ “Дар тавсифи Хуҷанди арҷманди фирдавсмонанд” маснавие дорад. Камол Ёқубӣ, онро на маснавӣ ва қисме аз қасидаи “Оғози хуруҷи боуруҷи амири фазилатниҳод ва садоқатосор Фозилбӣ ибни Муҳаммадсодиқбӣ” медонад, ки иштибоҳи маҳз ва камоли ноогоҳии ин муҳаққиқ мебошад, ки ҳам унвони охирӣ ва ҳам унвони овардаи Абдулманнони Насриддин асарҳои дар шакли маснавӣ эҷод намудаи Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ мебошанд, ки дар фасли дигар дар баррасии таркиби навъҳои девони шоир дар ин бора хоҳем гуфт. Муаллифи “Тафсири чанд ғалат” таъйини замони зиндагии Шайдо ва Шӯхиро аз тарафи Абдулманнон Насриддинов ғайриилмӣ, бедалел ва аз воқеият дур медонад. Аз далелҳое, ки пас аз мутолиаи девонҳои онҳо мушаххас ва муайян мегардад, Шайдои

Хуҷандӣ шоирест, ки ҷараёни зиндагии ӯ ба чоряки охири асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII гузаштааст ва писари ӯ Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар нимаи дуюми асри XVIII ва чоряки аввали асри XIX умр ба сар бурдааст. Қитъаи таърихе, ки Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар вафоти падараш гуфтааст, аз он соли 1157 ҳ.қ./1744 м. ҳосил мешавад [35,174а] ва чанд қитъаи таърих, ки дар девони Шӯхӣ вуҷуд доранд, охирин соли қайди онҳо 1800 мелодиро мерасонанд. Пас ба он чи муаллифи мақолаи “Тафсири чанд ғалат” овардааст, мантиқӣ ва мувофиқати илмӣ доранд.

Баҳси дигари Камол Ёқубӣ бо Абдулманнони Насриддин дар бораи аввали асри XIX ёддоште аз бозмондагони шоир доир ба зинда будани падараш ба ҳангоми сафари ӯ ба Бухоро ва дар ҳамин замон гирифтори беморӣ шудан, ки дар маснавиҳояш аз он ёд кардааст ва мурочиати падари ӯ ба амири Бухоро барои касби иҷозати баргашти писараш ба ватан ва ҳосил нагаштани ин иҷозат ва мактуби Мирзо Шӯхӣ бо ғазале ба падараш бо ифодаи муҳаббат ба ӯ ва ҳамватанон мебошад, ки ҳамаи инро инкор менамояд. Ба андешаи муаллифи “Тафсири чанд ғалат” “ин ёддошт далели боэътимод буда наметавонад”. Камол Ёқубӣ бар он аст, ки ӯ ҳам барои муайян кардани бозмондагони Мирзо Шӯхӣ ба суроғи онҳо баромада, бо раҳнамоии Ҳофизи халқии Тоҷикистон Маъруфхӯҷа Баҳодуров бо ду нафар аз авлодони шоир дар маҳаллаи Шайдои шаҳри Хуҷанд, ки дар ҳамон замон (солҳои 80-уми асри гузашта –с.8) кӯчаи Р. Люксембург ном доштааст, ҳамсуҳбат мешаванд. Ҷалолов Субҳонқул ва Абдураҳмонов Абдукарим аз рӯйи нақли падаронашон дар хонии Қӯқанд зиндагонӣ кардани шоирро тасдиқ карда буданд. Вале аз он чӣ Абдулманнони Насриддин навиштааст, чизе нагуфтанд [72,121]. Мо бо мулоҳизаҳои устод Абдулманнони Насриддин пештар шинос шуда, онро баррасӣ карда будем ва он навиштаҳои муҳаққиқ Камол Ёқубиро ҳам манзури шумо кардем ва дар ин бора назари мо ҳамин аст, ки шоир дар Бухоро шояд буда бошад, вале ин иқомати ӯ зиёд тӯл накашидааст, зеро дар девони ӯ бештари таърихҳо ва ишоратҳо ба муҳити адабии Қӯқанди он замон мебошад. Баҳси дигари дар ин мақола

омада дар бораи чанду чунии таркиби нусхаҳои девони шоир мебошад, ки дар ин маврид дар фасли дигари рисола баррасиҳо ва гуфтугӯ хоҳем дошт.

Муҳаққиқи рӯзгору осори шоир Камол Ёқубӣ баҳсу мунозираро бо муҳаққиқон ва пажӯҳандагони ёдшудаи Мирзо Шӯхӣ идома дода, дар соли 2000 рисолаи хурде тахти унвони “Хат каҷ бошаду маънояш рост, гуфтаанд-ку!” [72] ба чоп расонида, бо он эродҳое, ки ба баргардони матни ашъори Мирзо Шӯхӣ ба Усмон Каримов дошт, хатоҳо ва ғалатҳои матни ашъори шоирро дар “Гулшани адаб” [7, 23-34] баён доштааст. Мо ба эродҳои дуруст ва нодурусти Камол Ёқубӣ дар мавриди матни ғалати ашъори шоир дар ин ҷо ба баррасии байт-байти онҳо напардохта, аз онҳое, ки мехоҳанд ба тафсил бо он ошно шаванд, ба ҷавоби муҳаққиқонаи Мубашшир Акбарзод ба даъвоҳои муаллифи китоб муроҷиат намоянд, ки такрори онҳоро дар ин саҳифаҳо талафи вақт меҳисобем [111, 5-9]. Вале дар баррасии чигунагии чопи ашъори шоир мо назари хешро дорем, ки дар фасли алоҳида онро баён хоҳем дошт.

Хулоса аз ҳамаи ин гуфта он метавонад бошад, ки рӯзгору осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ, ки дар борааш таҳқиқоти пароканда бо мулоҳизаҳои зидду нақиз анҷом ёфтааст, ҳанӯз интизори таҳқиқоти мунсаҷим, пайгирона ва бодалелу мадракҳои мустанади илмӣ мебошад. Агар дар мавриди рисолаи ёдшудаи Камол Ёқубов, ки таҳқиқоти муфассал дар мавриди рӯзгору осори шоир мебошад, гуфтугӯ дошта бошем, пеш аз ҳама бояд иброз дошт, ки дар рисола бисёр масъалаҳои рӯзгору осори шоир таҳлилу баррасӣ шудаанд. Аввалан, муаллиф бинобар маълумоти мавҷуд вазъи адабии замони шоирро баррасӣ кардааст, ки аз доираи пажӯҳиши дар ин самт иҷро намудаи адабиётшиносоне, ки дар мавриди адабиёти ин давра таҳқиқот анҷом додаанд, берун нарафтааст. Дар мавриди зиндагиномаи шоир ҳам чанд далели маълум ва бо таъйид аз байтҳои нусхаҳои девони шоир овардааст, ки мутаассифона, маълумоти тозае дар ин замина ироа нагардидааст. Вале дастовардҳои муаллифро дар муаррифӣ ва ба тавсифи чаҳор нусхаи девони шоир, ки ду нусхаи он имрӯз дастраси аҳли илм нест, бояд сутуд. Дар ин маврид ҳам дар бобҳои марбут ба тавсифи нусхаҳо ва кӯтоҳиҳо ва

иштибоҳҳои муаллиф сухан хоҳем гуфт. Дар бораи муҳтаво ва мавзӯоти ашъори шоир боби алоҳида бахшида шуда бошад ҳам, он аз доираи идеологии замони муҳаққиқ таҳлилу баррасӣ ба чанде аз мавзӯъҳои он мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд. Дар бораи таркиби жанрии девони шоир муҳаққиқ ба чандин иштибоҳҳо роҳ додааст, ки ислоҳ ва баррасии илмӣ ва касбии онҳо дар ин ҷо лозим диниста шуд.

Пеш аз баррасии нусхаҳои девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ба нашри ашъори ӯ ба як масъалаи муҳим бояд равшанӣ андозем, ки дар ин бора як ишораи кӯтоҳи Камол Ёқубӣ дар эроди ӯ ба Усмон Каримов, ки нахустин маълумотро доир ба Шӯхии Хуҷандӣ "асосгузори адабиёти шӯравии тоҷик устод Садриддин Айнӣ" ҳанӯз 3 - августи соли 1953 дар ҳошияи девони нусхаи 2313 дар ҳаҷми 1,5 саҳифаи вараќи дафтар дода буд [70]. Дар ин ҷо чанд нуктаро тавзеҳ ва тасҳеҳ кардан лозим меояд. Навиштаи устод, Садриддин Айнӣ на дар ҳошияи девони Шӯхӣ, балки дар ду вараќи алоҳида дар муқоваи китоб ва вараќи нахустини он баъдан, аз тарафи тавсифгарони ин нусха часпонида шудааст. Ҳар ду навишта мухтасар ва ду ҷумлагӣ мебошанд, ки дар онҳо чанд нуктаи муҳими рӯзгор ва осори Шӯхӣ зикр шудааст. Шоири асри XVIII, аз Хуҷанд, сабки ашъораш – ҳиндӣ, таркиби луғавии осораш бо шеваи гуфтори мардуми Бухоро мемонад, афкори мундариҷ дар шеърҳояш сӯфиёна қайд кардааст, устод Айнӣ [70].

Барҳақ, устод Садриддин Айниро метавон нахустин муҳаққиқи Шӯхии Хуҷандӣ донист. Мутаассифона, дар ин бора ҷуз ишораи ёдшудаи Камол Ёқубӣ дигар аз муҳаққиқони шоир чизе нанавиштаанд. Ёддоштҳо ва қайдҳои устод Садриддин Айнӣ дар ҳошияи девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ фаротар ва дақиқтар аз навиштаҳои Камол Ёқубӣ мебошад. Аз мушоҳида ва мутолиаи нусхаи шумораи 2313 маҳфуз дар ганҷинаи дастхатҳои Маркази мероси хаттии АМИТ бармеояд, ки он бори аввал аз тарафи устод, Садриддин Айнӣ барои истифодабарандагон муаррифӣ гардидааст. Нахустин ёддошти устод, Садриддин Айнӣ дар бораи шеъри Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ буда, агарчи бо назардошти ҷанбаи идеологии замон навишта шудааст, боз

ҳам беасос нест. Ин навиштаи устод дар ними вараќи дафтари синфӣ ва аз ду ҷумла иборат мебошад: "Ҳама (ашъори девон –Ҳ. Б.) диндорона ва сӯфигии таќлидкорист, яъне аз фалсафаи сӯфизм хабар надорад ва худро аҳли тасаввуф мешуморад". Ин навиштаи устод дар рӯҳияи сиёсати замон буда, мутолиаи ашъор нишон медиҳад, ки осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ мисли аксари шуарои ин давраи таърихи адабиёт фарогири мавзӯъҳои асосии шеъри асри XVIII, ба хусус, ишќ, ҳасби ҳол, вазъи замону мушкилоти зиндагӣ ва нобаробарӣ ва ноҳамвориҳои мавҷуд дар ҷомеа, тасвиру тавсифи табиат, манзараҳои нотакрор, тарғиби омӯхтани илму маърифат, панду андарз, масъалаҳои ваҳдати вуҷуд, таълиму таъаллуми асосҳои сулуки нақшбандия барои соликон ва дигар ҷанбаҳои маърифату омӯзиш мебошад. Ҷумлаи дуюми ин ёддошт "услуби шеъраш – ҳиндӣ, аммо дар таркиби луғавии гуфтаҳояш забони аҳли Бухорост" таърихи 3/ VIII 53 имзо" [34,1].

Дар бораи ин ёддошт бояд гуфт, ки услуби ашъори шоир, агарчи ба сабки ҳиндист, вале он фаҳмо, сода равону барои дарки маънои шеър мушкилӣ надорад. Дар бораи забони ашъори шоир, таркиби луғавии он "забони аҳли Бухорост" - гуфтани устод, ин ба маънои аз забони зиндаи гуфтугӯӣ баҳраҳо бардоштани суханвар мебошад. Ин ҷараён дар давраи зистани шоир хеле ривоҷ дошт, ки тамоюли мардумӣ гирифтани адабиёти бадеӣ амри воқеӣ ва аз хасисаҳои умдаи адабиёти марҳилаи мавриди таҳқиқ мебошад.

Дар ёддошти дигари устод, ки он ҳам дар ним саҳифаи вараќи дафтарӣ ва аз ду ҷумла иборат буда чунин аст: "Девони "Шӯхӣ". Муаллиф маълум нест. Аммо аз он ҷо ки дар мадҳи Хуҷанд порчае алоҳида дорад ва таъриф намудани Мир Фозил ном ... порчаи маснавии худ тасвир мекунад, гуфтан мумкин аст, ки Хуҷандӣ аст. Таърихи тартиби девон аз ҷониби муаллиф дар вараќи 150 омадааст, ки 1174"=1761 мелодӣ мебошад. Агарчи ин навиштаҳо муаррифии девони мазкур бошанд ҳам, чанд далелу назарро роҷеъ ба девон маълум менамояд. Вале ёддоштҳои устод Айнӣ бо ин ду нимварақ тамом намешавад ва устод минбаъд дар ҳошияи девон дар чанд

маврид бо ҳамон дастхати хеш ва қалами ранги сурх, ки то охир як ранг аст, навиштаҳое дорад, ки онҳоро метавон ба чанд даста тақсим намуд: нахуст тафсиру тавзеҳи луғавии ашъори шоир, вижагиҳои забонии он, дувум муаррифӣ ва тавзеҳ дар бораи шоироне, ки Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ аз онҳо зимни ҷавобия навиштан ба ғазали онҳо ёд кардааст, севум баровардани моддаҳои таърих дар қисмати "моддаҳои таърихӣ"-и девон мебошад.

Аз ёддоштҳои устод дар ҳошияи девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ нахуст ба ин навишта бармехӯрем, ки дар вараҳи 13б омадааст. Дар байти охири ғазали зер ин матлаб зикр шудааст:

Биё Шӯхӣ, асири лутфи хубони хуҷандӣ шав,
Ба нодонии худ бигзор турки тошкандиро [34, 13б].

Бояд гуфт, ки байти мазкурро Усмон Каримов [87,69] ва Камол Ёқубов дар диссертатсияи худ [174] истифода кардаанд, вале ҳар ду аз нусхаи 863/II [35,54б] ба кор бурдаанд. Дар нусхаи 2313 варақи 13б дар байти боло устод, Садриддин Айнӣ бо ҳамон қалами сурх зери калимаи "Хуҷандӣ" хат кашида дар ҳошия) навиштаанд: "Маълум мешавад, ки Шӯхӣ Хуҷандӣ аст" [34,13б].

Устод ҷои дигар дар ҳошия баробари як ғазали ӯзбекии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ, дар ҷавоби ғазали Машраб бо навиштани калимаи "ӯзбекӣ" хонандаро ба забони ин ғазал огоҳ месозад [34,19б].

Дар қисмати тавзеҳи калимаҳо ё луғавии ашъори шоир қайдҳои устод, Садриддин Айнӣ бисёр ҷолиб мебошад, ки аксари муҳаққиқони осору рӯзгори шоир аз он сарфи назар кардаанд. Бо нахустин тавзеҳи бо устод, Садриддин Айнӣ дар ин замина дар варақи 14а дучор меоем. Дар байти охири ин ғазал:

Пайи хунаш гирифтам теғи истиғно ба каф, Шӯхӣ,
Фалакро гӯ, ки то созад **муқаррар ҷои ҷангашро**.

Устод, Садриддин Айнӣ ба зери "муқаррар ҷои ҷангашро" бо ҳамон қалами сурхи хеш хат кашида, дар ҳошия навиштааст: "муқаррар кардани ҷойи ҷанг" "таъбири Бухорост" [34,14а].

Аз ҳамин дастаи вожаҳои гуфторӣ дар ҷойи дигар устод ба зери “гардам” дар ин байт:

Орази ҳамчу моҳро **гардам**,

Наргиси хушнигоҳро **гардам** [34, 128б],

хат кашида, дар ҳошия “таъбири Бухоро” навиштаанд [34,128б]. Ҳамин гуна аст, таъбири “обдорӣ кардаам” дар байти зер:

Дар замини сина тухми доғкорӣ кардаам,

То зи ҷӯи дидаи тар **обдорӣ кардаам**,

хат кашида, дар ҳошия “таъбири Бухоро” навиштаанд [34,130а].

Устод танҳо бо тавзеҳи калимаҳои гуфторӣ маҳдуд нагардида, ба тавзеҳи як вожа – таркиби адабии зинда дар гуфтори мардуми Бухоро пардохтааст, ки дар шеъри Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар чанд маврид истифода шудааст. бори аввал дар вараҳи 23б дар байти зер:

Аз пардагоҳи чарх ҳамин мерасад ба гӯш:

Ку Хусравони нишаста дар ин **шомиёнаҳо**,

ба зери калимаи “**шомиёна**” хат кашида, дар ҳошия бо ҳамон хатту қалами сурх чунин навиштааст: “Шомиёна”- таъбири Бухорост. Чодареро ба тарзи муваққат дар пеши хайма мегузаранд ё бар рӯйи ҳавлӣ бар ҳаво барои нигоҳдорӣ аз борон мекунанд, “шомиёна” меноманд” [34,23б]. Ҳамин калима дар шеъри Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар ду ҷойи дигар вомехӯрад, ки мураттибони Феҳристи нусхаҳои хаттии шарқии захираи дастхатҳои АИ ҶТ [89, 81], бо ранги бунафши сиёҳидон ба зери он хат кашидаанд:

Бузургиро олам зарур омад,

Моҳро **шомиёна** даркор аст [34, 53б].

Ва:

Шоҳи дил дар канор дорам,

Пардаи **шомиёнаи** ишқам [34, 129а].

Аз ин се мавриди зикршуда ба чунин натиҷа мерасем, ки калимаи “шомиёна” бо ҳамроҳи калимаҳои “шоҳ”-у “Хусрав” дар таносуб истифода шудааст ва он чодар махсуси шоҳон будааст, ки он фикрро тавзеҳи Деҳхудо

ҳам тасдиқ менамояд: “Пӯш, ки хаймаи бузурги сарпаҳн аст// Сақфи паҳни порчаӣ ва ин лафз дар такаллуми имрӯзи Ҳинд ҳаст. (Фарҳанги Низом). Соябон ва офтобгардон. Чатри тобистонӣ ва зимистонӣ (Нозиму-л-аттибо). Саропарда (Нозиму-л-аттибо)” [67, зайли “шомиёна”]. Тавре мебинем, ин вожа маълум ва маъруф будааст ва танҳо хоси Бухоро набуда, форсигӯёни дигар манотиқ ҳам истифода мекардаанд.

Дастаи дигари тавзеҳоти устод Садриддин Айнӣ дар ҳошияи девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ аз муаррифӣ ва ошно кардани хонандаи девон бо шоироне, ки шоир ба ғазалҳои онҳо ҷавоб гуфтааст, иборат мебошад. Дар вароқи 14а байти охир:

Ҷавоби он ғазали Мазҳар аст ин, Шӯхӣ,
“Каманди гул накунад сайд булбулони туро”.

дар ҳошия дар бораи Мазҳар маълумоти зерро бо қалами худ устод овардааст: “Маҳзар яке аз шоирони Ҳиндустон аст, ки бо унвони Мирзо Мазҳари Ҷониҷонон машҳур аст. Дар “Гулистони масаррат” шеъраш бисёр аст” [35, 14а]. Дар вароқи 15а дар баробари ин байт:

Шарбати Кавсар зи ёдам рафт, Шӯхӣ, то расид,
Ҷоми лабрезе ба каф аз суҳбати Мирзо маро.

дар ҳошия устод навиштаанд: “Мирзо – шояд Мирзо Мазҳар бошад” [35,15а]. Дар вароқи баъдӣ дар баробари ин байти шоир:

Ҷавоби он ғазал, Шӯхӣ, ки Шавкатрост, мегӯяд:
“Ки боғи дилкушоест ғайр аз ёр ошиқро”.

дар ҳошия навиштаанд, устод Айнӣ:

“Шавкат –Бухороист. Вафоташ дар соли 1111 ё 1116 ҳиҷрист” [35, 15б].

Гузашта аз ин, устод, Садриддин Айнӣ дар қисмати қитъаҳои моддаи таърихии девон, ки дар варақҳои 170 а, б; 174 а-176 а омадаанд, дар баробари 7 таърихи манзум соли онҳоро бо рақам ёфта, бо хатти худ, бо ҳамон қалами сурх сабт кардааст, ки таърихи тартиби девон аз ду роҳ ҳам ба ҳарфҳо:

Гуфт: Шӯхӣ бо хирад таърихи ин ғамнома чист?

Дар ҷавоби ӯ хирад фармуд: “**Мирзо Шӯхӣ**”-ст.

[35,170а] ва бо ифодаи ададӣ:

Бунёд шуд ин нома чу аз хомаи рангин,

Фармуд: **Санат алфа миа арбаъа сабъин.**

ки устод дар ҳошия бо дасти хеш рақами 1174 ҳиҷрӣ ва 1761м. навиштаанд. Ҳамин гуна таърихҳои вафоти Абдулмуъминхон ибни Абдулфайзхон дар як байт аз таркиби

Таърихи вафоти ӯ чунин буд:

“**Афтода ба чоҳ Юсуфи шаҳр**” – 1162 ҳиҷрӣ/ 1749

бо дасти устод навишта шудааст [35,175б].

Таърихи калламанораи Муҳаммадаминбии Ҳисорӣ аз таркиби “**машҳади ахёр**”- 1164 ҳ. Қатли Муҳаммадаминбии Ҳисорӣ аз таркиби “**Оҳ, қазоро бубин**”- 1178 ҳ., таърихи хурӯҷ кардани куффори Хитоӣ дар таркиби “**хароб ҷаҳон**” – 1171 ҳ. ва таърихи шаҳодати хоҷагони Қошғар, ки ба куффори Хитоӣ ғазои бешумор карда, дар ибораи “**шаҳиди ханҷар шуд**” – 1172 бо қалами устод дар ҳошия сабт шудааст [35,176а].

Аз ҳамаи ин ёддоштҳои устод Садриддин Айнӣ маълум мегардад, ки тамоми ашъори нусхаро мавриди мутолиа ва баррасӣ қарор додаанд ва қайдҳои эшон метавонад, дар таҳқиқоти роҷеъ ба ашъори шоир истифода шаванд, ки мутаассифона, аксари муҳаққиқи осору рӯзгори Шӯхӣ аз он ёд накардаанд. Бешубҳа, устодро метавон нахустин муҳаққиқи девони Шӯхии Хуҷандӣ шинохт.

Дар китоби “Тазкираи шуарои Хуҷанд” [125] мусаннифи он – Абдулманнони Насриддин намунае чанд аз осори Шӯхии Хуҷандӣ оварда, муҳимтарин лаҳзаҳои ҳаёти Мирзо ӯро ба қалам дода буд. Аз ҷумла, оид ба вазъи хонаводагии шоир, мероси адабии ӯ, ҳамчунин мавқеи даргузашти Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ иттилооти мустанадро ба қалам додааст. Ҳамаи онҳое, ки дар мавриди зиндагӣ ва осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ назари таҳқиқии хешро баён кардаанд, дар мавриди истеъдоди баланд, завқи салим

ва ҳунари нотакрори шоирӣ доштани Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ бо ҳамдигар мувофиқ мебошанд.

Воқеан, девони шоир, ки асосан аз ғазал иборат аст, Мирзо Шӯхии Хуҷандиро ҳамчун суханвари соҳибистеъдод, мумтоз ва ширинсухан муаррифӣ мекунад.

Дар сарчашмаҳо дар мавриди исми комили суханвар маълумоти муътамад ба чашм намерасад. Танҳо дар баъзе аз сарчашмаҳо аз ҷумла, дар “Таворихи манзума”-и Имомалии Қундузӣ, “Туҳфат-ут-таворихи Хонӣ”-и Муҳаммад Аминдомулло Рӯзӣ ибни Муҳаммади Аттор ва чандеи дигар қабл аз тахаллуси шоир унвони Мирзо зикр шудааст. Ин аст, ки дар ағлаби мавридҳо шоир бо номи Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ёд мешавад. "Шӯхӣ" тахаллуси адабии ӯ буда, на дар сарчашмаҳо ва на дар осораш сабаби интихоби ин тахаллус зикр наёфтааст. Тахмин меравад, ки тахаллуси шоир тамоюли ирфонӣ дошта, шоир худро дар расидан ба висоли Ҳақ шоиста намедонад ва бо ин тахаллус худро дар даргоҳи баланди Илоҳӣ орӣ аз гуноҳ намедонад. Ҳамчунин дар маъхазу китобҳо рӯз, моҳ ва соли таваллуди шоир зикр наёфтааст. Ҳини ошноӣ бо осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ аз қироати қитъаҳои таърихияш возеҳ шуд, ки мавлуди Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ба нимаи аввали асри XVIII мутобиқат дорад. Гузашта аз ин, ҳангоми вафоти падари суханвараш – Шайдои Хуҷандӣ, ки дар нимаи аввали асри XVIII рух додааст, Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ як тан шоири баркамол будааст.

**Расон афсонаи мушти ғубори Шӯхии маҳзун,**
**Гузорат, эй сабо, бар хоки Шайдои Хуҷанд афтад** [35, в.77а].

Вале байти мазкурро метавон ба тариқи дигар низ ташреҳ дод, ки шояд Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ба эҳтироми падари шодравонаш Хуҷандро бо "ибороти хоки Шайдои Хуҷанд" ёд карда бошад. Аз ин рӯ, нуктаи назари аввал, ки Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар даврони зиндагии падараш зоди сафар набастааст, ба ҳақиқати таърихӣ наздик аст. Ба ҳар ҳол, ин таҳқиқоти ҷадидро талаб мекунад.

Дар осори шоир метавон оид ба баъзе аз ҳодисаву воқеоти зиндагиаш маълумоти ҷолиб пайдо кард. Аз ҷумла, дар байти зерин Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ таъкид мекунад, ки замоне ошиқи дилбари тошкандӣ шудааст, вале бо гузашти замон ё василае аз баҳри он мебароядва дар интихоби ҳамсар боз ба дилбари хуҷандӣ руҷуъ мекунад:

**Биё, Шӯхӣ, асири ҳусни хубони хуҷандӣ шав,**

**Ба нодонии худ бигзор турки тошкандиро.**

Дар ин байт мусалламан Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ худро сарзаниш мекунад, ки аз сари нодонӣ ошиқи ёри тошкандӣ шудааст.

Дар мавриди соли вафоти Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ сарчашмаҳо санаи дақиқро далолат намекунанд, вале дар ин маврид ишораҳои шоир дар девонаш оид ба умри дароз дидани ӯ маълумот медиҳад. Чунончи:

**Пирӣ чу дод муждаи фасли вафоти мо,**

**Барги шукуфа рехт зи нахли ҳаёти мо** [35,54а].

Ё ин ки:

**Зи ҷаври чарх яке шуд ҷавониву пирӣ,**

**Гувоҳи ҳол бувад қомати ҳилол маро** [35,67б].

Аз ҷумла, дар байти зерин низ ишора ба пирии худу пирии гардун мекунад ва зӯри бозуи ҷавониро ёд мекунад:

**Камони пири гардунро шикастан орзу дорам,**

**Яке бар оҳи Шӯхӣ зӯри бозуи ҷавонӣ деҳ** [35,191б].

Чуноне ки зикр шуд, зиндагии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ба замони ҳукмронии охирин амири Аштархонӣ – Абулфайзхон (1711-1747), аввалин ҳокими манғитӣ – Муҳаммадраҳимхон (1747-1758), Амир Дониёл (1758), Амир Шоҳмурод (1758-1800) мувофиқ меояд.

Гузашта аз ин, Эргашалӣ Шодиев дар китоби худ “Тазкираи шоирони Хуҷанд” зикр мекунад, ки Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар ашъораш ба якчанд воқеаҳои таърихии замонаш ишора кардааст. Аз ҷумла, ин муҳаққиқ менависад: “Яке аз таърихҳои ӯ ба муносибати қатли шоҳзода Абдураҳмон – писари Абдукаримхон навишта шудааст” [169]. Ё худ ҳамин муҳаққиқ оид

ба ишораи Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар бораи фатҳи шаҳри Ӯротеппа аз ҷониби ҳокими Хӯқанд Эрдонахон (1754-1768), ки дар мавриди калламанора сохтани ӯ ёд мекунад, ишора дорад. Ҳамчунин мураттиби девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар бораи таърихи тартиби девон менависад:

**“Ба соли хатми китобаш ба Шӯхӣ он гуфтам:**

**Ки худ маро гули таърихи ин чаман бинамо.**

**Бигуфт: Ғунчаи матлаб туро шавад хандон,**

**Чу фикри реша давонад ба гулшани шуаро”** [34,170а].

Дар байти дигар бошад, соли тартиби девон возеҳу равшан баён шудааст:

**Гуфт Шӯхӣ бо хирад: Таърихи ин ғамнома чист?**

**Дар ҷавоби ин хирад фармуд: Мирзо Шӯхӣ аст** [35,170б]**.**

Мутобиқи ҳисоби абҷад “Мирзо Шӯхӣ” солҳои 1174-1176-ро фаро мегирад. Аз ин ҷо метавон ба натиҷае расид, ки Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ то соли ҳафтодуми асри XVIII умр ба сар бурдааст. Ҳамин тариқ, метавон ба хулосаи дақиқи илмӣ расид, ки зиндагии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ аз ибтидои асри XVIII то нимаи дувуми ҳамин аср идома ёфтааст.

Доир ба вазъи зиндагӣ, ҳаёти хонаводагии суханвар дар сарчашмаҳо наметавон маълумоти мушаххасро пайдо намуд. Аз ин рӯ, омӯзиши мушаххас ва мукаммали ашъораш метавонад дар рӯшан кардани баъзе аз паҳлӯҳои зиндагии шоир кӯмак расонад. Аз мавзӯву мундариҷаи ағлаби ашъораш метавон мушоҳида кард, ки Шӯхии Хуҷандӣ зиндагии осудаву беғам надоштааст. Ӯ мегӯяд, ки ҳарчанд ман дар зиндагӣ боиси озори касе нагаштаам, вале зиндагӣ пайваста маро ғам медиҳад:

**Беғам диле нагашт дар ин рӯзгори мо,**

**Як ғунчае шукуфта нашуд дар баҳори мо.**

**Дар боғи даҳр боиси озори кас наем,**

**Булбул забони шиква надорад зи хори мо...**

**Баҳрему ҷӯшдидаи тӯфони ҳодисот,**

**Киштии Нӯҳ раҳ набарад дар канори мо** [35,50а].

Муҳимтарин  санаде, ки дар зиндагиномаи Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ бо хатти сурх зикр мешавад, ин фарзанди шоири соҳибдевони охири асри XVII ва ибтидои асри XVIII Шайдои Хуҷандӣ будани суханвар мебошад. Шайдои Хуҷандӣ, ки осораш дар аксари баёзҳои хаттии асрҳои XVIII-XIX ва ибтидои асри XX ба назар мерасад, бемуҳобот, ба рушду такомули шоирии фарзандаш таъсири бузург расонидааст. Метавон ҳадс зад, ки шоирии Шӯхии Хуҷандӣ заминаи ирсӣ дошта, пешаи авлодӣ маҳсуб мешавад. Агар ба осори ин ду нафар шоири ширинадо назар намоем, умумият дар мавзӯву мундариҷа, мазмун, сабку услуб эҳсос карда мешавад. Ҳатто, сатҳи зиндагӣ, ахлоқу одоб, ҷаҳонбинӣ, инсоншиносӣ ва дигар сифатҳои ин дуро аз осорашон мушоҳида кардан мумкин аст.

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ аз ашъори баланд ва истеъдоди хеш ифтихор дорад. Ӯ баҳои хешро дар олами сухан медонад ва онро сазовори аҳли маърифат ва сухан мешуморад:

**Намедонам, чи лаззат бурда тифли чашми он бадхӯ,**

**Намемонад замоне аз бағал девони Шӯхиро** [35,67а].

Ин гуна ифтихорияҳои шоир бештар дар мақтаи ғазалҳои шоир ба назар мерасанд ва ашъори худро бо ибораҳои “сухани мавзун”, “мисраи мавзун” ёд карда, худро “соҳиби килки шакарбор” ном мебарад. Шоир мисраи тозаи хешро дар тасвирхонааш ба “шӯхи паризод” монанд мекунад:

**Шӯхиям, ошиқи ҳусни сухани мавзунам,**

**Мисраи тозаи ман шӯхи паризоди ман аст** [35,87аб].

Шӯхии Хуҷандӣ борҳо ишора бар он мекунад, ки “тӯтиён ба назми ӯ дил додаанд”. Агар дар абёти зер тӯтиёнро дилдодаи назми хеш хонда, аз найи қаламаш резиши шакарро тасвир кунад:

**Чунон ба назми ту дил дода, тӯтиён, Шӯхӣ,**

**Ки гӯӣ софшакар резад аз найи қаламат** [35,87а].

дар байти дигар ҷиҳати килки шакарбори шоир хомӯшӣ гузидани тӯтисуханон, яъне суханварони дигарро зикр месозад:

**Тӯтисуханон аз чӣ хамӯшанд дар ин давр?**

**Шӯхӣ, набувад килки шакарбори ту боис** [35, 97б].

Дар ҷои дигар суханҳояшро аз лаъли Бадахшон болотар мешуморад:

**Шӯхӣ, аз рашки суханҳоят Бадахшон шуд хароб,**

**Хуни ҳасрат лаъл аз иқболи гавҳар мехурад** [35, 102б].

Дар баробари ифтихору сарфарозиҳо аз каломи мавзуни хеш шоир хамӯшӣ гузиданро дар назди бахилону ҳосидон муҳим медонад. Чунончи мефармояд:

**Шӯхӣ, бадхоҳон намехоҳанд иқболи сухан,**

**Хомушӣ бошад накӯтар пеши арбоби ҳасад** [35,104б].

Бо вуҷуди ҳунари воло ва истеъдоди хуб доштанаш, зоҳиран, ашъори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ аз ҷониби сухансанҷону суханварони маъруф камтар мавриди эътироф қарор мегирифт. Махсусан, дар ин давра суханварони мумтозе дар сарзамини Ҳинд ва Эрон сар афрошта буданд ва бештарини онҳо вирди забонҳо қарор доштанд. Дар ин маврид Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ аз эътибор дур афтодани ашъораш ва дар сари забонҳо қарор надоштани номашро дар он медид, ки ӯ зодаи Мовароуннаҳр аст:

**Гар зи Эрон мешудам, эъзоз мекарданд халқ,**

**Айби ман ин аст, Шӯхӣ, шоири Тӯрониям** [34,124б; 36,218].

Аз мисолҳои мазкур метавон ба хулосае расид, ки шоир дорои завқи баланди суханшиносиву сухансанҷӣ буда, ба осори худу ҳамасронаш ифтихор менамуд. Дар баробари эҳтирому муҳаббат ба осор ва шахсияти шоирони дигар Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ба нигоштаҳои худ низ баҳо медод. Ин амали ӯ агар аз як ҷониб таваҷҷӯҳи хонандаро ба худ ҷалб мекард, аз ҷониби дигар, тазкиранигорон, муҳаққиқони улуми адабро водор мекард, ки ба муҳимтарин ҷанбаҳои ҳунарӣ ва адабии шеъри Шӯхӣ назар созанд. Аслан, фахрияҳо дар таърихи адабиёти тоҷик собиқаи тӯлонӣ дошта, ҳадафи он танҳо таърифу тавсифи худи шоир набуда, балки як раҳнамое дар шинохти паҳлуҳои мухталифи шеъри ин ё он адиб мебошад.

Шоир дар ғазали дигар шиква аз рӯзгори хеш мекунад ва субҳи умеди хешро аз шоми ғам ториктар мебинад. Ӯ бадбахтии хешро тақдири азалӣ медонад ва дар сиришташ заҳроби ғамро эҳсос мекунад:

**Набошад меҳру маҳ дар олами толеъ падид ин ҷо,**

**Бувад аз шоми ғам ториктар субҳи умед ин ҷо.**

**Зи аввал баски тахмири ман аз заҳроби ғам будаст,**

**Ба ҷои мӯ зи ҳар узви танам ништар дамид ин ҷо** [35,49а-49б].

Ҳини назар кардан оид ба ташаккул, равнақ ва рушди истеъдод ва эҷоди шоир ба як нуктаи муҳим таваҷҷӯҳ кардан ногузир аст. Аз зиндагиномаи Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ бармеояд, ки вай як қисми рӯзгорашро дар Бухоро ва қисми дигарашро дар Хӯқанд гузаронидааст. Аз ҳақиқат дур нест, ки шоир муҳити адабии худро, ки дар Бухоро буд, бинобар тағйирёбии назару андеша, тафаккур ва шинохти ҳақиқати иҷтимоию сиёсӣ дигар кардааст. Мутобиқи санадҳои таърихӣ дар рӯзгори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ҳаёти адабии Бухоро рӯ ба инқироз овард ва шоир маҷбур шуд, ки ба Хӯқанд равад. Албатта, ин тағйирёбии муҳит ба ашъори шоир бетаъсир намондааст. Аз ин нуқтаи назар ихтилофҳои зоҳирӣ дар сабку салиқаи шоир аз ҳамин сарчашма гирифтааст.

### 1.3.Таркиби жанрии девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ

Мисли ҳамаи девонҳои шоирони ин давра девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ҳам аз қисмати ғазалиёт оғоз мегардад, ки аз муҳимтарин навъи адабии ин давраи таърихи адабиёт ба ҳисоб меравад. Ғазалиёти шоир дар ду нусхаи мавриди баррасии мо [34; 35] ба тартиби алифбоии қофияҳо дар тамоми ҳарфҳои арабии забони тоҷикӣ мавҷуд мебошанд. Дар ҳар ду нусха ғазалиёт бо ғазали зер, ки матлааш:

То ба номат ёфт девони саноеъ ибтидо,

Матлаъи абёташ аз мисраъи ҳамдат шуд бино [34,2а; 35,47а, 36,25],

мебошад, оғоз мешавад. Дар нусхаи 863/II пеш аз ин ғазал, дар варақи 46б ғазале бе матлаъ дар ҳашт байт, дар наът омадааст, ки байти аввали он ин тавр аст:

Дар рӯзи ҳашр парда аз рухсора афканӣ,

Эзид кунад ба қудрати поки худ офарин [35, 46б].

Аз он ки ғазали аввал дар ин нусха баъд аз “бисмиллоҳ” дар варақи 47б омадааст ва бо ҳарфи “алиф” ба охир мерасад, онро метавон ибтидои девон ҳисобид ва ин матлабро мазмуни байт ҳам мерасонад, ки ҷойи тардид боқӣ намемонад. Минбаъд ғазалҳо агарчи тартибашон дар нусхаҳо мувофиқат намекунанд, боз ҳам пасу пеш омадаанд, вале ғазалҳое ҳам ҳастанд, ки дар яке аз нусхаҳо наёмадаанд. Аз ин маълум мешавад, ки нусхаҳои девони шоир беш аз он чӣ имрӯз дар даст ҳаст, будаанд, ки рӯйбардор шудаанд. Инро фарқу бадали калимаҳо ва тартиби ноҳамгунии байтҳо дар баъзе мавридҳо дар ҳар ду нусха ҳам нишон медиҳанд. Пас аз омӯзиши таркиби ҳар ду нусха ба хулосае омадан мумкин аст, ки нусхаи 2313 ҳам аз нигоҳи замон қадимтар ва ҳам аз лиҳози фарогирии теъдоди анвои шеърӣ ва миқдори онҳо бартарӣ дорад, бинобар ин, ҳангоми баёни таркиби жанрии девони шоир ба он такя карда мешавад. Дар баробари ин, нусхаи 863/II аз чанд ҷиҳат бартарӣ дорад, ки дар хондани баъзе калимаҳои норавшани нусхаи аввал ёрӣ расонида метавонад ва дар баъзе мавридҳо саҳеҳтар ҳам мебошад.

Ҳамин тавр, дар нусхаи 2313 мувофиқи мушоҳидаи мо 537 ғазал мавҷуд мебошад, ки 3585 байтро ташкил медиҳанд. Ғазалиёт аз варақи 2а то варақи 162а ҷойгир буда, ҳар ғазал аз 5 байт то 23 байтро фарогир ва ҷадвали онҳо чунин баррасӣ гардид:

| ҳарфҳо, теъдоди байтҳо | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 20 | 23 | Шумораи ғазалҳо | Шумораи байтҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| алиф | 12 | 33 | 38 | 7 | 3 | | | | | | | | 93 | 607 |
| Бе | 1 | 2 | 6 | 1 | | | | | | | | | 10 | 67 |

| | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Те | 6 | 38 | 31 | 3 | 2 | 2 | | | | | | | 82 | 537 |
| Се | 1 | 2 | 1 | | | | | | | | | | 4 | 24 |
| ҷим | 1 | 2 | | 1 | | | | | | | | | 4 | 25 |
| Ҳе | 3 | 2 | | | | | | | | | | | 5 | 27 |
| Хе | | 4 | | | | | | | | | | | 4 | 24 |
| дол | 5 | 36 | 47 | 6 | 7 | | | | | 1мухам Мас | 1 | | 102+1 | 715 |
| зол | 1 | 2 | | | 1 | | | | | | | | 4 | 26 |
| Ро | 3 | 4 | 8 | 1 | | | | | | 1 | | | 17 | 117 |
| Зо | 1 | 3 | | 1 | 1 | | | | | | | | 6 | 40 |
| син | | 4 | 2 | | | | | | | | | | 6 | 38 |
| шин | 1 | 2 | 1 | | 1 | | | | 1 | | | | 6 | 46 |
| сод | | 4 | | | | | | | | | | | 4 | 24 |
| зод | | 1 | 3 | | | | | | | | | | 4 | 27 |
| иткӣ | 2 | | 2 | | | | | | | | | | 4 | 24 |
| изғӣ | | 2 | | | | | | | | | | | 2 | 12 |
| ъайн | 1 | 4 | 1 | | | | | | | | | | 6 | 36 |
| ғайн | | 2 | | 1 | 1 | | | | | | | | 4 | 29 |
| Фо | | 4 | | | | | | | | | | | 4 | 24 |
| қоф | 2 | 1 | 3 | | | | | | | | | | 6 | 37 |
| коф-гоф | 1 | 1 | | 1 | | | | | | | | 1 | 4 | 42 |
| лом | | 7 | | | | | | | | | | | 7 | 42 |
| мим | 3 | 23 | 31 | 4 | 5 | | 1 | | | | | | 67 | 485 |
| нун | 1 | 12 | 14 | 5 | | | | | | | | | 32 | 215 |
| вов | 1 | 9 | 2 | | 1 | | | | | 1мухам Мас | | | 13+1 | 96 |
| ҳамза,ҳо-и ҳавваз,йо | 2 | 18 | 9 | 1 | 2 | 1 | 1 | 1 | | 1 | | | 36 | 254 |
| ҳамагӣ | 48 | 221 | 199 | 38 | 24 | 3 | 2 | 1 | 1 | 2 | 1 | 1 | 537 | 3585 |

Чунонки мебинем, ба ҷуз ғазалҳо дар дохили онҳо вобаста ба қофияи банди аввали онҳо ду мухаммас ҳам яке дар қофияи “дол” ва дигаре дар

қофияи “вов” омадаанд. Мухаммаси аввалӣ дар ҳафт банд (мо дар ҷадвал ҳафт бандро 14 байт ҳисоб кардем, бе мисраъҳои восила, ки ҳафт мисраъ ё 3,5 байт мешаванд ва маҷмӯан ҳар мухаммас 17, 5 байт мешавад) дар ҳар ду нусха омада [35,73б-74а; 34,112а-113а] дар чанд мисраъ бо ихтилофи калимаҳо вомехӯрем, ки бо хатои котибон сар задааст. Мухаммаси дувумӣ тазминӣ буда, дар қофияи “вов” бар ғазали Соиб гуфта шудааст, ки он ғазал ҷавобе ба ғазали Аттор мебошад:

Ҳар нуктае, ки соҳиби гуфтор гуфтааст,
**Шӯхӣ**, ҳама з-олами асрор гуфтааст.
**Соиб** чунин зи табъи гуҳарбор гуфтааст,
Ин он ғазал, ки ҳазрати **Аттор** гуфтааст:
“Аз оташи самоъ дили беқарор ку?” [35, вар.148а-148б].

Ин мухаммас дар нусхаи 863/II наомадааст. Ҳамчунин дар нусхаи 2313 варақҳои 188б-189б мухаммаси сеюми шоир омадааст, ки охирин шеъри девон ва ба забони туркӣ дар 22 байт мебошад. Ин мухаммас бо байти

Айюҳалаҳбоб айланг дод аҷални дастидин,

шурӯъ мешавад ва дар 11 банди дубайтӣ  суруда шудааст.

Чунонки дар боло дидем, ҳам теъдоди ғазалҳо ҳам теъдоди байтҳо ва ҳам адади мухаммасҳои шоирро муҳаққиқон ба таври гуногун овардаанд.

Дигар навъи адабӣ, ки дар ин нусхаҳо мавқеи асосӣ баъд аз ғазалро дорад, маснавиҳои шоир мебошад, ки онҳо аз ҳама беҳтар дар нусхаи 2313 боқӣ мондаанд. Мувофиқи ин дастхат баъзе порчаи шеърии шоир дар шакли қофиябандӣ ва вазни навъи адабии маснавӣ эҷод шудаанд. Маснавиҳои шоир асосан, дар ду вазни маълуми маснависарой:

а) рамали мусаддаси маҳзуф:

–V– – / –V– –/ –V–

–V– – / –V– – / –V– (фоъилотун,фоъилотун, фоъилун)

б) ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф:

V– – – / V– – – / V– –

V– – – / V– – – / V– – (мафоъӣлун, мафоъӣлун, фаъӯлун)

таълиф шудаанд.

Дар нусхаи 2313 маснавии нахустин бе унвон бо як сатр фосила дар варақҳои 163а-163б иборат аз 9 байт дар бораи котиби "ғалаткор" омадааст.

Маснавии дуюм, дар ҳар ду нусха бо унвони "Латоифот" омадааст. Ин маснавӣ бо байтҳои

**Эй сивоят ин ҷаҳони мосиво,**

**Ошиқонат аз ману аз мо сиво.**

**Эй, ки худ ҳам Каъбаӣ, ҳам раҳнамо,**

**Корсозӣ кун, маро ҳам раҳ намо.**

**Эй, ки доим бекасонро ҳамдамӣ,**

**Ёр шав аз лутф бо ман ҳам даме...[**34, 163б]

шурӯъ мешавад то варақи 165б идома дошта, 52 байтро фаро мегирад ва то охир дар ҳамин санъати ҷинос гуфта шудааст [35, 163б-165б]. Ин маснавӣ дар нусхаи 863/ II дар 101 байт бо санъати ҷинос омадааст [35, 164а-168а] ва бо ин байтҳо ба поён мерасад:

**Эй, ки ҳастӣ оризонро дастгир,**

**Шӯхии афтодаатро даст гир.**

**Қисса кӯтаҳ, ҳар кӣ хонад ин калом,**

**Қола Шӯхӣ умраҳу тола бикалом** [35, 168а].

Дар нашри кирилии мунтахаби ғазалиёти шоир, дар муқаддима дар муаррифии маснавиҳои шоир инро маснавии аввал ва байти оғозини онро барғалат аз байти дуюми он нишон додани мураттиб аз ноогоҳии ӯ аз нусхаи дастхат гувоҳӣ медиҳад [36,8].

Маснавии сеюм, бо унвони "Шикастани шишаи муошират ва гусастани шерозаи ҷамъият ва ҷудо шудан аз ватани офият ва сокин шудан ба шаҳри ғурбат ва сар ниҳодан ба болини ҳасрат" дар нусхаи 2313 аз 59 байт иборат бошад [35, 165б-168а], дар нусхаи 863/ II ин маснавӣ ғазале дар даҳ

байт дар дохилаш дорад [35, 170а-170б]. Маснавии чорум, бо унвони “Хиромидани юсуфвашони маҷлиси хоси аморатпаноҳӣ ба сарвақти Шӯхии маҳзун ба тариқи аёдат” дар нусхаи 2313 аз 58 байт иборат аст [35, 168а-170а]. Дар девон пас чанд қисмат дар охир маснавии панҷум, бо унвони “Зинатафзои маъшуқи гулистони сабзҷоҳ...(калимаҳои охираш нохоно –Ҳ. Б.)” дар 48 байт омадааст [34,181б-183а] ва маснавии шашум ҳам, бо унвони “Шикоят намудани ошиқи маҳҷур аз саркашии маъшуқ” дар 30 байт [35, 183а-183б] ва маснавии охирин, ки муҳаққиқи рӯзгор ва осори шоир Камол Ёқубов онро дар чанд маврид қасида меномад [174,37], омадаст, ки дар нусхаи 2313 21 байт мебошад [35, 185а-185б], дар давоми ҳамин маснавӣ бо унвони “Дар тавсифи Хуҷанди арҷманди фирдавсмонанд” дар 32 байт ва “Супориш кардани амири олишон ба авоили олишон он хайрушшуҳури мазкурро ва таърихи он” дар 40 байт [35, 187а-188б] омадааст, ки ҳамроҳ бо таърих аст:

**Хирад чун кӯси таърихаш аён зад,**

**Садои “Мир Фозил” дар ҷаҳон зад** [35,188б].

ки 1161ҳиҷрӣ/1748 мелодӣ матлуб аст.

Дар девони шоир аз нигоҳи теъдоди байтҳо дар ҷои сеюм навъи адабии қасида меистад ва дар чор қасида фарогири 136 байт мебошанд. Се қасида (ҳар кадом 43, 22,39 байт) ба забони тоҷикӣ ва як қасида (32 байт) ба забони туркӣ навишта шудааст [35, 177а-174б]. Баъди қасида аз нигоҳи миқдори байтҳо қитъаҳои таърих мебошанд, ки дар девони шоир 17 адад порчаи шеърӣ дар ин навъи адабӣ суруда шудаанд ва дар ҳамин қисмат се (ду ва як) байти бидуни таърих ҳам омадаанд, ки ҳар кадоми ин таърихҳо ба ҳодисаи муайяни таърихии замони муаллиф бахшида шудааст [34, 170а-170б; 174а-176а]. Дар девони шоир дар 31+1 байт қисмати “Дуои риқоб”-и “Авроди фатҳия” бо шеър тарҷума карда шудааст. Бояд зикр намуд, ки дуои мазкур асари орифу сӯфии машҳури қарни XIV Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мебошад ва дар соли 776-778/1377-1378 таълиф шудааст. “Авроди фатҳия” (Дуои кушоиш) дар байни аҳолии сарзамини мо бисёр шуҳрат дошт ва дар аксари

манотиқи форсизабонон онро мехонданд ва дар байни аҳли тасаввуф маъруф ва машҳур буд [102; 140,3-8;122,9-11;66,11-15]. Дар девони шоир ҳамчунин 10 рубоӣ вуҷуд дорад ва агарчи ин навъ дар ин давраи таърихӣ чандон ривоҷ надоштааст, боз ҳам аз роиҷ будани ин навъи адабӣ дар ин замон гувоҳӣ медиҳад. Дар нусхаи 863/II 9 рубоӣ омадааст [34,163а-163б].

Тамомии ашъори мавҷуд дар нусхаи 2313 иборат аз 4236 байт ва аз ин 60 байт ба забони ӯзбекӣ (як ғазали шашбайтӣ, як қасидаи 32-байтӣ ва як мухаммаси 22-байтӣ), 4176 байти боқимонда ба забони модарии муаллиф мебошад, ки бо вуҷуди дар муҳити дузабонии ҳавзаи адабии Фарғонаву Хӯқанд дар дарбор хизмат кардани ӯ, қисмати аъзам ва асосии осори шоир бо забони роиҷу мустаъмали ин сарзамин-тоҷикӣ таълиф гадидааст.

### 1.4. Нусхаҳои хаттии девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ

Дар бораи мавҷудияти нусхаҳои хаттии девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ нахустин маълумотро дар «Феҳристи нусхаҳои хаттии шарқии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» [89,81- 82] мехонем. Ин маълумот агарчи кӯтоҳу мухтасар аст, вале дар тавсифи аввалияи ду нусхаи девони шоир хеле пураҳамият ва нуқтаи оғози ҳамаи пажӯҳишҳои баъдӣ дар бораи шоир ва мероси адабии ӯ гардидааст. Ҳамаи онҳое, ки ба таҳқиқу баррасии мероси боқимондаи шоир пардохтаанд, аз ин маълумот истифода ва онро чун сарчашмаи асосӣ шинохтаанд, ки дар воқеъ, чунин ҳам ҳаст. Аз қайду ишораҳои устод Айнӣ дар оғози матни нусхаи 2313 [34] маълум мешавад, ки нахустин муаррифи ин нусха эшон буда, дар баробари баёни чанд маълумот дар бораи шоир ба тавзеҳу шарҳи чандин нуктаҳои ашъори ӯ ҳам пардохтаанд, ки дар саҳифаи пеш аз он сухан кардаем.

Минбаъд дар навиштаи муҳаққиқон, ки ба эҷодиёти шоир машғуланд, дар бораи чигунагии нусхаҳо ва таркиби онҳо сухан рафтааст [87, 235-236; 167; 130; 129; 138,18]. Вале дар таҳқиқоти Камол Ёқубов дар ин бора муфассал ва мукаммал аз дигар таҳқиқот ибрози назар шудааст, ки ҷойи он аст, хидмати муҳаққикро дар муаррифӣ ва муайяну мушаххас кардани

нусхаҳои мавҷуд дар кишвари мо тамҷид намоем [174, 31-50]. Мувофиқи таҳқиқи Камол Ёқубов дар Тоҷикистон чаҳор нусхаи хаттии девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ мавҷуд аст, ки дар тавсифи ӯ ин нусхаҳо чунин аломатгузорӣ шудаанд: 1) нусхаи А таҳти шумораи 863 маҳфуз дар захираи дастхатҳои шарқии Маркази мероси хаттии АМИТ мебошад [89, 81-82]. Аз он ки муаллифи рисола ин нусхаро таҳти ҳарфи А овардааст, онро аз чанд нигоҳ бар нусхаҳои дигар бартар медонад, мутаассифона, нусхаи В – яъне, 2313 аз он беҳтару хубтар мебошад. Тавсифи ин нусха, ки муаллифи диссертатсия овардааст, чунин мебошад: андоза 19x11,5 см, ғафсиаш 4 см (бо муқова) дар ҳар саҳифа 24-26 сатр ҷой гирифта, матни ашъор аз саҳифаи 46 оғоз мешавад [174,32]. Дар асл ин дастхат таҳти рақами 863/II дар «Феҳристи дастнависҳои шарқии АИ ҶТ» [174, 81-82] сабт шуда, асари дуюми он девони Шӯхии Хуҷандӣ ва он аз варақи 46 то 190-ро фаро мегирад. Дигар маълумоти муаллифи диссертатсия ҳам ба асли нусха мувофиқат намекунад. Аз ҷумла, ӯ теъдоди саҳифаҳои онро 446 саҳифа [174,33] медонад, ки саҳеҳ нест. Нусха 190 варақ ва 288 саҳифа дошта, ашъори Шӯхӣ аз варақи 46 то 190-ро дарбар мегирад, ки 143 варақро ташкил медиҳад, ки пас аз такмилу барқарорсозӣ дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии АИ, аз тарафи кормандони он ҷо саҳифаҳо ва варақҳо шуморагузорӣ ва андозаи он ҳам 11x18см мебошад, ки дар Феҳрист [89,82] зикр шудааст ва тибқи ин навиштаҳо нусха мутааллиқ ба ибтидои асри XIX мебошад [89,82], на асри XVIII, ки муаллифи диссертатсия навиштааст [174,32]. Он чи муаллифи диссертатсия дар бораи дар саҳифаҳои 56а, 59а, 62а, 67а, 79б, 72а, 79а,85а, 93а, 103б, 120б, 126а, 128а, 131б, 189 б овардааст, ки калимаҳо хат зада шудааст, котиб ба ҷойи онҳо калимаҳои дигар дохил кардааст, бе асос ва ғайривоқеӣ мебошанд. Дар ҳамаи варақҳои дар боло зикршуда матн комилан дуруст буда, танҳо варақи 59а, каме бо таъсири намӣ хароб шуда, матн қобили хондан мебошад, дар варақи 79а дар ҳошия мисраъ ислоҳ карда шудааст, 85а ислоҳ карда шуда, 93а бо таъсири намӣ матн нохоно, 126 а дар ҳошия ними мисраъ пурра карда шудааст, 131б хат зада, ислоҳ карда шудааст

ва дар вараќи 189б вараќҳо часпида, ќисми аввали сатрҳо хонда намешаванд, боќимондаҳо дуруст, ќобили хондан ва истифода мебошанд. Муаллифи диссертатсия овардааст, ки вараќҳои 128 ва 139 афтодаанд [174, 34], дар сурате, ки ин вараќҳо дар нусха мавҷуд ва матни онҳо хуб хонда мешаванд. Дар ин нусха мувофиќи ҳисоби муаллифи диссертатсия 449 ғазал (вараќҳои 46а-111а=229 ғазал, 112б – 162а=169 ғазал, 171а-180б=28 ғазал,181а – 187а=22 ғазал, яъне, 229+169+28+22=448 ғазал ва як ғазали дохили маснавии «Латоифот»-ро ҳам ҳисоб кардааст, ки ҷамъан 2974 байт) [174,35], 1 мухаммас (вараќи 111б – 112б, 7 банд, 17,5 байт), 9 рубоӣ (вараќҳои 162б-163а -18 байт) ва вараќҳои 163б – 170б, 73 байт ашъор омадааст, ки муаллиф барғалат ин маснавиро «ќасидаи нотамом» [174,34] номидааст ва як маснавӣ – «Латоифот» (249 байт) дар ашъори Шӯхӣ гирд омадааст.

Эродҳои муаллифи диссертатсия дар бораи иштибоҳоти котиби нусха дар мавриди байтҳои зер:

**«Чанд бошӣ, Шӯхӣ, дарёкаш ба базми беғамон,**

**Соғаре як дам биё, аз дасти маҳзуно талаб** [35, 72б].

муаллиф мисраи дуюмро ин тавр ислоҳ кардааст:

**«Соғаре як дам биё, аз дасти маҳзунӣ талаб»** [174, 35]

дар асл нусха дуруст ва чунин аст, ки бояд «маҳзуне» хонда ва навишта шавад:

**«Соғаре як дам биё аз дасти маҳзуне талаб»** [35, 72б]

Ё муаллиф овардааст, ки байти зер:

**Рози худ ошиќ тавон нуҳуфта сохт,**

**Барќро хирман агар ниҳон кунад** [174, 35].

дар асл дуруст аст:

**Рози худ ошиќ тавон бинҳуфта сохт,**

**Барќро хирман агар пинҳон кунад** [35, 109а].

Ҳамчунин эроди муаллиф дар мавриди байти зер ба котиби нусха:

**Кардам ҷафо умед вафо ҷилваҳо намуд,**

**Чашми ҷафошиори ту дорад баҳонаҳо** [35, 66а].

муаллиф онро «кардам вафо умеди» кардааст, ки бе асос буда, дар ҳар ду нусхаи мавҷуд дар дасти мо [34 ва 35] «кардам ҷафо умед варо ҷилваҳо намуд» (дар 2313 ба ҷойи «ҷилваҳо» - «пешаҳо») омадааст, ки бидуни изофат дар «умед» дуруст аст [35, 66а; 34,23б].

Дар мавриди нусхаи 833, ки моли Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, мутаассифона, он дастраси мо нагардид ва бино бар иттилои муаллифи «Феҳристи нусхаҳои хаттии маркази фарҳангии ба номи профессор Ш. Ҳусейнзода» [96,31] «Девони Шӯхии Хуҷандӣ» аз ҷумлаи чор китоби мафқудшудаи ин марказ мебошад [96,31]. Бояд афзуд, ки навиштаҳои муаллифи таҳқиқот онро чунин тавсиф менамояд: андозааш 13х23,5 бо ғафсии 3 см (бо муқова) ва матн дар саҳифаҳои 2 то 336, 22-26 сатр дар ҳар саҳифа ҷойгир шудааст [174, 36]. Агар навиштаҳои муаллифи диссертатсияро ба назар бигирем, дар ин нусха ашъори шоир бештар аз дигар нусхаҳо боқӣ мондааст. Аз ҷумла «Дуруднома»-и Шӯхӣ дар 69 байт дар навъи қасида [174, 39] шояд хато шуда бошад, аз як байти овардаи муаллиф он ба маснавӣ шабоҳат дорад:

**Эй аҳади холиқи арзу само,**

**В-эй самади молики ҳар ду саро (** [Б-833, вар. 297, 174, 43] – Ҳ. Б.).

Мутаассифона, муаллифи диссертатсия дар ин ҷо ҳам маснавии «Оғози хуруҷи боуруҷи амири фазилатниҳод ва саодатосор Фозилбӣ ибни Муҳаммадсодиқбӣ»-ро, ки дар саҳифаҳои 326-336 омадааст, қасида номидааст [174, 37]. Дар ин нусха 535 ғазал (як ғазал дар дохили «Латоифот» (дар ин нусха 11байт) ва 63 ғазали он дар ҳошия буда, 2989 байтро ташкил медиҳанд. Рубоиҳо дар ин ҷо 11 адад, 2 мухаммас (35 байт) ва «Латоифот» дар 233 байт буда, қитъаҳои таърихӣ 91,5 байт омадаанд, ки дар дигар нусхаҳо кам (масалан, дар нусхаи 2313 – 39 байт), миқдори байтҳои қасидаҳо ҳам зиёд нишон дода шудааст (ду қасида 350 байт), яқинан иштибоҳ мебошанд [174, 37], зеро чор қасидаи шоир дар нусхаи 2313 аз 136 байт иборат мебошанд. Миқдори ғазалҳоро ҳам 471 адад навишта ва меафзояд, ки

назар ба нусхаи 863-II, 95 ғазал зиёд дорад, дар ҳоле ки 471-445=22 ғазал зиёд доштанаш эҳтимол дорад. Ин иштибоҳи муаллифро дар муаррифии қасидаҳо метавон дид, ки дар бораи қасидаи чорум менависад, ки бо ин байт оғоз мешавад:

**Суханвар хомае ҳангоми тақрир,**

**Ба лавҳи қисса зад ин нақши таҳрир.**

[Б – 833,326; 174, 43], маълум, ки аз маснавии «Оғози хуруҷи боуруҷи амири фазилат ва садоқатнажод мураббии (як калима нохоно) Фозилбӣ ва Муҳаммадсодиқбӣ аз тасхири арӯси олам» [35, 185а] буда, асли он чунин аст:

Сухан **дар хомаи ҳангоматақрир**,

Ба лавҳи қисса зад ин нақши таҳрир [35, 185а].

Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқи хеш ба ин натиҷа расидааст, ки ҷамъан дар ин нусха (Б- №833) 3790 байт ашъори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дарҷ ёфтааст, ки аз он 2989 байт ғазал, 91,5 байт қитъаҳои таърихӣ, 35 байт – ду мухаммас, маснавии «Латоифот»-и шоир дар 233 байт, ду қасида – 350 байт (дар ҳоле ки дар нусхаи шумораи 2313 чор қасида 136 байт доранд, яқинан маснавиро ба қатори қасидаҳо ҳисобидааст – Ҳ.Б.) «Дурудънома»-69 байт, 9 рубоӣ – 18 байтро ташкил медиҳанд [174, 38-41], ки бо рақамҳои овардаи муаллиф мутобиқат надоранд. Агар ҳамаи байтҳо ҷамъ гардад, 3785,5 байт мешавад, ки аз гуфтаи муаллиф (3790 байт) кам мебошад.

Мисли ҳамин дар муаррифӣ ва тавсифи нусхаи шумораи 2313, ки дар диссертатсия бо аломати В ишорат шудааст, ноҳамхонӣ ва номувофиқатиҳои бисёре вуҷуд дорад, ки мутолиаи онро ба хонандагон вомегузорем [174, 41-50], ки дар ин ҷо рисоларо тӯл мекашонад. Дар бораи нусхаи чорум ҳам, ки дар дастраси мо нест, ҳол ба ҳамин минвол аст [174, 41-50]. Нодурустхонии калимаҳо дар баргардони шеърҳо ҳам дар аксари порчаҳои шеърӣ вуҷуд дорад, ки баёни онҳо ҳам хеле вақт зоеъ кардан ва малоли хотири хонанда хоҳад шуд.

Муҳаққиқи дигари Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ Усмон Каримов низ дар омӯзишу таҳқиқи таркиби ду нусхаи мавҷуд дар Ганҷинаи дастнависҳои

Маркази мероси хаттии АМИТ хеле саъйю эҳтимом намуда, дар таҳқиқоти хеш мундариҷаи нусхаҳоро чунин пешниҳод кардааст: «Нусхаи 2313 аз 190 варақ иборат аст. Дар ҳар рӯйи вараќи коғаз хӯқандӣ бо хатти настаълиқ 11-12 байт сабт шудааст. Ин нусха 492 ғазал (3580 байт), 3 мухаммас (22 банд), 4 қасида (168 байт), 9 манзума (420 байт) ва 10 рубоиро дар бар гирифта, миқдори ҳамаи ашъори он 4293 байт аст. Ин нусха девони комили ғазалиёти шоир аст» [87,71].

Мутаассифона, ин тавсиф ва арқом ҳам бо асли нусхаи 2313 дар чанд маврид мувофиқат намекунад.

Дар таҳқиқи Усмон Каримов нусхаи шумораи 863/ II (дар навиштаҳои Усмон Каримов 823/ II омадааст, ки хатост – Ҳ. Б.). Муштамил ба 143 варақ (46а-189б) ва 3344 байт, аз ҷумла 447 ғазал (2970 байт, 10 рубоӣ, як мухаммас (7 банд), ду маснавӣ (243 байт +73 байт) мебошад [87, 72] ва ин рақамҳо ҳам бо асли нусха дар чанд маврид мувофиқат надорад, аз ҷумла, рубоиҳои шоир дар ин нусха 9 адад буда, маснавии «Латоифот» аз рӯйи ҳисоби мо дар ин нусха 241 байтро фаро мегирад [35, 164а-168б].

Тавсифу баёни таркиби нусхаҳои девони шоир дар «Мунтахаби ғазалиёт»-и ӯ, ки ахиран дар Хуҷанд ба нашр расидааст, аз ин ҳам мағшуштар аст [138,18]. Муаллифи ин сарсухан ҳатто ҷойи нигоҳдории нусхаҳоро намедонад, шумораҳо ҳам мутобиқи сабти онҳо наомадааст. Муҳтаво ва таркиби онҳо ҳам нодуруст баён шудаанд.

Мисли қасидаҳои шоир се адад, ду мухаммас, ду маснавӣ доштани нусхаи 2313 аз ғалатҳои мураттиби мунтахаб буда, нусхаи дуюм ҳам шумора ва мавқеи нигоҳдории он ғалат навишта шуда, теъдоди авроқ ва саҳифаҳои он низ хато дарҷ шудааст. Маснавиҳои шоир дар ин нусха 241 байт аст, на 231 байт, ки мураттиб навиштааст [138,18]. Ҳамчунин мураттиб овардааст, ки зерунвонҳои маснавии мазкур дар нусха наомадааст, ки дуруст нест, ин зерунвонҳо дар нусха вуҷуд доранд [34, 164а, 168а, 170б, 171а]. Мураттиби мунтахабот аз чанд нусхаи дигари девони шоир ном мебарад, ки онҳо мушахассоти мукаммал надоранд. Мисли нусхаи 3674 дар китобхонаи АИ

Ӯзбекистон, нусхаи китобхонаи факултети суханшиносии ДМТ, ва «ба ишораи муҳаққиқ Эргашалӣ Шодиев нусхаҳои (?) хаттии девони шоир дар ганҷинаи дастнависҳои Ленинград (Санкт-Петербург) мавҷуданд [138,17-18]. Пеш аз ин мураттиби мунтахаби ғазалиёт навиштааст, ки «дар девони шоир се қасида мавҷуд аст, ки яке аз он ба забони туркӣ иншо шудааст, ду қасидаи дигар, яке 44 дигаре 66 байт ҳастанд [138, 7].

Аввалан, теъдоди қасидаҳои шоир дар нусхаи 2313, ки мавриди истифодаи мураттиб будааст: 4 адад бо қофия ва вазнҳои гуногун буда, қасидаи якум – 43 байт, дуюм (туркӣ) -32 байт, сеюм – 22 байт ва чорум -39 байтро шомил мебошанд [34, 177а -181а]. Ҳамаи ин қасидаҳо як унвони умумӣ: «Қасоид дар мадҳи амире, ки боиси таълифи ин саҳифа ва доири тартиби ин саҳифа аст» ва қасидаи аввал дар 43 байт омадааст, баъд бо навиштаҳои «Қасидаи дувум ба забони туркӣ» дар 32 байт, «Қасидаи сеюм» дар 22 байт ва ниҳоят қасидаи чорум беунвон аз саҳифаи нав [35, в. 180а] дар се вараќи 13 байтӣ =39 байт оварда шудааст [34, 180 а – 181а]. Дар ин муқаддима иштибоҳоти дигар ҳам ҳастанд, ки ба рӯзгору зиндагинома ва шеъри шоир марбут мебошанд. Масалан, мураттиби мунтахабот бинобар мавҷудияти таърихии қатли Муҳаммад Аминбии Ҳисорӣ ба соли 1177 /1764 то солҳои ҳафтодуми асри XVIII зистани шоирро тахмин менамояд, дар ҳоле ки дар нусхаҳои истифода кардаи ӯ таърихҳои дигар ҳаст, ки ба соли 1213/1799 – 1800 ишорат мекунанд [174, 24-25]. Маълум мешавад муаллифи муқаддима дар навиштаҳои хеш такя ба маълумоти то ин дам навиштаи дигарон ба хусус, Абдулманнон Насриддинов кардааст ва инро аз намунаҳои шеъри Шӯхӣ, ки дар он ҷо овардааст, метавон пай бурд, зеро бо ҳамон хатоҳое, ки чоп шуда буданд, сабт кардааст [138, 4]. Ҳамчунин қитъаи маълум дар девони шоирро аксари онҳое, ки истифода кардаанд, хато баргардон кардаанд [174, 25] ва ҳам ба каси дигар (масалан, ба котиби девони шоир) нисбат дода [125, 249] ва мазори ӯро дар Кеш, Қаршии имрӯза донистаанд, ки ин хато пештар аз муҳаққиқи таърихи адабиёти ин давра Усмон Каримов нашъат гирифтааст, ки бо зикри ин қитъа ва нисбати он ба

котиби нусхаи 2313 вафоти шоирро дар ҳамин шаҳр қайд карда буд [87,71], ки дар саҳифаҳои қаблӣ ба ин масъала дахл карда будем. Мутаассифона, ин хато ба навиштаи муаллифи муқаддима аз ҳамин ҷо омадааст.

Воқеан, барои муайян кардани матни аслӣ ва тасҳеҳи осори адабӣ меъёрҳои илмиву адабии матншиносии осори адабиро ба назар гирифтан зарур аст. Дар ин маврид ба назария ва ақидаҳои матншиноси рус Д.С.Лихачев руҷуъ намудан айни матлаб хоҳад буд. Ин муҳаққиқ дар китобаш бо номи «Матншиносӣ» [95] раванди нусхабардории котибро аз нигоҳи физиологӣ ба чор маврид: хондани матн, дар ёд нигоҳ доштан, барои худ такрор кардан ва навиштан қисмат мекунад, ки дар ҳар яке аз ин равандҳо котиб метавонад ба иштибоҳ роҳ диҳад. Чунончи, ҳангоми нигаристан ба нусхаи аслӣ ва навиштан котиб калимаро такрор менависад ё мепартояд. Ё дар баъзе маврид котиб наметавонад, нусхаро хонад ва ночор наққошӣ мекунад ё аксар аз ҷиҳати бесаводӣ ба калимаи дигар табдил медиҳад. Гузашта аз ин, аз тарафи котибон ғалатҳои имлоӣ низ рух медиҳад. Албатта, хатову таьрифоти нусханависон бисёр аст ва аз матншинос дониши баланди таърихиву адабӣ, ҳавсалаву бурдбориро тақозо мекунад. Шояд бамаврид аст, таъкидан сухани Д. С. Лихачевро ироа намоем, ки гуфта: «Аз назаргоҳи матншиносӣ беҳтарин носих онҳое маҳсуб мешаванд, ки сари мазмуну муҳтавои матн камтар андеша мекунанд [95,69].

Дар илми матншиносии рус аз ҷониби муҳаққиқони каломи бадеъ меъёрҳои дақиқ муайян карда шудаанд, ки дар барқарору муайян кардан ва тасҳеҳи матн ба кор меравад. Вале дар матншиносии халқҳои дигар доир ба меъёрҳои методологӣ ва принсипи интиқодии матн афкори мухталиф роиҷ аст. Аз ҷумла, марбут ба адабиёти форсии тоҷикиро метавон зикр намуд, ки то имрӯз метод ва усули аниқу коркардашуда дар матншиносӣ муайян нашудааст. Дар матншиносии имрӯза ду марҳилаи фаъолияти матншинос возеҳу равшан муайян карда шудааст:

1.Дарёфтан ва омӯхтани ҳамаи нусхаҳои дастнавис ва омӯзиши сарчашмаҳои интишоршудаи осори адабӣ ва дар натиҷаи он интихоб ва омӯзиши матни асосӣ;

2.Таҳлили матни асосӣ, ошкор намудани саҳву ғалатҳо, тасҳеҳи он, барқарор намудани матни аслии муаллиф.

Ин гуна тағйирот зоҳиран сабаби нахустинаш аз сарчашмаҳои мухталиф истифода кардани котибон бошад, сабаби дигар ба тариқи худ аз рӯйи донишу фаросати хеш тағйир додан ё худ иваз кардани вожа аз ҷониби онон мебошад. Ин иваз кардан агар аз як тараф, ифодагари "шеършиносии котибон" бошад, аз ҷониби дигар, ғайриихтиёр насб шудани муродифи ин ё он калима аз тарафи котиб ба ҳисоб меравад. Дар ин маврид нуқтаи назари матншиноси маъруфи рус Д.С.Лихачев ба хотир мерасад, ки гуфта буд: "Бесаводтарин котибон беҳтарини онҳо мебошанд, зеро онҳо камтар ба матни осори адабӣ тағйирот ворид мекунанд" [95,69]. Чунончи, дар чанд мисоли зерин ба мушоҳида гирифтани сабаби дувуми нусхабадалро метавон мушоҳида кард:

**Гузошт гарчи ҷафояш ба зери хок маро,**
**Ҳанӯз нақши вафояш ба *лавҳи дил* барҷост** [36,150]**.**
**Гузошт гарчи ҷафояш ба зери хок маро,**
**Ҳанӯз нақши вафояш ба *мавҷи он* барҷост** [35,83а].

Ё дар байти зерин бинобар ё саросемагӣ ё ба қувваи ҳофизаи худ бовар кардани котиб тағйирот рух додааст:

**Бо халқ нест бодапарастии мо ниҳон,**
**Зоҳир тавофи майкадаҳо аз ҷабини мост.**

Дар нусхаи 2313 ба ҷойи калимаи **зоҳир, тавоф, котиб, тоҳир** овардааст.

Мисолҳои зер аз он шаҳодат медиҳанд, ки котибони ду нусха аз сарчашмаҳои мухталиф истифода кардаанд ва дар натиҷа, котиби дувум варианти дигари байтро нақл кардааст.

Нусхаи 863/II:

**Аз баёзи гардани миност равшан чашми мо,**

**Боданӯшиҳои моро ҳоҷати маҳтоб нест** [35,82б].

Дар нусхаи 2313 ба чунин шакл омадааст:

**Аз баёзи гардани миност равшан базми мо,**

**Боданӯшиҳои моро ҳоҷати маҳтоб нест** [35, 46б].

Дар байти зерин низ ҳамин усули тасҳиф ё тағйири калима ба назар мерасад:

**Дар муҳаббат ҳеҷ вақте ҳушёрӣ расм нест,**

**Субҳи шанбе бо *рафиқонат* шаби одина аст** [34,114].

Дар ҳар ду нусха бад-ин шакл омадааст:

**Дар муҳаббат ҳеҷ вақте ҳушёрӣ расм нест,**

**Субҳи шанбе бо *ҳарифонат* шаби одина аст** [34, 34а; 35,80а].

Барои тадвини нусхаи илмӣ-интиқодии девони Шӯхии Хуҷандӣ дар баробари мавриди истифода қарор додани ин ду нусха ба даст овардани нусхаҳои дигар низ муҳим мебошад. Гузашта аз ин, дар мураттаб сохтани девон усулҳои суннатӣ ва ҷадиди таҳияи мутуни адабӣ ҷоиз аст. Ба хотири гурез кардан аз тасҳифу ғалатҳо ва хатогиҳо матни ин ду нусхаи хаттиро бо мунтахаби ғазалиёти Шӯхии Хуҷандӣ [35], ки ба тозагӣ тадвин шудааст, муқоиса намудем.

Мусаннифи мунтахаби ғазалиёт дар таҳия, тасҳеҳ ва тадвини осори Шӯхии Хуҷандӣ аз ин ду нусхаи дар боло зикрёфта истифода кардааст. Ҳамчунон ки мураттиби китоб зикр мекунад, ӯ нусхаи таҳти шумораи 863/II –ро ба асос гирифта, нусхаи 2313-ро ҳамчун нусхаи ёрирасон ба кор гирифтааст. Шеваи кори мусаннифи “Мунтахаби ғазалиёт” дар заминаи меъёрҳо, усулу принсипҳои матншиносии муосир рӯйи кор омадааст. Аз ин рӯ, кори анҷомдодаи мураттиб дар маҷмӯъ, қобили қабул мебошад. Дар баробари ин, ҳини баргардонидани ғазалиёти Шӯхӣ дар баъзе мавридҳо ба

иштибоҳҳо роҳ додааст, ки зикр ва ислоҳи онҳо барои тадвини нусхаи илмӣ-интиқодии девони Шӯхӣ муфид аст.

Дар саҳифаи 151-и китоб ғазале бад-ин тариқ баргардон шудааст:

**Дар гулшане, ки ғунчаи лаълат шукуфта нест,**
**Гарди хазон зи чеҳраи гулзор рафта нест.**
**Ҳар сурате, ки ҳаст, ба оина равшан аст,**
**Аз хубу зишт бар дили ориф нуҳуфта нест.**
**Дунё нашояд аз пайи дил бастан, ин сухан,**
**Чандин ҳазор гуфтаву аммо шунуфта нест.**
**Эй он ки зери чарх қадам ранҷа кардаӣ,**
**Маншин зи пойи хеш, ки ин хона рӯфта нест.**
**Кардан тавон назораи субҳи ҷамоли дӯст,**
**Бо чашми бахт, гар ба шаби ҳаҷр хуфта нест.**
**Пай бурдаанд халқ ба асрори ҳар касе,**
**Рози дили ман аст, ба гӯш он чи гуфта нест.**
**Шӯхӣ, мудом нозими мазмуни тоза аст,**
**Дар ришта мекашад гуҳареро, ки суфта нест.**

Ғазали мазкур бинобар нодуруст хондани матн тасҳиф шудааст ва он аз сар то ба охир аз нуқтаи назари маъниву мазмун хонандаро ба иштибоҳ меандозад. Шакли дурусти ин ғазал чунин аст:

**Дар гулшане, ки ғунчаи лаълат шукуфтанист,**
**Гарди хазон зи ҷабҳаи гулзор *рафтанист*.**
**Ҳар сурате, ки ҳаст, ба оина равшан аст,**
**Аз хубу зишт бар дили ориф нуҳуфтанист.**
**Дунё нашояд аз пайи дил бастан, ин сухан,**
**Чандин ҳазор гуфтаву аммо шунуфтанист.**
**Эй он ки зери чарх қадам ранҷа кардаӣ,**
**Маншин зи пойи хеш, ки ин хона рафтанист.**
**Кардан тавон назораи субҳи ҷамоли дӯст,**
**Бо чашми бахт, гар ба шаби ҳаҷр хуфтанист.**

**Пай бурдаанд халқ ба асрори ҳар касе,**

**Рози дили ман аст, ба гӯш он чи гуфтанист.**

**Шӯхӣ, мудом нозими мазмуни тоза аст,**

**Дар ришта мекашад гуҳареро, ки суфтанист** [35,83б].

Нодуруст хондани калима  ва бехабар будан аз шакли дурусти ин ё он вожа яке аз сабабҳои ба тасҳиф роҳ додани мусаҳҳеҳ мебошад. Чунончи, дар байти зерин вожаи “афлос” ки маънии бечизӣ ва ночорӣ омадааст, бинобар нодуруст хондани матн дар шакли “ифлос” нақл шудааст:

**Ошиқам, Шӯхӣ, намебошад зи *афлосам* ғаме,**

**Синаи пурдоғи ишқам беҳ зи сад ганҷина аст** [35, 114а].

Дар баъзе мавридҳо ғалатҳои ҷузъӣ сабабгори гум шудани маънӣ аз байт гардидааст. Чунончи, дар байти зерин ба ҷои “ёд” вожаи “бод” омада, як маънии музҳикро эҷод намудааст:

**Меравам имшаб чу дил ҳар дам зи худ беихтиёр,**

***Ёд* месозад магар он шӯхи бепарво маро** [35,56а].

Ба байти зерин таваҷҷӯҳ мекунем:

**Кори мо азбаски, Шӯхӣ, дӯстӣ бо душман аст,**

**Неши мо ҳар кас занад, резад асал занбӯри мо** [35,54а].

Дар ин байт ивазшавии вожаи “бо” ба “мо” тасҳифи дигарро рӯйи кор овардааст. Шакли саҳеҳи байт чунин аст:

**Кори мо азбаски, Шӯхӣ, дӯстӣ бо душман аст,**

**Неш бо ҳар кас занад, резад асал занбӯри мо** [35,53б].

Чунончи, дар китоби “Матншиносӣ”-и Д.С. Лихачев қайд шудааст, ҳангоми тадвин, тасҳеҳ ё баргардони осори адабӣ мусаҳҳеҳ ҳамчун як нафар адабиётшинос ва донандаи хуби улуми адабӣ муносибат кунад, зеро барои баргардон ва тасҳеҳ танҳо донистани хат ва имло кам аст. Чунончи, дар як ғазали Шӯхии Хуҷандӣ, ки бо матлаи “Хоксорӣ соф месозад дили пуркинаро” оғоз мешавад, якчанд тасҳифу ғалатро метавон мушоҳида кард.

Масалан, дар байти зерин аз нуқтаи назари таносуби калом, санъати бадеӣ ва меъёрҳои муқаррарии осори манзум такрор омадани як вожаи “дигар” се маротиба хонандаи ҳушмандро ба шубҳа меорад:

**Сурати худро ба аҳли дил дигар натвон намуд,**

**Акси дигар нақш кай бандад дигар оинаро**[36,46].

Дар мавриди муқоиса кардан бо нусхаи хатии девони Шӯхӣ шакли саҳеҳи он чунин ҳосил шуд:

**Сурати дилро ба аҳли дил дигар натвон намуд,**

**Акс дигар нақш кай бандад ба кас оинаро** [35,53б].

Ё дар ҳамин ғазал иваз шудани ҷои калимаҳо дар мисраъ мазмуни шеърро хароб кардааст. Чунончи, омадааст:

**Субҳи шанберо тавонӣ пунбаи минот соз,**

**Анбари *дарёи саҳбо* кун шаби одинаро** [36,46].

Шакли дурусти байт:

**Субҳи шанберо тавонӣ пунбаи минот соз,**

**Анбари *саҳбои дарё* кун шаби одинаро** [35,53б].

Ҳамин гуна тасҳиф дар байти зерин низ ба назар мерасад:

**Шабе нарафта, ки оҳе зи дил бурун накунам,**

**Мудом *теғ кашидан ба чарх* кори ман аст** [36,155].

**Шабе нарафта, ки оҳе зи дил бурун накунам,**

**Мудом *чарх кашидан ба теғ* кори ман аст** [35,84б].

Ҳамин тариқ, барои тадвини нусхаи илмӣ-интиқодии девони Шӯхии Хуҷандӣ ба эътибор гирифтани матлабҳои зерин муҳим аст:

1.Ба даст овардани нусхаҳои дигари хаттии осори Шӯхии Хуҷандӣ, муқоисаву муқобалаи онҳо, муқаррар кардани нусхаи асосӣ барои тадвин;

2.Ҳангоми тасҳеҳу барқарор кардани матн мавриди таваҷҷӯҳ қарор додани назарияи матншиносии осори адабӣ, меъёрҳои давр, ҳамчунин ба инобат гирифтани усули муқоисавӣ-методологӣ;

3.Муқоисаву муқобала бо девони Шӯхии Хуҷандӣ ва суханварони дигари аср бо мақсади муайян кардани таворуд ва сирқот дар адабиёти асри XVIII-XIX.

# БОБИ 2. МУҲТАВО ВА ТАРКИБИ ОСОРИ МИРЗО ШӮХИИ ХУҶАНДӢ

## 2.1.Тараннуми ишқ ва масоили дигар дар ашъори шоир

Девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ асосан аз ғазал иборат буда, шоир анъанаи дерини ғазалсароиро идома бахшидааст. Аслан ғазал аз шаклҳои латиф ва нафиси назми форсии тоҷикӣ маҳсуб шуда, беҳтарин воситаи ифодаи эҳсосу андешаҳои рангин ва дилнишини шоир мебошад. Мусаллам аст, ки Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандию Абдурраҳмони Ҷомӣ дар таърихи адабиёти мо ин навъи назмро ба дараҷаи баланди камолот расонидаанд. Агар Саъдии Шерозиро паямбари ғазал хондаанд, Ҳофизу Камолро сарояндаи ишқу зебоӣ ва Абдурраҳмони Ҷомиро хотиматушшуаро маҳсуб медонанд.

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ низ аз зумраи он шоиронест, ки дар нимаи аввали асри XVIII дар инкишоф ва интишори ин шакли шеърӣ саҳми арзандае гузошта, дар партави сабку услуби суханварони пешин ҷодаи мустақил ва хосаи худро дар ғазалсароӣ пайдо кардааст. Ғазалҳои Шӯхии Хуҷандӣ агар аз як ҷониб дар ниҳояти содагиву равонӣ эҷод шуда, афкору андешаҳои латифи ошиқонаро таҷассум кунад, аз ҷониби дигар, онҳо инъикосгари афкори ҳакимона, ақидаҳои ирфонӣ ва ғояҳои ҳаётдӯстонаву башарпарваронаи шоир мебошанд.

Омӯзиши ғазалҳои Шӯхӣ ба хулосае меорад, ки шоир дар нигориши ғазал мартабаи баланд доштааст. Девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар доираи нигориши девонҳои суханварони пешин аз ғазали ҳамд оғоз мешавад. Маъмулан, ғазали ифтитоҳии девонҳоро шуаро аз оёти Каломи Шариф ва аҳодиси набавӣ истинод мекунанд. Шӯхии Хуҷандӣ низ силсилаи ғазалҳои аввалини девонашро дар мадҳу ситоиши Худованд ва паямбараш бахшида, муҳимтарин ҳадафҳои хешро аз эҷоди ғазал баён мекунад.

Яке аз мавзӯъҳои асосии ғазалиёти Шӯхӣ ишқ буда, он аз назари шоир дар баробари оташи сӯзон будан қудрати беҳамтоеро молик аст.

Шоир ишқро дар баробари ҳамаи гармиву сардиҳо, талхиву шириниҳо азиз медорад ва барои ӯ ҳамешагӣ он ҳамчун мафҳуми муқаддас боқӣ мондааст. Аз назари шоир маъшуқа инсонест, ки зиндагии шоирро музайян ва рӯзгорашро сафову рӯҳ мебахшад, онро ширину зебо мегардонад. Аз ин рӯ, ӯ дар мурочиат ба маъшуқа мегӯяд:

**Биё, ки бе ту чу фасли хазон баҳор гузашт,**

**Нафас ба синаи булбул чу неши хор гузашт.**

**Муаттал аст чунон бе ту базми майнӯшон,**

**Ки умри ҷом ба дасти пиёладор гузашт** [35/II,74б; 36,110].

Ё ҷои дигар мегӯяд:

**Биё, биё, ки маро интизориҳост,**

**Ки кор бе ту диламро фиғону зориҳост.**

**Ба роҳи машҳади нозат фитодаам умрест,**

**Ба ханҷари ту диламро сари дучориҳост** [35/II,77б; 36,117].

Бо дидани рухи маъшуқа аз дили шоир ғам ва аз хотираш ғубор дур мешавад.

**Ҳуснаш ба ҷилва омаду ғам аз канор рафт,**

**Оина рӯ намуду зи хотир ғубор рафт** [35/II,81а-81б; 36,121].

Ишқ барои Шӯхии Хуҷандӣ аз муҳимтарин воситаҳои такомул ва пешрафти фард буда, ҳеҷ чиз ҷойи онро гирифта наметавонад. Чунончи, шоир дар васфи ишқ сухан карда, буду набуди ҳастиро аз ин мафҳуми муқаддас медонад. Худро сӯхтаи партави ишқ, булбули ошёнаи ишқ, шамъи хонаи ишқ ва сокини остонаи ишқ мехонад:

**Синасӯзам, забонаи ишқам,**

**Дилхарошам, таронаи ишқам.**

**Нола аз ман баландпарвоз аст,**

**Булбули ошёнаи ишқам...**

**Дар шаби ошиқон ба кор оям,**

**Нолаам, шамъи хонаи ишқам.**

**Ториғ аз дайру Каъбаам, Шӯхӣ,**

**Сокини остонаи ишқам** [34, 129а; 36,230].

Ошноӣ бо ин гуна осор ва омӯзиши амиқи ин гуна ашъор ба хулосае меорад, ки Шӯхии Хуҷандӣ дар баробари мутафаккир, донишманд ва ориф буданаш як инсони хокӣ буд, ки ба маъшуқаи заминӣ дилбастагии том дошт. Ин гуна ғазалҳои шоир ифодагари эҳсосоти баланди инсонӣ, ҷаҳони поку музайяни шоирро ифода мекунад ва моро водор мекунад, ки дар баробари баҳо додан ба истеъдоди эъҷозофари шоир ба рӯзгору осораш ҳамчун ба зиндагии як фарди заминии асри XVIII назар кунем.

Шоир дар абёти зер зиндагии вазнину сарпечидаи хешро ба баҳре монанд мекунад, ки ба тӯфони ҳодисот мубталост ва аз он роҳи халосӣ нест. Ин маъниро дар истифода аз образи Нӯҳ ва киштӣ ӯ шоирона баён месозад. Шоир мегӯяд, ки зиндагии мо монанди он баҳрест, ки ҳодисоти зиндагӣ моро бар фано мебарад ва аз он умеди халосӣ нест, зеро киштии Нӯҳ буд, ки замоне мардумро наҷот дод, вале моро илоҷи он нест:

**Баҳрему ҷӯшдидаам тӯфони ҳодисот,**

**Киштии Нӯҳ раҳ набарад дар канори мо** [35/II,50а; 36,30].

ва шоир дарду ранҷи хешро баъди марг низ анҷомнопазир меҳисобад. Ба қавли ӯ, баъди вафоташ бар мазори ӯ гузоштани нишон ҳоҷат надорад, зеро аз турбати шоир, ки ҳамоно садои нолаву фиғон берун хоҳад омад, ҳар бинандаро аён хоҳад шуд:

**Баъд аз фано ҳам аз дили мо нола сар кашад,**

**Шӯхӣ, чӣ ҳоҷат аст алам бар мазори мо** [35/II,50а; 36,30].

Дар ашъори Мирзо Шӯхӣ оид ба кӯтоҳдастиву камбағалии шоир ишораҳои ҷолиб ба назар мерасанд. Аз намунаи ин абёт дарёфтан душвор нест, ки шоир як зиндагии фақирона, вале сарбаландонаро аз сар гузаронидааст:

**Оҳу фиғони мо ба насобаш расидааст,**

**Шӯхӣ, ба шоҳ гӯй, ки гирад закоти мо**

[34, 10б; 35/II,54б; 36,47].

**Шӯхӣ, то кай зери бори миннати гардун шавӣ,**

**Дур кун аз худ кулоҳу хирқаи пашминаро** [35/II,53б; 36,46].

Дар ашъори Шӯхӣ талқини озод зиндагӣ кардану озода будан, тобеи афроди дун ва дунё нагаштан, бори зиндагии хешро бо нерӯи хосе кашидан аз мавзӯоти меҳварӣ маҳсуб мешавад. Шоир дар ғазали зерин дунёро аз назари хеш ба қалами тасвир мекашад ва ба дунё дил бастанро нодуруст ҳисоб мекунад:

**Масоз такя ба роҳат ба маскани дунё,**

**Ки нест ҷои фароғат нишемани дунё.**

**Кунад ҳамеша зи савдои хом саргармӣ,**

**Димоғи он ки хурад дуди гулхани дунё** [35/II,55а; 36,49].

Дар идома шоир дунёро ба афроди дуну пастфитрат монанд мекунад, ки ҳаргиз аз онҳо чашми некӣ наметавон дошт.

**Ба дастгирии дунон касе нахест зи ҷо,**

**Маёр беҳуда дар чанг домани дунё** [35/II,55а; 36,49].

Ва ба донишу илми хеш бовар карданро дар шинохти дунё нодуруст мешуморад ва мағруриро хато медонад:

**Машав ба дониши худ зери осмон мағрур,**

**Мабод боз фиребат диҳад фани дунё.**

**Макаш ба қасди ҷаҳон оҳ аз ҷигар, Шӯхӣ,**

**Ки теғи ту накунад кор бар тани дунё** [35/II,55а; 36,49].

Чун ҳамаи суханварони пешин Шӯхӣ низ дар ашъораш аҳли риё зоҳидони хушкро, ки зоҳиран Худо гӯянд, вале дар асл ба нафъи нафси аммораи хеш кор мекунанд, зери тозиёнаи танқид қарор медиҳад. Дастори зоҳид ва ришу фаши ӯро асбобе барои дарёфти хурду хоб мебинад:

**Фашу дастор асбобу хуру хоб аст, эй зоҳид,**

**Зи дӯш афканд бояд дар талаб бори лавандиро** [35,56а; 36,51].

Шоир талқин мекунад, ки дар ин замона ба ҳар касу нокас рози дили хешро набояд ифшо кард. Таҳти ибороти “рози дил” ва “сирри ишқ” мусалламан, шоир ду матлабро дар назар дорад: якум асрори қалби инсон, ки ифшои он барои ғайр суде надорад, дувум ҳадафи шоир сирри ишқи илоҳист, ки аз назари ӯ дарку маърифати он на ҳамаро даст медиҳад:

**Рози дил, эй Худоталаб, фош макун ба дигаре,**

**Муҳр магир аз даҳон тунги майи ба ҷӯшро.**

**Маҳрами сирри ишқи ӯ нест ба ҷуз ғуломи ӯ,**

**Лоиқи ин гуҳар нашуд он ки насуфта гӯшро** [35,57а; 36,31].

Аз назари Шӯхӣ, махсусан, ба аҳли риё изҳори ҳақиқат ҷоиз набуда, дурӣ ҷустан аз онҳо айни матлаб аст. Аз ин рӯ, шоир дар идомаи ғазал талқин мекунад, ки аз сари риё бандагӣ дар назди Худованд ҳаргиз қабул нест ва иқтидо варзидан дар паси афроди худофурӯш низ ҷоиз нахоҳад буд. Ҳамзамон, талқин мекунад, ки дар ин замона қадри сухан намондааст ва хомӯшӣ гузидан беҳтарин фазилат аст:

**Бандагии риёиён нест қабули ҳазраташ,**

**Нияти иқтидо макун қавми худофурӯшро.**

**Шӯхӣ ба гавҳари сухан қадр намонда дар ҷаҳон,**

**Гар накушоӣ беҳтар аст, муҳри лаби хамӯшро.**

Дар осори Шӯхӣ иборaҳои хосаи шоироне кам нестанд, ки махсусан, офаридаи шоир мебошад. Ин иборот дарки маънии мармуз ва таърихист. Чунончи, дар байти зер ибороти «ҳавои халилӣ»:

**Кунӣ ҳавои халилӣ, иморати дил кун,**

**Камӣ зи Каъба надорад дили хароб ин ҷо** [35,51а; 36,33].

Дар ин байт мақсуд аз «ҳавои халилӣ» ҳаваси дӯсти Худо буда, паямбари Худо Иброҳими Халилуллоҳ дар назар дошта шудааст. Бо истифода аз ин таъбир, шоир маънии латиферо ироа мекунад: дили инсон аз

Каъба кам нест, иморати дил аз бунёди хонаи Худо камтар қадр надорад ва он касе ки дилеро дармеёбад ва шод мекунад, дар мақоми Иброҳими Халилуллоҳ ҷой хоҳад дошт. Байти машҳури Румӣ баҳси доманадор ва деринаи дили инсон ва хонаи Худоро таҷассум мекунад:

**Дил ба даст овар, ки ҳаҷҷи акбар аст,**

**Аз ҳазорон Каъба як дил беҳтар аст.**

**Каъба бунёди Халили Озар аст,**

**Дил назаргоҳи Ҷалили анвар аст.**

Дар мавриди умри дароз дидани Шӯхии Хуҷандӣ байти зер низ далолат мекунад:

**Пирӣ чу дод муждаи васли вафоти мо,**

**Барги шукуфа рехт зи нахли ҳаёти мо** [34, 10б; 35,54б; 36,47].

Дар ашъори Мирзо Шӯхӣ оид ба кӯтоҳдастиву камбағалии шоир ишораҳои ҷолиб ба назар мерасанд. Аз намунаи ин абёт дарёфтан душвор нест, ки шоир як зиндагии фақирона, вале сарбаландонаро аз сар гузаронидааст:

**Оҳу фиғони мо ба насибаш расидааст,**

**Шӯхӣ, ба шоҳ гӯй, ки гирад закоти мо** [34, 10б; 35,54б; 36,47].

**Шӯхӣ, то кай зери бори миннати гардун шавӣ,**

**Дур кун аз худ кулоҳу хирқаи пашминаро** [35,53б; 36,46].

Шоир дар ҷодаи суханварӣ худро шогирди устоде намешуморад ва душманони истеъдодашро муроҷиат мекунад, ки ӯро аз он ки суханвари худрӯй аст, таъна мезанад:

**Таъни худрӯйӣ мазан, эй нотавонбин, дар сухан,**

**Хомаи Шӯхӣ мураххас буд аз устодҳо** [35,60б; 36,63].

Дар девони шоир ашъоре кам нестанд, ки он оҳанги муноҷот ва ниёишро доранд. Дар ин гуна ғазалҳо Шӯхӣ ба Илоҳӣ муроҷиат мекунад ва аз даргоҳи Ӯ барояш раҳму мурувватҳо хоҳиш дорад ва аз зумраи некон даршумурдан ва номаи аъмолашро ба назар гирад.

**Илоҳӣ, даршумор аз ҷумлаи некон ҳисобамро,**

**Бигардон сархати ҳурон варақҳои китобамро** [35,62б; 36,69].

Дар ин гуна ашъор Шӯхӣ ба қиссаҳо ва санадҳои қуръонӣ низ ишорат мекунад, ки аз дониши баланди фиқҳии ӯ гувоҳӣ медиҳад. Чунончи, дар байти зер сухан дар бораи вайрон шудани девори ятимон аз ҷониби Ҳизр (а) меравад, ки дар поёни сураи Ал-Каҳф омадааст. Мутобиқи ин қисса Ҳазрати Хизр (а) се амал: шикастани киштӣ, ба қатл расонидани ҷавоне ва афтонидани девори ятимро анҷом медиҳад, ки ҳамагӣ дар фароварди хеш ҳикмате дошт, аз ҷумла, афтонидани девори ятим боиси дарёфти симу зари волидайни онҳо мегардад:

**Зи ҳар сӯ чор девори вуҷудам хок мерезад,**

**Бувад Хизре, ки сангин созад ин фақри харобамро**

[35,62б; 36,69].

Дар ашъори Шӯхӣ панду андарзу ҳикмат мақоми шоиста дорад. Шоир ба тариқи мустақим хонандаро панд медиҳад ва аз пастию баландии зиндагӣ ӯро ҳушдор месозад. Аз назари Шӯхӣ, шириниҳои зиндагӣ аслан, заҳр аст ва набояд инсони оқил фиреби онро хӯрда бошад. Ба иборати дигар, инсон фирефтаи олами зоҳир набояд бошад:

**Заҳр аст, манӯш аз кафи айём шакарро,**

**Аз даст мадеҳ зоиқаи хуни ҷигарро** [35,62б; 36,70].

Аз аъмоли фарзанди нохалаф сарпасту сарафканда гаштани падарро ба тири каҷ, ки аз камон хато баромадааст, монанд мекунад:

**Бо таъна нишон гашт камон аз каҷии тир,**

**Фарзанди забун мешиканад шаъни падарро** [35,62б; 36,70].

Шӯхӣ дар идомаи ғазал панди зиндагиро ба амсолу ҳикам баён мекунад. Аз ҷумла, аз байти зерин бо мардуми хоксору заминӣ омехтан ва муътақиди онҳо буданро дар зиндагӣ муҳим мешуморад. Ин гуна афрод чун решаи дарахт ҳастанд, ки тавассути онҳо шоху барги дарахт сабз мегардад ва ниҳоят бор меорад:

**Аз хокнишинон магузар, толиби файзӣ,**

**К-аз реша расад баҳра, на аз шох самарро** [35,62б; 36,70].

Шоир дар мақтаи ғазал андешаҳои ҷолиб ва афкори ҳакимонаи худро намехоҳад ба гӯши афроде резад, ки бар дили онҳо асарнопазир бошад:

**Шӯхӣ надиҳад бар лаби худ рухсати гуфтан,**

**Ҳарфе, ки нарезад ба дили ғайр асарро** [35,62б; 36,70].

Афкори ҳикматомези Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар ашъораш ағлаби мавридҳо ба тариқи хитоб ба хонанда ифода меёбад. Ба андешаи шоир, ишрату фароғати дунё монанди пирзоли мурдаест, ки инсон ҷиҳати ғофиливу бехабарӣ ӯро ба оғӯш мегирад:

**Дур кун аз дил хаёли ишрати дунёи дун,**

**Чанд гирӣ дар канор ин пирзоли мурдаро?!** [35,63а; 36,71].

Ё дар идомаи ҳамин ғазал мегӯяд:

**Ғайри бадхӯӣ набошад чораи аҳли фасод,**

**Нештар созад зи раг овора хуни мурдаро** [35,63а; 36,71].

Дар мавриди бесуд будани панду ҳикмат бар гӯши бехирадону ноқобилон шоир борҳо ишора мекунад:

**Бо бехирадон рӯй макун гуфтаи, Шӯхӣ,**

**Ҷуҳҳол чӣ донанд баҳои гуҳари мо?** [35,64а; 36,73]

Ё дар идомаи ғазал сангиндилонро аз файзу раҳмат, меҳру муҳаббат дур ва бенасиб мешуморад, чунончи аз шароб пиёла суде намебардорад:

**Сангиндилон зи файз нагарданд баҳравар,**

**Аз нашъаи шароб чӣ ҳосил аёғро?!** [35,67а; 36,81]

Ё дар ғазали дигар, ҳамин маъноро ба тариқи зайл ифода мекунад: Инсони ноқобилро тарбият кардан суде надорад, чунончи ба чашмони нобино тӯтиё молидан камоли беақлист:

**Надорад суд сайъ зӣ мардуми некӯ ба ноқобил,**

**Насозад тӯтиё қодир ба дидан чашми аъмиро** [35,67а; 36,82].

Шӯхӣ аксуламали ин матлабро низ зикр кардааст: Сухани ашхоси сияҳдил, ки аз ҳикмату маърифат дур аст, барои инсонҳо таъсирпазир нест, зеро ҳаргиз зоғ ҷои булбулро гирифта наметавонад:

**Ҳарфи сияҳдилон накунад бо касе асар,**

**Набвад чу андалеби чаман нағма зоғро** [35,67а; 36,81].

Шӯхии Хуҷандӣ аз ашъори баланд ва истеъдоди хеш ифтихор дорад. Ӯ баҳои хешро дар олами сухан медонад ва онро сазовори аҳли маърифат ва сухан мешуморад:

**Намедонам, чи лаззат бурда тифли чашми он бадхӯ,**

**Намемонад замоне аз бағал девони Шӯхиро** [35,67а; 36,82].

Шӯхии Хуҷандӣ борҳо ишора бар он мекунад, ки "тӯтиён ба назми ӯ дил додаанд". Агар дар абёти зерин тӯтиёнро дилдодаи назми хеш хонда, аз найи қаламаш резиши шакарро тасвир кунад:

**Чунон ба назми ту дил дода, тӯтиён, Шӯхӣ,**

**Ки гӯӣ софшакар резад аз найи қаламат** [35,87а; 36,160].

Дар байти дигар, ҷиҳати килки шакарбори шоир хомӯшӣ гузидани тӯтисуханон, яъне, суханварони дигарро зикр месозад:

**Тӯтисуханон аз чӣ хамӯшанд дар ин давр?**

**Шӯхӣ, набувад килки шакарбори ту боис?** [35,97б; 36,170].

Дар ҷойи дигар суханҳояшро аз лаъли Бадахшон болотар мешуморад:

**Шӯхӣ, аз рашки суханҳоят Бадахшон шуд хароб,**

**Хуни ҳасрат лаъл аз иқболи гавҳар мехӯрад** [35,102б; 36,182].

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ҳамчун инсони боақлу донишманд ба зиндагии рӯзмарра бо чашми ибрат назар менамояд. Ба масъалаҳои ҷузъии зиндагии инсон, ки он ба ҳавову ҳавас тааллуқ дорад, камтар таваҷҷӯҳ месозад. Шоир дар ашъораш зиндагии он ҷаҳонро бар ин ҷаҳон муқаддам мешуморад. Ӯ айшу ишрати ин дунёро беоқибат медонад ва азбаски дар ин ҷаҳон зиндагии талх ӯро насиб кардааст, ӯ мутмаин аст, ки фардои ӯ хуштару беҳтар мебошад:

**Ишрати дунё надорад оқибат,**

**Бошад аз имрӯз хуш фардои мо** [35,64б; 36,76].

Дар девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ мавзӯи деринаи адабиёт – маърифати сухан, аҳли дил ва мардуми дур аз дарку маърифати ҳақиқат ва маъниву мазмуни баланд мақоми меҳварӣ дорад. Шоир худро аз мардуми бехираду нодон дур мегирад:

**Онро ки мағзи сар набувад, аз сухан чӣ ҳаз,**

**Мушки Хутан ҳавола макун бедимоғро!** [35,67а; 36,81]

Аз мисолҳои мазкур метавон ба хулосае расид, ки шоир дорои завқи баланди суханшиносиву сухансанҷӣ буда, ба осори худу ҳамасронаш баҳои воқеӣ медод. Дар баробари эҳтирому муҳаббат ба осор ва шахсияти шоирони дигар Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ба нигоштаҳои худ низ баҳо медод. Ин амали ӯ агар аз як ҷониб таваҷҷӯҳи хонандаро ба худ ҷалб намояд, аз ҷониби дигар, тазкиранигорон, муҳаққиқони улуми адабро водор мекунад, ки ба муҳимтарин ҷанбаҳои ҳунарӣ ва адабии шеъри Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ назар созанд. Аслан, фахрияҳо дар таърихи адабиёти тоҷик собиқаи тӯлонӣ дошта, ҳадафи он танҳо таърифу тавсифи худи шоир набуда, балки он як раҳнамое дар шинохти паҳлӯҳои мухталифи шеъри ин ё он адиб мебошад.

## 2.2.Ирфон дар ғазалиёти Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ҳамчун шоири даври хеш наметавонист, аз суннат ва анъанаҳои суханварони пешин фаро равад, зеро баъзе аз мавзӯот ё сабку услуби нигориш аз қадимулайём дар сиришти адабиёти мо ончунон ҷой гирифтааст, ки ҳар як суханвари тоҷик гузашта аз риояву тавсиаи он худро муваззаф медонист, ки дар ин ҷода қаламфарсоӣ намояд ва ҳунари хешро ба намоиш гузорад. Мавзӯи ирфон  дар ашъори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ мақоми хоса дошта, онҳо дар баробари ифода намудани олами ботинии шоир як ҷанбаи муҳими эҷодиёташро ташкил менамояд. Аз ин рӯ, дар осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ  дар баробари мазомини ирфонӣ, падида ва суннатҳои осории орифонаро метавон мушоҳида намуд. Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ солики роҳи ҳақиқат аст ва хешро «масти ваҳдат» меҳисобад, ки барои эшон мазҳаб ва оинҳои динӣ дар мадди аввал қарор надорад:

**Масти ваҳдат чун надонад Каъбаву бутхонаро,**
**Як сари зуннор гирад субҳаи саддонаро** [35,50а; 36,38].

Шинохти Худованд, маърифати олами ҳақиқат, мадҳу санои борӣ Оллоҳ ин ҳама аз мавзӯоти ирфонии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ маҳсуб мешавад. Қабл аз ҳама, шоир дар шинохти Худованд ва фазилатҳои ӯ қаламфарсоӣ кардааст. Як қисми ин гуна ашъор ниёиш ва муноҷоти холис ба даргоҳи Илоҳӣ мебошад:

**То ба номат ёфт девони саноеъ ибтидо,**
**Матлаи абёташ аз мисрои ҳамдат шуд бино.**
**Ақли ман оҷиз зи идроки шукӯҳат гашта, лек**
**Ин қадар донам, ки “ар-Раҳмон ъала-л-ъарш иставо”**
[35,46а; 36,25].

Ё дар ғазали дигар:

**Ба номи он ки зикраш кард рангин достонҳоро,**
**Зи нақши мадҳи ӯ ороише лавҳи баёнҳоро.**
**Ҷарас бар раҳравони ишқ набвад ҷуз дили нолон,**

**Зи дуди оҳ бошад гарди раҳ ин корвонҳоро.**

**Матои раҳм дар дил чида рахти доғ дар сина,**

**Дар ин бозор ишқ ороише дорад дӯконҳоро** [35,66б; 36,26].

Қисмати дигари осори ирфонии Шӯхии Хуҷандӣ ғазалҳое ҳастанд, ки чун ашъори орифонаи суханварони пешин дар пардаи роз бо истифода аз таъбироти essentialмармуз ва истилоҳоти тасаввуфӣ эҷод шудаанд. Ин гуна намунаҳои шеъри Шӯхиро метавон чӣ аз лиҳози мазомини заминӣ ва чӣ тасаввуфӣ - ирфонӣ тавзеҳ дод, ки аз ҳунари волои суханвар дарак медиҳад. Чунончи, ғазали зер саропо мазмуну маонии ирфониро шомил мебошад:

**Гар ман кулоҳи хусравиям, афсарам туӣ,**

**В-ар теғи эътибор манам, ҷавҳарам туӣ.**

**Нусрат чу нест аз ту, ба ҳар кор оҷизам,**

**Яъне, ки Зулфиқор манам, Ҳайдарам туӣ.**

**Афтодагист лозими ҳар тан, ки бесар аст,**

**Бе ту чаро зи пой наафтам, сарам туӣ.**

**Махмуриям ба хидмати риндон муайян аст,**

**Дур аз ту з-он ҷиҳат, ки майи соғарам туӣ.**

**Аз фурқатат чу хонаи тороҷдидаам,**

**Оре, ки дар хазинаи дил гавҳарам туӣ.**

**Бе ту чӣ эътибор дар ин бӯстон маро,**

**Нахлам, валек решаву шоху барам туӣ** [ 36, 289].

Агар дар осори шоирони пешин «зоҳиди хушк» бештар мавриди истифода гардад, дар ашъори Шӯхӣ он бо ибороти «зоҳиди бенашъа» ёд мешавад. Чунончи, мегӯяд:

**Ихтилоти зоҳиди бенашъа хуш н-ояд ба маст,**

**Суҳбати бемор дилгирӣ диҳад ҳамхонаро** [35,50а; 36,38].

Дар байти мазкур «зоҳиди бенашъа» инсонест, ки тамоми аркони динро ба ҷой меорад, вале аз маърифати ҳақиқат бебаҳра аст, «маст» бошад, касест ки аз ҷоми ваҳдати вуҷуд бода менӯшад ва аз ҳақиқат воқиф аст. Воқеан, шоир дар мавриди солики роҳи тариқат будани хеш ишораҳо дорад:

**Соликем, аммо сулуки ӯ ба роҳи дигар аст,**

**Дар тариқи мо бувад шоҳи ҷавонон пири мо** [36, 50].

Ба ин тариқ, тасаввуф ва ирфон дар ашъори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ мавқеи намоён дошта, онро шоир бо як самимияти хос ва ифодаҳову мусталеҳоти классикиаш мавриди бандубаст ва тасвир қарор дода, аз солики роҳи ҳақиқат будану “масти ваҳдат” гардиданаш, хабар

кардааст. Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ  чун шуароаи орифи пешин ишқро аз ҳама чиз боло медонад ва дар роҳи маърифат онро беҳтарин василаи шинохт маънидод кардааст.

## 2.3.Назари иҷтимоии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ

Ошноӣ бо ашъори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ғазал дар ашъори ӯ як андоза аз доираи лирикаи комилан ишқӣ берун баромада, то ҳадде мазмуну муҳтавои иҷтимоиро касб кардааст. Агар дар ғазалҳои анъанавӣ қаҳрамонони лирикӣ бештар аз ишқ, фироқ ва висол изҳори дил кунанд, дар ғазалҳои Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ва аксари шоирони ин давр қаҳрамонони лирикӣ рӯҳияи иҷтимоӣ пайдо кардаанд. Ин вазъият заминаи воқеӣ дошта, ба воқеаҳои марбут ба даврони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ иртибот дорад, зеро  муҳити пурошӯби давр, авҷ гирифтани зулму ситам ба Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ барин шоири пурэҳсос бетаъсир намемонд. Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар радифи маъруфтарин шоирони садаи XVIII чун Мирзо Содиқи Муншӣ,  Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Парии Ҳисорӣ, Маъдани Понғозӣ ва даҳҳои дигар дар таърихи адабиёти тоҷик ҳамчун суханвари соҳибдевон ва соҳибистеъдод маъруфият пайдо кардааст. Мусаллам аст, ки ҷиҳати он ки ӯ

фарзанди шоири маъруф Шайдои Хуҷандӣ маҳсуб мешавад, [30] метавон истеъдоди ӯро меросӣ ё ба иборати дигар модарзодӣ қаламдод кард.

Дар ҳамаи давру замонҳо шоирон набзи зиндагӣ ва айёмро аз дигарон бештар эҳсос мекарданд ва нисбат ба беадолатиҳои иҷтимоӣ, зуҳуроти номатлуби ҳаёт бетараф буда наметавонистанд. Маҳз ҳамин хусусият шоирро дар ҷомеа маҳбуб ва  азиз медорад. Агар аз як ҷониб ин шеваро мо рисолати шоирӣ номем, аз ҷониби дигар, ҳар як суханвар парвардаи даврони хеш аст ва ҳаргиз аз таъсири афкори ҷомеа осори иншонамудаи ӯ берун намемонад.

Дар таърихи адабиёти тоҷик шеъри инъикосгари вазъи замон ва иҷтимоиёти мардум баробар бо таърихи мавҷудияти адабиёт мебошад. Ин мавзӯъ дар ҳар замон вобаста ба шиддатёбии ихтилофоти шоҳони давр, муносибати ҳокимон бо зердастон, сиёсати нодурусти соҳибдавлатон ба ранги  хоси  худ дар осори суханварон инъикос меёбад.

Ҳамчунин, таъсири ин гуна осор ба нигоштаҳои суханварони сонӣ дар тӯли асрҳо боқӣ мемонад. Мутобиқи таҳқиқоти суханшиносони маъруфи ватаниву хориҷӣ  адабиёти асри XVII дар инъикоси вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии давр ба авҷи аъло расида буд. Дар ин маврид ашъори Сайидо, Соиб ва дигар суханваронро метавон ёд кард, ки дар онҳо оҳангҳои эътирозӣ, шикоят аз замона, дурӣ ҷустан аз аҳли рикоб фаровон ба назар мерасад. Ин гуна осор ба шоире, чун Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ, ки аз ашъори гузаштагони хеш огоҳии комил дошт, бетаъсир намондааст. Ӯ ҳарчанд дар сатҳи Сайидо ва Соиб тасвири ин мавзӯъро ба авҷи аъло нарасонидааст, вале то ҳадде тавонистааст, ба он комёб шавад.

Дар осори суханварон, аз ҷумла, дар ашъори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ масъалаи иҷтимоиёт нахуст аз шикоят сар мезанад, ки ин анъанаи дерина аст. Аз ин рӯ, муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки шикоят аз замона асоситарин мавзӯъ мебошад [36].

Чунончи, Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ мегӯяд:

**То сар зада аз шикваи толеъ сухани мо,**
**Чун хома сиёҳ гашт забон дар даҳани мо.**

**Моро ба замин чархи ҷафокеш чунон зад,**

**Чун соя муяссар нашавад хостани мо** [35,63б; 36,72].

Ё ҷойи дигар, шоир хешро ба унвони “тирарӯзгор” ёд мекунад:

**Биё ба кулбаи Шӯхӣ, ки аз ғамат умре,**

**Зи по фитода яке тирарӯзгор ин ҷост** [35,77а; 36,112].

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар ғазалҳояш шикоят аз он мекунад, ки вуҷуди ӯ аз ғам нотавон гашта, аъзои баданаш монанди коғази таргаштаест, ки он қобили шероза нест ва шоми дарду ҳасрати ӯро субҳи саодат фаро намерасад:

**Он қадар аз заъфи ғам шуд нотавон аъзои мо,**

**Мебарад ҳар дам париданҳои ранг аз ҷои мо.**

**Саҳфаи афсурдаи мо қобили шероза нест,**

**Сусттар аз қоғази таргашта аст аҷзои мо...**

**Дур аз он субҳи саодат он қадар афтодаем,**

**Медиҳад гардун ҳисоби нолаи шабҳои мо** [35,68а; 36,85].

Дар идома шоир ҳамзамон шукр мекунад, ки ба ин вазъу ҳолат танҳо ӯ гирифтор нест:

**Шукр, танҳо мо ба шаҳри бенишонӣ нестем,**

**Хонаи анқо бувад ҳамсоя бар маъвои мо?!** [35,68а; 36,85].

Гузашта аз шикоят ва шиква аз замон дар ашъори МирзоШӯхии Хуҷандӣ ғояҳои дунёбезорӣ, дур будан аз алоқаи дунявӣ мавқеи муайян дорад. Шоир дунёро ба пиразоли мурда монанд мекунад ва таъкид месозад, ки инсон бояд аз сараш хаёли ишрати дунёи дунро дур кунад:

**Дур кун аз дил хаёли ишрати дунёи дун,**

**Чанд гирӣ дар канор ин пиразоли мурдаро** [35,63а; 36,71].

Ё ҷойи дигар, бодаи айши дунёро омехтаи заҳри ғам, дунёро сарои мотам ва қаноатмашрабиро дар ин ҷаҳони фонӣ афзал мешуморад:

**Бодаи айши ҷаҳон оғуштаи заҳри ғам аст,**

**Базмгоҳи олами фонӣ сарои мотам аст.**

**Нестам маҷнуни даврон аз қаноатмашрабӣ,**

**Соғари хун дар кафи махмури ман ҷоми Ҷам аст** [36, 147].

Дар идомаи ин ғазал дили инсонҳои соҳибдардро ба Каъба монанд мекунад ва чашми пурнами онҳоро ба Зам - зам ва ниҳоят афсӯс мехӯрад, ки бино бар олудагӣ бо ин дунё ӯ аз озодагӣ маҳрум гаштааст:

**Ҳар диле, к-ӯ соҳиби дард аст, кам аз Каъба нест,**

**Чашми пурнамро тавон гуфтан, ки айни Замзам аст...**

**Гулшани таҷрид зинат дошт аз ман ин замон,**

**Шӯхӣ, аз бори тааллуқ сарви озодам хам аст** [36, 147].

Андешаҳои интиқодӣ ва шикоятии хешро Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ба тариқе баён мекунад, ки дар тасаввури хонанда он ҷилва мекунад ва бегумон, маҳз ҳамин шеваи ифодаи фикри ӯ ғазалашро таъсирнок намудааст. Чунончи, мегӯяд:

**Пур шуд ҷаҳон зи дафтари сӯзу гудози мо,**

**Аз ҳад гузашт қиссаи дурударози мо...**

**Боди сабо зи дарди дили мо набурд пай,**

**Воқиф нагашт номабари мо зи рози мо** [35,68а; 36,83].

Шоир дар ғазалҳояш дар баробари шикоят кардан аз замон аз он шукр мекунад, ки як инсони қаландармашраб, шикастанафс мебошад ва аз алоиқи дунё дур буданро афзал мешуморад. Ӯ ҳаргиз ғаниву сарватманд ва соҳиби ҷоҳу ҷалол буданро орзу намекунад. Чунончи:

**Орзуи бистари шоҳон надорад паҳлуям,**

**Бӯрё дар хонаи ошиқ кам аз санҷоб нест.**

**Ҳар ду олам метавон бар қатраи ашкам харид,**

**Ин ҷавоҳирро нагӯ, эй муштарӣ, ноёб нест** [36, 149].

Дар идома шоир ин қадар зебо ба ҷуз ғаму дарду ҳасрат насиби ӯ набуданашро чунин баён мекунад:

**Рӯ наёрад ғайри ғам бар синаи ошуфтагон,**
**Меҳмон вайронаи моро ба ҷуз селоб нест** [36, 149].

Дар ғазали дигар, Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ вазъи замонаро ба қалами тасвир мекашад. Шоир бо истифодаи мафҳумоти "даври сипеҳри дун", "бодаи шароратасар", "тоҷи оташи дунё" саҳнаеро тасвир мекунад, ки барои хонандаи имрӯз ҳам вазъи замона ва ҳам ҳолату бардошти Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ аён мегардад.

**Чи фитнаҳо, ки ба даври сипеҳри дун барпост,**
**Чи бодаҳои шароратасар дар ин миност.**
**Ба боғи даҳр дурангӣ писанд шуд бо халқ,**
**Гувоҳи рост бар ин даъвиям гули раъност.**
**Чу шамъ то қадам омодаи гудохтан аст,**
**Саре, ки дар гарави тоҷи оташи дунёст** [35,83а; 36,150].

Ғазали мазкурро Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ бо як мисраи Қосими Анвор ҷамъбаст мекунад, ки он баёнгари вазъи воқеии замони шоир аст:

**Ҷавоби он ғазали Қосим аст ин, Шӯхӣ,**
**"Рафиқи софдарун дар замона кампайдост"** [35,83а; 36,150].

Дар баъзе аз ғазалҳояш Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ норозигии хешро аз замону зиндагӣ ва аз тирарӯзиҳое, ки ба сараш омадааст, кушоду равшан иброз медорад. Дар ғазали зер вазъи ҳоли хеш, ҳолати рӯҳонӣ, бардошт аз зиндагӣ ва монанди инҳоро ба тариқи хулоса баён месозад:

**Дар ҷаҳон он ки ба коре нарасидаст, манам,**
**Гуле аз гулшани омол начидаст, манам.**
**Тирарӯзе, ки дар айёми ҳаёташ ба ҷаҳон,**
**Ҳеҷ субҳе зи шаби ӯ надамидаст, манам...**
**Боғбоне, ки ба гулзори умедаш ҳаргиз,**
**Қадами боди баҳоре нарасидаст, манам.**

**Он ки ҷон бохта сад бор, вале дар умраш**

**Ғайри дашном зи лаълат нашунидаст, манам.**

**Он ки аз дурии аҳбоб чу Шӯхӣ ҳар дам,**

**Ҷигараш хун шуда, аз дида чакидаст, манам** [35,126а; 36,222].

Мирзо Шӯхии Хӯҷандӣ дар доираи танқиди замон ва вазъи иҷтимоии даврон хонандаро панд медиҳад, ки дар ин муҳити начандон содаву осон инсон набояд обрӯву эътибор ва қадру қиматашро ба хотири молу чизи дунё бирезонад:

**Даст аз хони сипеҳри чархи бадкирдор дор,**

**Обрӯрезӣ набошад пеши хиссаткор кор.**

**Ғунчасон хун мехурам, Шӯхӣ, чу гул бо хорҳо**

**Ёри ман азбаски шуд бо мардуми ағёр ёр** [34,94б; 36,202].

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ танҳо бо шикоят аз замон ва инъикоси ноҷӯрии даврон иктифо намеварзад. Ӯ ҳамчун инсони ҳамрозу дамсоз ба мардуме, ки соҳибдард ҳастанд ва дар зиндагӣ муҳтоҷу бенаво ҳастанд, ҳамдардии худро на танҳо изҳор мекунад, балки бо онҳо ҳамдарду ҳамнаво мегардад. Ин  аз он шаҳодат медиҳад, ки шоир нисбат ба муҳити атроф, гирудори замон, нобасомониҳои рӯзгор, беадолатиҳо бетараф нест:

**Зи ҳар кас бӯи дарде гар расад, ҳамроз мебошам,**

**Зи ҳар дил сар занад афғон чу най дамсоз мебошам.**

**Ман он оинаи ҳиммат, ки дар дӯкони равшангар,**

**Кудуратдидатар аз миннати пардоз мебошам**

[35,125а; 36,217].

Аз ашъори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ, ки масъалаҳои иҷтимоиётро фаро гирифтааст ва оҳангҳои шикоят аз даври фалак ва вазъи замон дар он ба назар мерасад, метавон ба хулосае расид, ки ӯ на танҳо тавассути ин гуна нигоштаҳо ҳолати иҷтимоии худ ва замонашро баён кардааст, балки он нуқсону камбудиҳоро ба танқид гирифтааст.

Ҳамзамон, дар баробари мафҳуми “шикоят” мафҳуми “шукр” низ дар ин гуна ғазалҳо нақши бориз дорад. Яъне, шоир озодагиву қаноатпешагӣ, дастнигару муҳтоҷи мардуми доро набуданро муҳимтарин фазилати инсонӣ ҳам барои худ ва ҳам барои дигарон медонад. Ашъори Шӯхии Хуҷандӣ инъикосгари вазъи рӯзгори шоир ва ҷаҳони ботиниву зоҳирии ӯст.

# БОБИ 3. СУВАРИ ХАЁЛ ВА УСЛУБИ БАДЕИИ МИРЗО ШӮХИИ ХУҶАНДӢ

## 3.1.Мухтассоти сабк ва забони ғазалиёти шоир

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ аз зумраи суханвароне маҳсуб мешавад, ки ҳарчанд дар муҳити адабии қавию марказиятёфта набудааст, вале дар эҷоди шеър бо нерӯи тахайюл ва маҳорати бадеӣ сабку услуби хосаи худро пайдо кардааст. Вай дар ҳамаи анвои адабӣ бо камоли завқ ва ҳунарварӣ қалам рондааст. Мусаллам аст, ки яке аз навъҳои маъруфи адабӣ ғазал буда, мавзӯи асосии он ишқ мебошад. Аз ин рӯ, дар қолаби тайи ҳазорсолаҳо коркард шуда, сухан ё маънии навро ироа кардан кори осон нест, зеро мавҷудияти ҳар як навъи адабӣ дар адабиёт ва нақши бадеӣ-эстетикии он ба вазифаҳои маърифати бадеии он вобаста аст. Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ бо адабиёт ва раванди густариши он аз наздик огоҳ буда, ҳамчун мунаққид ва муҳаққиқи нозукбин ба ашъораш нигоҳи интиқодӣ дошт. Яке аз махсусияти шеъри Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ҳунари таркиб ва иборасозии шоир ба ҳисоб рафта, шеъри ӯро аз лиҳози маъниву мазмун ғанӣ сохтааст. Ҳунари мазкур дар асрҳои XVIII-XIX аз ҷониби суханварони мумтозе, чун Сайидои Насафӣ, Соиби Табрезӣ ва Бедили Деҳлавӣ ба назар мерасид. Мусаллам аст, ки шоирони маъруфи форсу тоҷикро аз тарзи гуфтори онҳо мешиносанд ва дар ҷодаи эҷод аз ҳамин чашмандоз ба онҳо баҳо медиҳанд. Муҳаққиқи номвар Худоӣ Шарифов дар китоби худ “Маънавият ва ҷаҳони зоҳирӣ” зикр мекунад, ки “тарзи гуфтор аз лиҳози зарбу оҳанг зодаю парвардаи хисоли шахс, феълу атвор ва мақсаду ҳадафи ӯст” [163, 148].

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар пайравӣ аз сабки ҳиндӣ ғазалҳоеро офаридааст, ки дар онҳо маъниҳои бикр ва мазмунҳои тоза нуҳуфтааст. Яке аз усулҳои ироаи маъниҳои хотир дар ашъори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ин муроҷиат ба асмои таърихӣ ва динӣ мебошад. Чунончи, дар абёти зер дар заминаи қиссаи Ҳорут ва Морут афкори шоиронаи худро баён кардааст. Ҳоруту Морут номи фариштаест, ки дар ояи 102 сураи Бақара зикрашон рафтааст. Ин ду фаришта рисолати омӯзонидани ҷоду ба мардумро доштанд

ва ҳадафашон инсонҳоро аз ҷодуву ҷодугарон халос кардан буд, яъне, Ҳороту Морут ҳамчун донишмандони асрори ҷоду дар адабиёт маъруфият доранд. Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ бо назардошти ҳамин сифати ин ду фаришта чашм ва гесӯи маъшуқаро аз он болотар медонад:

**Чашми ҷодуи ту бандад дидаи Ҳорутро,**

**Гесуят занҷир бар гардан кунад Морутро** [36,42].

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ низ ба андозае бо инъикоси сабку услуби хосаш аз ҷумла, ибораву калимасозиаш имтиёз дорад. Дар ашъори Шӯхӣ ибораҳо ва вожаҳои сертаркиб барои ифодаи фикри шоир дар мавқеъ ва мақоми зарурӣ истифода шудааст. Чунончи, вожаи сертаркиби "дандон бар ҷигарафшурда" ба маънии ғамдида, дилхун, заҳматкашида истифода шуда, дар тасвири ҳолати вазнини хеш истифода кардааст. Аз назари шоир, инсони ғамдида ба ғунчае мемонад, ки он оғуштаи хун аст.

**Бо забони ҳол гӯяд ғунча дар боғи ҷаҳон,**

**Туъма ҷуз хун нест дандон бар ҷигарафшурдаро**

[35,63а; 36,71].

Иборай "паҳлӯ дуздидан" дар ашъори шоир ба маънии дур шудан ва гурехтан омадааст. Чунончи,

**Гӯ: Душмани номард кашад бори силоҳаш,**

**Паҳлӯи худ аз теғ бидуздад камари мо** [35,64а; 36,73].

Баъзе аз вожаҳои сохтаи Шӯхии Хуҷандӣ оҳанги ирфонӣ касб кардаанд. Чунончи:

**Баски урёнисиришт афтодаем,**

**Ҷома натвон дӯхт бар болои мо** [35,64б; 36,76].

Як вожаи сохта ва дӯстдоштаи Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ "тамкиншиор" аст, ки ин ба маънии бурдборӣ, таҳаммул, сабр ва монанди инҳо ироа мешавад:

**Тамкиншиор бош, ба олам, ки ҳамчу кӯҳ,**

**Олист рутба поя ба доманкашидаро** [35,66а; 36,78].

Дар ашъори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ таъбир ва ибороти фразеологӣ ба назар мерасанд, ки ин таъсири сабку услуби суханварони тарзи ҳиндист. Аз ҷумла, ибороти «чашм андохтан»:

**Осмон Шӯхӣ, гар аз тоқаш барандозад чӣ ғам,**

**Войи он рӯзе, ки ёр аз чашм андозад маро** [35,52б; 36,36].

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ онҳоеро, ки аз маърифати ҳақиқат ва асрори ишқи Илоҳӣ бехабар ҳастанд, бо таъбири «тунукзарф» ёд мекунад ва вуҷуди онҳоро дар бардоштани бори ишқ ношоиста мешуморад:

**Бо тунукзарфон набошад тоқати асрори ишқ,**

**Бӯи ин май мегудозад шишаи паймонаро** [35,50а; 36,38].

Боиси зикр аст, ки бо таркибҳои исмӣ ва феълӣ сохтани вожа аз вежагиҳои забони тоҷикӣ маҳсуб мешавад ва собиқаи таърихӣ дорад. Чунончи, Сайидои Насафӣ бо усули ҳазфи изофат ду-се калима баъзан, чаҳор калимаро ба қолаби таркиби исмӣ ё сифатӣ андохта, ихтирооти аҷиб кардааст:

**Кабобам карда бепарвохироме, чашммайнӯше,**

**Қаландармашрабе, як шаҳр ошиқхонабардӯше.**

**Мурассаъостин, гулдаргиребон, нозукандоме,**

**Мунаққашҷомае, зарринкамарбанде, кулаҳпӯше.**

**Сияҳбесурмамижгоне, лаби бебодарангине,**

**Нигаҳхомӯши гӯёе, забонгӯёи хомӯше...**

Адабиётшинос Абдулманнони Насриддин оид ба таркибҳои исмӣ ва феълӣ, ки дар девони Сайидо ва шуарои муосири ӯ ба кор рафтаанд, сухан карда, мегӯяд, ки онҳо дар маъруфтарин фарҳангҳои ҷомеи форсӣ ба назар намерасанд [124, 326]. Ҳамин андешаро дар мавриди таркибҳои истифодабурдаи Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ низ метавон ёдрас кард.

**Илоҳӣ, даршумор аз ҷумлаи некон ҳисобамро,**

**Бигардон сархати ҳурон варақҳои китобаро** [35,62б; 36,69].

Мирзо Шӯхи Хуҷандӣ дар тасвири шоирона ва истифодаи таъбиру ибороти фразеологӣ ҳунари хешро нишон додааст. Истифодаи таъбири сохтаи "софтабассум" ва "ба ҷилваи дандон шикастани сафои гавҳар" як бозёфти нодири шоиронае мебошад. Аз назари шоир як хандаи софу беғубори маъшуқ метавонад, оби Кавсарро беарзиш нишон диҳад ва ҷилваи дандон, сафои гавҳарро аз байн мебарад. Вожаи "шикан" ба маънии "беарзиш намудани чизе" бо таносуб ва вожаи "дандон", ки аслан шикастан марбут ба он аст, дар мавқеъ ва мақом истифода шудааст:

**Намо ба софтаяммум ғубори Кавсарро,**

**Шикан ба ҷилваи дандон сафои гавҳарро** [35,62а; 36,67].

Дар ҳамин ғазал бо истифода аз санъати муболиғаву иғроқ шоир тасовири ҷолиби шоиронаро ироа мекунад. Чунончи, дар абёти зер моҳро дар назди рухи ёр ба "доғ" монанд кардан ва "аз нақши суми саманд" дидани "оинаи Сикандар" басо ҷолиб ва шоирона тасвир кардааст:

**Наметавон ба рухат моҳро баробар кард,**

**Чӣ нисбат аст ба доғ офтоби ховарро?!**

**Зи нақши сумми саманди ту борҳо дидам,**

**Назокати рухи оинаи Сикандарро** [35,62а; 36,67].

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар ифодаи фикру андеша тасвироти ашёиро нек истифода меборад ва хонанда дар оинаи тасаввуроташ онро эҳсос мекунад. Чунончи, дар байти зер коми дил ҷустан аз ин дунё, ки онро "чархи фиребомада" унвон кардааст, ба он монанд мекунад, ки аз ҷоми сарнагун, ки ҳаргиз дар он шароб қарор нахоҳад гирифт, бода талаб созӣ:

**Коми дил гуфтам, диҳад чархи фиребомодаро,**

**Гуфт: Аз ҷоми нагун кардӣ талаб ин бодаро** [35,65а; 36,75].

Шоир инсони озоду соҳибназар ва берун аз тааллуқоти моддиро ба сарв монанд мекунад, ки ин тасвир як назари тозаи ӯро ифода мекунад. Агар дар осори адибони қаблӣ сарв ба ҳамон сифати “озоду сарфарозӣ” сифати маъшуқаро ифода намояд, Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ онро инсони вораставу бениёз маънидод мекунад:

**Сарвро бинӣ, макун таклифи бор оварданаш,**

**Нест тоқат бар тааллуқ мардуми озодаро** [35,65а; 36,75].

Ба осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар мавриди мазмунсозиву маъниофарӣ услубу салиқаи адибони сабки ҳиндӣ таъсири амиқ гузоштааст. Маъниҳои балеғ, мазмунҳои баланди ашъори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ бар он далолат мекунад, ки ӯ аз мактаби бузурги Соибу Сайидо ва Бедил дарс гирифтааст. Чунончи, маънии дарёфтаи Мирзо Шӯхӣ дар мавриди сабаби хомӯшии қадаҳ боиси таваҷҷӯҳи аҳли базм гаштан ниҳоят ҷолиб ва латиф аст. Шоир хомӯшӣ гузиданро дар маҳфилу маҷлисҳо боиси эҳтирому эътизоз гардидани шахс медонад. Ин маъниро бад-ин тариқ ба қалам медиҳад:

**Хомӯшӣ дар базми аҳли фикр кун гаҳ чун қадаҳ,**

**Бӯса ҳар дам медиҳанд ин ҷо лаби бикшодаро** [35,65а; 36,75].

Дар ашъори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ барои ифодаи фикр ва маъниву мазмунҳо образҳое, чун образи Маҷнун, Фарҳод, Искандар, Афлотун, Нӯҳ, Ҳорут, Морут, Ҷамшед, Яъқуб, Айюб, Исои Масеҳ, Хизр мавриди истифода қарор гирифтааст. Яке аз образҳои писандидаи Шӯхӣ Фарҳоди Кӯҳкан аст, ки дар осораш фаровон ба назар мерасад. Фарҳод ҳамчун рамзи заҳмат, ҳиммат, истодагарӣ, ҳамчунин яъсу навмедӣ ифода ёфтааст. Аз назари шоир, гоҳо Фарҳод мазҳари муҳаббат аст ва танҳо ишқ ӯро водор кардааст, ки ба кӯҳи Бесутун ояд ва дар кандани корез ҳиммат гуморад:

**Муҳаббат кардааст овозаи кухсор Маҷнунро,**

**Ба кори Бесутун афкандааст Фарҳоди маҳзунро**

[35,60б; 36,67].

Ҷойи дигар, Фарҳодро ҳамчун рамзи заҳмат, машаққат ва риёзат тасвир менамояд ва худро Фарҳоди роҳи тариқат мешуморад, ки аз ҷӯйи канори ӯ ба ҷойи шир хун меояд. Шоир ба кӯҳи Бесутун муроҷиат мекунад:

**Бесутуни ишқ, мо Фарҳоди соҳибмеҳнатем,**

**Хуни чашми мо равон - ин аст, ҷуи шири мо** [36; 50].

Воқеан, таъбири «Бесутуни ишқ» дар ашъори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар канори образи Фарҳод ҳамчун рамзи ваҳдати вуҷуд талаққӣ дорад. Фарҳод рамзи солики роҳи ҳақиқат аст, ки барои расидан ба манзили мақсуд ранҷу риёзатро бар худ раво медорад:

**Саҳл кори Бесутуни ишқро бар худ магир,**

**Хӯрда ин ҷо тешаҳо бар фарқи худ Фарҳодҳо** [35,60б; 36,63].

Ҷойи дигар, образи Фарҳод ҳамчун ифодагари шахсияти худи шоир ба кор рафтааст, ки маънии латиферо таҷассум мекунад. Чунонки дар кандани кӯҳ Фарҳод аз теша забонкӯтоҳие надорад, зеро ӯ тамоми қобилият ва ҳастии хешро дар расидан ба ҳадаф масраф менамояд ва бо нохуни худ кӯҳро мешикофад. Шоир низ побанди касе нест ва ба нерӯву тавоноии хеш бори худро дар зиндагӣ мекашад. Аз назари ирфон Фарҳод ё Кӯҳкан рамзи бениёзӣ аз олами моддист ва ӯро дунёи зоҳирӣ наметавонад, ба худ ҷалб намояд:

**Аз теша чу Фарҳод забонкӯтаҳиям нест,**

**Бо нохуни худ кор кунад, Кӯҳкани мо** [34, 21а; 35,63а; 36,72].

Бесутун – номи кӯҳест, ки мутобиқи ривояти достони «Хусраву Ширин» Фарҳод, ки ошиқи Ширин буд, ба шарти кандани ҷӯй аз он бояд ба висол мерасид. Ҳангоми кандани нисфе аз кӯҳ Хусрав пеши ӯ касеро мефиристад, ки ба Фарҳод хабари бардурӯғи марги Ширинро мерасонад ва Фарҳод аз ин ғам худро сарозер аз кӯҳ ба поин меафканад. Дар ашъори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ Бесутун ҳамчун оинаи ҷавҳари мардон муаррифӣ мешавад, ки Фарҳод он ҷо ҷоннисорӣ кардааст.

**Бесутун оинаи ҷавҳари мардон бошад,**

**Ин садо мерасад аз тешаи Фарҳод маро** [35,61б; 36,74].

Дар девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ, Фарҳод ба унвони Кӯҳкан низ борҳо ёд шудааст:

**Лаъли ту к-аз ғамаш лаби Ширин ба хун нишаст,**

**Дар кӯҳи ишқ сохта сад Кӯҳкан хароб** [35,72б; 36,99].

Хулоса, дар ғазалиёти шоир аз симо ва образҳои шеърии маъмули адабиёти пешини форсии тоҷикӣ моҳирона истифода шуда, шоир тавонистааст, онҳоро дар либоси нав ва обуранги дигару беҳтар пешкаши хонанда намояд.

## 3.2.Сувари хаёл дар шеъри Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ

Ба ашъори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ва ҳамасрони ӯ таъсири суханварони сабки ҳиндӣ калон аст. Яке аз хусусиятҳои ин сабк аз он иборат аст, ки шоир дар асоси калимот ва таркиботи ҷадид суханпардозӣ, маъниофаринӣ, тасвирҳои мураккаб месозад, ки дар натиҷа дарку маърифати каломи бадеъ душвор мегардад. Маҳз ҳамин хусусияти сабк, ки аз дигар сабкҳо тафовут дошт, суханваронро ба худ ҷалб кард ва силсилаи зиёди онҳо дар майдони адабиёт бад-ин тариқ гӯйи сабқат заданд. Вале ба қавли суханшинос Наталия Илинична Пригарина [144] суханварони Мовароуннаҳр нисбат ба ин сабк муносибати дигар доштанд ва вобаста ба муҳити адабӣ, забон, урфу одат ва монанди инҳо осори эшон низ дар баробари бардошт аз сабки ҳиндӣ шомили хусусиятҳои хоси худ буд. Ба ибораи дигар, сабки ҳиндии Мовароуннаҳр тавонист, раванди тозаеро дар адабиёт рӯйи кор орад. Аз ҷумла, яке аз хусусиятҳои ҷадиди ин сабк дар осори суханварони Мовароуннаҳр такрори калима дар мисраъ мебошад.

Дар адабиётшиносии тоҷик ҳини таҳлилу баррасии осори адибони сабки ҳиндӣ мафҳумҳои хаёлпардозӣ, сувари хаёл, унсури хаёл ҳамчун аносири адабӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад. Унсури хаёл аз

ҷониби муҳаққиқон ба навъи санъати бадеӣ қаламдод мегардад. Ҳарчанд тахайюл ва хаёлпардозӣ монанди дигар санъатҳои бадеӣ таърифи муайян ва ҷолиб надорад, он ҳамчун як падидаи эҳсоси шоирона, ки дар назари шоир ҳувайдо мегардад, ё худ дар андеша ва эҳсоси ӯ тавлид меёбад, арзёбӣ мегардад. Яке аз муҳаққиқони осори суханварони сабки ҳиндӣ Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ дар китобаш "Шоири оинаҳо" чунин меорад: "Хаёл дар шеъри сабки ҳиндӣ ба падидаҳои махсус ва ба ибороти маҳдудтар фақат ба дидаҳо қаноат намекунад, шунидаҳо ва хондаҳо низ дар раванди шаклгирии мазмун дар ин шеър саҳми босазое дорад [82, 14]. Дар мавриди сувари хаёл дар осори суханварони сабки ҳиндӣ муҳаққиқони зиёде таҳқиқоти ҳамаҷониба карда, хулосаҳои ҷолиберо оид ба сувари хаёл дар шеър баён кардаанд. Аз ҷумла, Шиблии Нуъмонӣ дар "Шеър-ул-аҷам" менависад: "Ҷалоли Асир, Зулолӣ, Шавкати Бухороӣ, Бедил, Носиралӣ ва дигарон аз як гулу булбул девон фароҳам карда ва шеъру шоириро чаманистони ваҳму хаёл сохтаанд". Шиблии Нуъмонӣ дар идомаи андешааш ин ҳолати адабиро мавриди танқид қарор медиҳад: "Вале ин хаёл ба куллӣ ғалат ва бепост ва инчунин афкори бепояву моя буда, ки шоирини мутаахиринро табоҳ кардааст" [135, 35].

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ҳамчун суханвари мумтоз, дақиқназар ва нозукбин ҳаргиз ин падидаи адабиро сарфи назар намекард. Аз ин рӯ, ҷо-ҷо хаёлпардозиҳо дар шеъри Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ба назар мерасад. Дар ифодаи ин гуна ашъор, Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ низ аз истилоҳҳои адибони сабки ҳиндӣ истифода кардааст, чунончи, дар ғазале бо матлаи:

**То маро аз ҷаъбаи дил гашт берун тири оҳ,**

**Осмон ҳамчун ҳадаф гардид домангири оҳ** [35,151б-152а; 36,276].

байтҳое ба назар мерасанд, ки онҳо аз хаёлпардозӣ ва аносири хаёлии шоир шаҳодат медиҳанд. Чунончи, "канда нашудани занҷири оҳ аз гардан" дар байти зерин ба маънии аз дарду ғам озод набудани шоирро ифода мекунад, ки он дар сувари хаёли шоир ин қадар зебо ифода ёфтааст:

**Бар тасарруф гар барорад дасти худ устоди ишқ,**

**Нагсалад аз гарданаш девонаам занҷири оҳ** [35,151б-152а; 36,276].

Умуман, дар ғазали мазкур дар перомуни вожаи “оҳ” шоир тавонистааст, хаёлангезиҳои шигифтоварро ба қалам диҳад. Чунончи: дар мақтаи ҳамин ғазал дар тасаввурхонаи шоир “шабгири оҳ” шоирона ба кор рафтааст:

**Шӯхӣ, натвон гуфт золимро зи мазлум эмин аст,**

**Мулки бедодӣ хатар меорад аз шабгири оҳ** [35,151б-152а; 36,276].

Дар доираи мафҳумҳои ирфонӣ, истилоҳоти тасаввуфӣ, вожаҳои мазҳабӣ ва динӣ дар зовияи диди Шӯхӣ маъниҳои ҷолибе тазоҳур мекунанд, ки онҳо дар коргоҳи хаёли шоир коркард мешаванд. Чунончи, дар абёти зерин “хонаи оғӯш холӣ кардан” бозёфти шоиронаест, ки он аз диди хаёлангези шоир сарчашма гирифтааст.

**Ҳар шаб аз худ хонаи оғӯш холӣ мекунам,**

**Дар хаёл омад магар Шӯхи биҳиштизодае** [35,151б; 36,272].

Муҳаққиқон дар хаёлпардозӣ ва андешагароӣ Абдулқодири Бедилро соҳиби мактаб медонанд ва камтар суханвареро метавон дарёфт, ки дар ин мактаб хешро наозмуда бошад. Муҳаққиқи бедилшинос Бахтиёри Ҳамдам яке аз пештозони ин мактабро Туғрали Аҳрорӣ медонад ва бо мисолҳои зиёд аз пайравии ӯ ба Абулмаонӣ ёд мекунад.

Адабиётшиноси тоҷик Нуралии Нурзод низ дар китоби худ “Султони авранги сухан” [133] перомуни мактаби пайравони Бедил ва намояндагони барҷастаи он, Бедил – тимсоли инсони комил дар ҷаҳони фикрии Туғрали Аҳрорӣ ва масоили дигар изҳори назар намуда, аз таъсирпазирии шеъри Абулмаонӣ сухан кардааст. Қариб баъди якуним аср Бедил ва осори ӯ, махсусан, хаёлпардозиву андешаороии суханвар ба ашъори Шӯхии Хуҷандӣ

дар баробари ба кор гирифтани падидаҳои маҳсуси ашъори Бедил мазмунҳои шеъри суханварро низ ба ҳайси мавод мавриди истифода қарор додааст.

Ин таъсирпазирӣ ба ҷуз Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар осори аксари шоирон низ ба назар мерасад. Махсусан, истифодаи хаёлпардозиҳо ва унсурҳои хаёлии шоир аз ҷониби суханварони асрҳои гуногун хуш истиқбол гирифта шудааст. Масалан, таъбири маъруфи “ба пой бастани ҳино”, ки дар шеъри Бедил ҳамчун суннати деринаи мардуми ҳинд, ки ба маънии пойбанд шудан, ба қайд омадан маънидод мешавад, дар осори суханварони сонӣ мукаррар ба назар мерасад. Чунончи, Зуфархони Ҷавҳарӣ мегӯяд:

**Намерасад зи барам дур шоҳиди маънӣ,**
**Ҳино ба хуни ҷигар бастаам ба пои сухан.**

Дар осори Шӯхӣ низ ҳамин гуна ифодаҳо зиёд ба назар мерасанд. Чунончи, ғазали зер лабрези вожаву таъбир ва ибораҳое мебошад, ки дар осори Мирзо Абдулқодири Бедил фаровон ба назар мерасанд. Чунончи, вожаҳои “сабукрӯҳ”, “фалаксайр”, “гаронҷон”, “замингир”, ибораҳои “ангушти насим”, “ранги соя”, “сурмаи овоз”, “нолаи рангин” ин ҳама аз хаёлхонаи Абулмаонӣ мебошанд:

**Сабукрӯҳон фалаксайранд чун субҳи сафед ин ҷо,**
**Гаронҷонон замингиранд дар ҷисми палид ин ҷо.**
**Барои қуфли дил чун ғунчаи гул хирқабардӯшон,**
**Зи ангушти насими субҳдам дорад калид ин ҷо.**
**Дили моро намебошад хатар аз рӯзи расвоӣ,**
**Аз он чи диданиҳо дар сари худ дошт, дид ин ҷо.**
**Чунон аз заъф гашта пайкари мо метавон гуфтан,**
**Касе як бор ранги сояи моро надид ин ҷо.**
**На мӯ бошад саводаш, он ки зоҳир аз сари мо шуд,**
**Зи фарқи мо-ғарибон тирабахтӣ сар кашид ин ҷо.**
**Магӯ дар сурмаи овози мо хоки лаҳад, Шӯхӣ,**
**Тавон аз турбати мо нолаи рангин шунид ин ҷо.**

[35,49а-49б; 35,37].

Ин таъсирпазириро аз ашъори Абдулқодири Бедил худи шоир на танҳо эътироф мекунад, балки зоҳиран он мояи ифтихор мешуморад:

**Шарбати Кавсар зи ёдам рафт, Шӯхӣ, то расид**

**Ҷоми лабрезе ба каф аз суҳбати Мирзо маро** [35,58а; 36,56].

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар ашъораш ифодаҳои зебо, мазмунҳои баланд, таъбирҳои шоирона ва хаёлпардозиҳои ҷолибе дорад, ки онҳо зодаи тахайюли баланди суханвар маҳсуб мешаванд. Ин хаёлпардозиҳо, ки ҷаҳони тасаввуроти бемонанди Мирзо Шӯхиро ифода мекунад, аз табъи баланди шоир хабар медиҳад. Чунончи, дар ғазали зер хобро ба мавҷ монанд кардан, хонаи гирдобро роҳатгоҳи моҳӣ шуморидан ҳамагӣ бозёфтҳои фардии суханвар маҳсуб мешаванд. Махсусан, мисраи мақтаи ғазал:

**Бар сари худ чодари маҳтоб кашидан аз хаёли оразі ёр** – шоирона ифода ёфтааст:

**Боз имшаб то кӣ дорад кокули пуртобро?!**

**Дидаам чун мавҷ дар чашми парешон хобро?!**

**Ёди он шабҳо, ки, Шӯхӣ аз хаёли оразаш,**

**Мекашидам бар сари худ чодари маҳтобро** [35,61б; 36,65].

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар ғазалҳояш шодиву нишот, хушиву хуррамӣ ва дилрабоиву дилкашии олами ишқро васф мекунад ва дар баробари ин хомаи шоир ҳусну ҷамоли зебои маъшуқа ва лаҳзаҳои висолро ин қадар зебо ба қалам медиҳад:

**Эй шоҳбози гулшани қудрат, хуш омадӣ,**

**Товуси бӯстони ҳақиқат, хуш омадӣ.**

**Оҳуи хушхироми биёбони дилбарӣ,**

**Шоҳини ошёни назокат, хуш омадӣ...**

**Равнақфизои кони Бадахшони обу ранг,**

**Гавҳарфурӯғи баҳри латофат, хуш омадӣ.**

**Шӯхӣ, нагашта масти тамошо бурун нарав,**

**К-имрӯз суҳбати ту ғанимат, хуш омадӣ** [35,160 б; 36,293].

Дар ғазали мазкур, ки андар таъсири сабки ҳиндӣ эҷод шудааст, шоир дараҷаи олии суханвариву сухандонии худро нишон дода, балоғату фасоҳати суханро дар сатҳи олӣ таҷассум кардааст. Тавсифҳои шоир дар ғазали мазкур дар ҳадди камоланд. Онҳо ҳар кадоме ифодагари як хислат, як хусусият ва як сифати маъшуқ аст, ки аз қудрати суханварии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ гувоҳӣ медиҳад. Ин ороя якчандтаркиба буда, ба шеър ҳам маънӣ, ҳам мазмун ва ҳам нерӯ бахшидааст. Чунин тавсифи “шоҳбози гулшани қудрат”, “товуси бӯстони ҳақиқат”, “оҳуи хушхироми биёбони дилбарӣ”, “шоҳини ошёни назокат”, “булбулнавои гулшани идроки фаҳму ҳуш”, “тӯтибаёни боғи фасоҳат”, “офтоби хубӣ”, “мумтозкори хонаи қудрат”, “рангинхаёли Юсуфи шаҳри сухан”, “маснаднишини Мисри балоғат” ва дар маҷмуъ, дар як ғазал 24 тавсифи шоирона ифода ёфтааст, ки зимни ҳар яке чун ашъори суханварони сабки ҳиндӣ маъниҳо нуҳуфтааст. Чунончи, зимни ибороти “маснаднишини Мисри балоғат” шоир ҳусни комили маъшуқро тавсиф мекунад. Дар тасаввурхонаи шоир, маъшуқаи ӯ дар шаҳри зебоӣ шаҳаншаҳ аст ва он ҷо ишорат ба Юсуфи Мисрӣ ҳам меравад, ки дар ҳусну ҷамол ҳамто надошт. Ё худ зимни ибороти “хилватнишини пардаи исмат” шоир покиву покроӣ ва покдомании ёрро мехоҳад ифода намояд. Дар меҳвари ғазалҳои Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ образи маъшуқа ҳамчун мазҳари зебоиву малоҳат қарор гирифта, шоир дар васфи ӯ таъбиру вожаҳои хушоянд ва дилнишинро интихоб менамояд. Дар ин гуна ашъор табъи баланд, завқи салим ва истеъдоди суханварии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ зоҳир гардидааст. Вожаҳои бисёртаркибаи Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ на танҳо аз лиҳози лафзӣ гӯшнавоз ҳастанд, балки дорои маъниҳои бикр низ мебошанд, зеро ин гуна таркибот ҳар яке дар ифодаи равшани образи маъшуқа хидмат мекунанд:

**Кабобам карда ёди ҷилваи он шӯхболое,**

**Ки дар иқлими раъноӣ бувад маъшуқи яктое.**

**Қабогулгун паризоде, ба раҳ товусрафторе,**

**Баландоинатаркибе, сафотахмираъзое.**

**Латофатгуфтугӯ лаъле, назокатшевамазмуне,**

**Забонсаҷида гуфторе суханнашнида доное.**

**Табассумшаккаромезе, тараҳҳумпеша дилдоре,**

**Такаллуммунтахаб шӯхе, саропо рамзимое.**

**Тағофулпеша майнӯше, нигаҳошиқ талабгоре,**

**Шикорандоз бераҳме, балоҷӯ фитнаорое.**

**Фариди кишвари Шӯхӣ, шаҳи авранги бедодӣ,**

**Бути бемисл маъшуқе, биҳиштизода барное** [35,160а; 36,291].

Дар ашъори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар баробари инъикоси ҳусну ҷамоли маъшуқа хислатҳои дигари ӯ, ки дар адабиёти классикии мо фаровон ба назар мерасад, аз қабили бевафоӣ, мағрурӣ, бераҳмӣ ва монанди инҳо ифода ёфтааст. Вале шоир ҳамин хислатҳои нохушоянди маъшуқаро мепазирад ва онро қобили қабул медонад. Чунончи, хешро ба бевафоии маъшуқа мафтун медонад:

**Дар иқлими муҳаббат бевафое карда мафтунам,**

**Ки кори чашми ҷодуяш бувад пайваста ғаммозӣ.**

[35,157б; 36,290].

Образи дигаре, ки дар ин маврид Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ бештар худро дар назар дорад, ошиқ аст. Ошиқе, ки дар роҳи муҳаббат содиқу вафодор мебошад, устувору матин аст, аз душвориҳои раҳ намеҳаросад ва мутаассифона, чун ҳамаи ошиқони олам аз маъшуқа бевафоӣ мебинад:

**Сафо рабуда зи ҷаннат узори рангинат,**

**Намак фишурда ба Кавсар лаби раёҳинат...**

**Асири ишқи ту гаштам ба найсаворию ту,**

**Чу ман касе набувад мубталои деринат.**

**Гузар ба кулбаи Шӯхӣ намекунӣ ту равост,**

**Ки хона-хона шикоят кунам зи тамкинат** [35,89а; 36,164].

Образи ошиқ дар девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ инсонест, ки аз гулшани орзуву ҳавас гуле начидааст. Ӯ субҳи васлро надидаасту шароби васлро начашидааст. Аз маъшуқа, ки ба раҳаш сад бор ҷони худро фидо намудааст, ба ҷуз дашном чизе нашунидааст ва ҷигархуну дидагирён мебошад. Ҷолиб он аст, ки ин гуна намунаҳои ашъори шоир содаву равон буда, дарку маърифати онҳо мушкиле эҷод намекунад. Ғазали зер, ки дар радифи “манам” эҷод шудааст, ҳолати шоирро, ки воқеан, ошиқи дилсӯхта аст, равшан ифода мекунад:

**Дар ҷаҳон он ки ба коре нарасидаст, манам,**
**Гуле аз гулшани омол начидаст, манам.**
**Тирарӯзе, ки дар айёми ҳаёташ ба ҷаҳон**
**Ҳеҷ субҳе зи шаби ӯ надамидаст, манам.**
**Талхкоме, ки дар ин базм ба коми дили хеш**
**Ҷуръае аз кафи соқӣ накашидаст, манам.**
**Боғбоне, ки ба гулзори умедаш ҳаргиз**
**Қадами боди баҳоре нарасидаст, манам.**
**Он ки сад санги маломат ба сараш хӯрда зи халқ,**
**Пояш аз кӯйи вафоят накашидаст, манам.**
**Он ки ҷон бохта сад бор, вале дар умраш**
**Ғайри дашном зи лаълат нашунидаст, манам.**
**Он ки аз дурии аҳбоб чу Шӯхӣ ҳар дам,**
**Ҷигараш хун шуда аз дида чакидаст, манам** [35,126а; 36, 222].

Ҳамин тариқ, Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ҳамчун суханвари соҳибқалам ва нозукбин тавонистааст дар зери таъсири хаёлпардозиҳои Бедил сувари хаёли хешро дар девонаш инъикос намояд.

Дар мавриди офариниши таркиботу таъбироти шоирона, мазмунсозиву маъниофарии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ омӯзиши батаании

осораш маводи фаровони илмиро эҳдо менамояд. Бемуҳобо, Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дорои маҳорати баланди эҷодӣ ва суханофаринӣ мебошад. Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои шеъри ӯ баррасии мавзӯъҳои анъанавии адабиёт дар робита бо воқеаҳои ҳаётӣ мебошад. Ин хусусият арзиши адабӣ ва таърихии осорашро афзун намуда, образҳои қадимӣ ва анъанавии шеъри тоҷик тобишҳои нави маънӣ пайдо намудаанд. Ба иборати дигар, Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар маъниофарӣ соҳиби ибтикор аст, образҳои маъмулии адабиёт аз ҷониби ӯ тавсиа ёфтааст, мазмунсозии шоир гоҳе ғайриодӣ ва ғариб ба назар мерасад ва таркибҳои ҷолиби шоиронаро Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ худаш эҷод кардааст.

Воқеан, Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ аз зумраи он шоиронест, ки ба ашёи мавриди тасвир метавонад аз чанд дидгоҳ нигариста, маънӣ ба зуҳур оварад. Ин чиз аз маҳорати шоирӣ ва ҳунари нуктасанҷона аз ашё маънӣ овардани шоир гувоҳӣ медиҳад. Чунончи, дар абёти зер дар заминаи вожаи “шакар” ва “қадаҳи шир”ва“оина”маъниҳои ғарибро эҷод кардааст.

**Субҳдам ёди лабат лаззати дигар дорад,**
**Ин шакар беҳ, ки равондар қадаҳи шир кунам.**
**Соликам, дил ба дари аҳли сафо меорам,**
**Равшан ин оинаро то ба дами пир кунам** [35,132б; 36,239].

Дар тасаввурхонаи шоир гоҳе образҳои маъмулӣ ба маънии дигар ё мазмуни ғайриодӣ ба қалам омадааст. Чунончи, аслан булбул дар осори суханварон ҳамчун рамзи доноӣ ва ширинсуханӣ ва гоҳо ба маънии “шоир” ифода меёбад. Зери ифодаи “булбули хушилҳон”, “булбули ширинзабон”, ”булбули гӯё”, ”булбули ширинадо”, ”булбули хушгӯ”, ”булбули хушнағма”, ”булбули маст”дар осори суханварони тоҷик фаровон ба назар мерасад. Аммо Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ бошад, ба хотири ифодаи матлаби хеш таркиби “булбули нодон”-ро ба кор бурдааст:

**Бас бувад, эй булбули нодон, макун бисёр баҳс,**
**Табъи гул ошуфта месозад дар ин гулзор баҳс.**

**Дар ҳузури бузрукон бисёргӯӣ офат аст,**

**Кабк беҷо мекунад дар қуллаи кухсор баҳс.**

**Аз сари болини ман бархез, эй нодон табиб,**

**Дард меорад дучандон бар сари бемор баҳс….**

**Ин қадар, эй мухтасиб, беҳуда бо Шӯхӣ мапеч,**

**Мастро кай метавонад сохтан ҳушёр баҳс?!** [35,97а; 36,169].

Дар ғазалиёти Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ мафҳумҳои «ашк», «ашки ғам», «ашки хун», «оби чашм», «шӯри ғам», «чашми тар» ва ғайра фаровон ба кор рафтааст ва дар аксари мавридҳо барои тақвият бахшидани афкори мазҳабии шоир ва андешаҳои иҷтимоии ӯ ба кор рафтааст:

**Ашки хун дар дида дорам баҳр-баҳр,**

**Шӯри ғам дар сина маҳшар-маҳшарам** [35,130а; 36,232].

Дар девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ хонанда бо теъдоди зиёди вожаву ибороти шоир бархӯрд менамояд, ки онҳо ифодагари махсусияти фардӣ ва услуби хоси баёни шоир мебошад.

Ин таркиботу ибороти Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ заминаи муҳкаме дар ибрози ақида, ифодаи фикр ва тасвироти шоиронаи суханвар мебошад. Гузашта аз ин, мафҳумоти мазкур ҳамчун таркибҳои калидӣ ба олами тафаккур ва тахайюлоти шоир истифода мешавад, ки дар натиҷа маърифати ашъораш осон мегардад.

Як зумра ашъори шоир ниҳоят содаву равон ва дилнишину бетакаллуф эҷод шудааст ва хонанда мазмуну маъниҳои баёнкардаи шоирро бе душворӣ дарк мекунад. Ин гуна ашъор наздик ба сабки хуросонист, ки аз таъсири шеъри асри X ба назми Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ гувоҳӣ медиҳад.

**То дуртар зи суҳбати аҳли ҷаҳон шудам,**

**Афсонатар миёнаи пиру ҷавон шудам.**

**Гуфтам шавам сафои табиат ба рӯзгор,**

**Гарди малоли оинаи дӯстон шудам.**

**Рафтам зи хеш, шоҳ чу омад ба кулбаам,**

**Шарманда аз сулукати ташрифи хон шудам.**

**Будам фитодатар зи замин дӯш, бар сарам**

**Гоме бизад, баландтар аз осмон шудам.**

**Медошт дил ғараз, ки шавам ину он, вале**

**Дар зери чарх он чи қазо хост, он шудам.**

**Дидам, ки нест завқи сухан гӯши халқро,**

**Шӯхӣ, ниҳода мухр ба лаб безабон шудам** [35,132а; 36,236].

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар ин гуна ашъор баробари ифодаи осони фикр дар риояи таносуби калом шартҳои муҳими фасоҳату балоғати сухан низ эътибори ҷиддӣ додааст. Чунончи, дар ғазали зер дар баробари мазмуну матлаби содаи ҳаёти одамӣ, қофияву радиф, калимаву ибораҳо ниҳоят ба ҳам созгор омадааст:

**Посдори хоҳише бошу забонхой макун,**

**То муяссар бо ту нодонист, доной макун.**

**Дар ҳузури синасофоне, ки зоҳирбин наянд,**

**Чашми ботин гар надорӣ, арзи биной макун.**

**Бо хаёли фосид ояд кас бурун аз одамӣ,**

**Фикри дунё кори оқил нест, расвой макун.**

**Андар ин маҷлис тунукзарфӣ намеояд ба кор,**

**То сабӯҳӣ метавонӣ кард, миной макун.**

**Муддао аз зинати ҷоҳ аст ташрифи ҳасаб,**

**Меҳмондорӣ надорӣ, хонаорой макун.**

**Маҳзи узлат бе хаёли дӯст набвад эътибор,**

**Аз миёни халқ бурун ою танҳой макун.**

**Нестӣ аз мадди оҳи синачокон сарбаланд,**

**Бо худ, эй сарви чаман, андози яктой макун.**

**Бори худ бо дигаре бигзоштан дунҳимматист,**

**Кори мардон аст, Шӯхӣ, корфармоӣ макун** [35,143а; 36,255].

Ҳамин тариқ, метавон дар мавриди ҳунари шоирии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ба хулосаҳои зер расид:

1.Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ идомадиҳандаи сабку услуб ва равиши анъанавии ғазалсароии асри XVIII мебошад ва дар ин ҷода мақому манзилати шоистаро сазовор аст.

2. Дар ашъори шоир нақши сувари хаёл бармалост ва корбурди он ба шоир имконият фароҳам овардааст, ки ба кашфи маонии ҷолиб ва афкори балеғи шоирона даст ёбаду образҳои анъанавиро бо ҷилваҳову тобишҳои тоза дар шеъраш ворид кунад.

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар татбиқу коркарди маъонии хаёлангез аз намояндагони сабки ҳиндӣ, ба вижа Бедил таъсирпазир гаштааст. Дар ин росто, таъсири суханварони пеш аз сабки ироқиву ҳиндӣ низ дар шеъри Шӯхӣ дида мешавад.

3. Дар ҳар сурат, Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар мазмунсозиву маъниофарӣ моҳир аст ва образҳои шоиронаи ӯ бештар дар сабки махсуси худаш эҷод шудааст.

# БОБИ 4. СУННАТҲОИ АДАБӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ШОИР

## 4.1.Таъсири анъанаҳои адабии форсии тоҷикӣ

## ба осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ

Баҳрабардорӣ ва таъсирпазирии як шоир аз суханвари дигар дар адабиёт як суннати дерина аст. Ҳатто дар адабиёти асри X суханварон ба ҳамдигар чӣ аз лиҳози қолаби шеърӣ, чӣ аз лиҳози мазмуну мундариҷа пайравӣ мекарданд ва ин пайравӣ агар аз як ҷониб эҳтироми як адибро ба суханвари дигар ифода кунад, аз ҷониби дигар он майдони фарохест барои гӯйи сабқат задан бо ҳадафи нишон додани ҳунар ва истеъдоди худи шоир. Пайравӣ ба осори саромадони адабиёт дар ағлаби мавридҳо дар рушду такмили ҳунари суханвар таъсири нек мегузорад. Мусаллам аст, ки Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ низ ба сифати шоири асри XVIII дар таълифи шеър ба гузаштагони худ пайравӣ мекард. Ин аст, ки таъсири шеъри суханварони пешинро ба осори ӯ метавон ба дастаҳои зер қисмат кард:

1.Таъсир ва нақши эҷодии суханвароне, монанди Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ;

2.Таъсиру нуфузи мазмуну мундариҷа ва сабку услуби суханварони сабки ҳиндӣ;

3.Сабки ба худ хос ва мустақили шоир, ки аксари ин гуна намунаҳо ҷаззобу дилкаш буда, аз истеъдоди баланди шоирии Шӯхӣ гувоҳӣ медиҳад.

Оид ба шарҳу тафсири табақабандии таъсири суханварони пешин метавон мушоҳидаҳои зерро ба қалам дод: яке аз мисолҳои собити андешаи мо ин аст, ки шоир дар девони худ борҳо бо ихлосу эҳтироми бузург номи Ҳофиз ва Камоли Хуҷандиро зикр мекунад. Ҳамчунин ғазалҳои дар пайравии ин суханварон сурудашуда ба сабку нигоришашон наздик мебошад. Аз ҷумла, Шӯхии Хуҷандӣ дар яке аз ғазалҳояш худро "муриди табъи назми Ҳофиз" мешуморад ва ишорат мекунад, ки ӯ пайрави Лисонулғайб аст:

**Наям, Шӯхӣ, ба кори гуфтугӯ холӣ зи имдоде,**

**Муриди табъи назми Ҳофизи Шероз мебошам.**

[35,125а; 36, 217]

Ё ҷойи дигар сухан аз эътиқод ва муҳаббати зиёд доштани Шӯхӣ ба шеъри Ҳофизи Шерозӣ гувоҳӣ медиҳад:

**Фароғ аз миннати соқии даҳрам додааст, Шӯхӣ,**

**Суханҳои майомези Лисонулғайби Шерозӣ** [35,157б; 36, 292].

Гузашта аз ин, силсилаи зиёди ашъори Шӯхӣ дар пайравӣ ба қолабҳои ғазали Ҳофизи Шерозӣ нигошта шуда, ҳатто мисраъҳо аз ашъори Ҳофиз тазмин шудааст:

**Худовандо, ба мифтоҳи карам бикшо дари дилҳо,**

**Ба ангушти иноят соз, ё Раб, ҳалли мушкилҳо.**

**Зи лутфе ташнакомон оқибат шодоб мегарданд,**

**Чу дарё дар хурӯш ояд, шавад сероб соҳилҳо.**

**Хуморолуда омад Шӯхӣ дар майхонаи ваҳдат,**

**“Ало, ё айюҳассоқӣ, адир каъсан ва новилҳо”** [34, 2б; 36, 27].

Дар ғазали мазкур ашёи тасвир ва ҳадафи ин ду суханвар умумӣ мебошад. Ҳар ду суханвар ба даргоҳи Ҳақ рӯй овардаанд ва Шӯхии Хуҷандӣ маъниву мазмунҳои Ҳофизро такмил бахшидааст. Вожаи “дил”, “мушкил”, “соҳил”, “соил”, “манзил”, “пир”, “солик” дар ҳар ду ғазал истифода бурда шуда, Шӯхӣ кӯшиш кардааст, ки дар заминаи ин истилоҳоту таъбирҳо паҳлуҳои нави мазмуну маъниро эҷод намояд. Чунончи, агар Ҳофиз гуфтааст:

**Ба май саҷҷода рангин кун, гарат пири муғон гӯяд,**

**Ки солик бехабар набвад зи роҳу расми манзилҳо** [34, 31а].

Шӯхӣ дар партави афкору андешаи Ҳофиз маънии тозаеро ироа мекунад:

**Аҷаб беинтиҳо афтода роҳи водии ирфон,**

**На солик кунҳи ӯро дида, не пирону комилҳо** [35,2б; 36,27].

Мусаллам аст, ки девони Ҳофиз бо ғазали “Ало, ё айюҳассоқӣ, адир каъсан ва новилҳо” оғоз меёбад ва Шӯхӣ низ дар ҳамин вазн яке аз ғазалҳои аввалини девонашро навиштааст.

Яке аз мавзӯоти меҳварии ашъори Шӯхӣ шикоят аз замона, инъикоси зиндагии вазнин, вазъи иҷтимоии даврони шоир мебошад. Шоир дар ин гуна ашъор дар баробари аз тангии рӯзгораш ҳикоят кардан, ишора ба нобасомониву беадолатиҳои замон менамояд ва ба хонандаи имрӯз аз вазъи рӯзгораш маълумот медиҳад.

Дар мавриди шикоят аз замона шоир тавассути образҳои бадеӣ изҳори назар мекунад. Чунончи, бо истифода аз образи “оина” беқадриву беқиматии инсонро дар даврони зиндагиаш зикр менамояд. Шоир мегӯяд, ки дар замони мо ашхоси соҳибтабъу некниҳодро қадру қимат намондааст. Чунончи:

**Софтабъонро дар ин айём, Шӯхӣ, қадр нест,**

**Буд дар аҳди Сикандар эътибор оинаро** [35,49б; 36,28].

Дар ин байт, агар аз як ҷониб беқадрии аҳли дил, мардуми соҳибистеъдод баён гардад, аз ҷониби дигар, ҳокимони давр мавриди танқид қарор гирифтаанд. Ё дар ғазали дигар:

**Аз софтинатӣ гили моро сириштаанд,**

**Оина дар хатар набувад дар ғубори мо** [35,50а; 36, 30].

Яке аз ҷиҳатҳои пайравии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ бар Ҳофизи Шерозӣ дар сабку услуби нигориши шоир ба назар мерасад. Чунончи, дар эҷоди ашъори дузабона тоҷикӣ ва арабӣ бо истифода аз Каломи Шариф ва аҳодиси набавӣ инро мушоҳида менамоем:

**Эй аз хаёли рӯи ту дил маъдани сафо,**

**Шоҳид бар авҷи ҳусни ту «ва-ш-шамс»-у «ва-з-зуҳо».**

**Мумтозкорхонаву қудратаён туӣ,**

**Лайла камисли ваҷҳика фи-л-ъарзи ва-с-само.**

**Гумгаштагони бодияи шавқро нигар,**

**Гардида ёди Каъбаву васли ту раҳнамо.**

**Дар хобгоҳи дидаи шабзиндадори дил,**

**Шуд мардумак зи ишқи ту бо сеҳр мубтало.**

**Танҳо набуд халқгаҳат арз, балки буд,**

**Минҳо ила-с-самои ва минҳо ила-л-ъуло.**

**Чашми шафоат аз ту маро бештар бувад,**

**З-ин баски дар саҳифаи ман нест ҷуз хато.**

**Шӯхӣ ба зери ханҷари ишқи ту ҷон супурд,**

**Шояд шавад зи силки шаҳидони Карбало** [35,48а; 36,29].

Ҳарчанд дар услуби баёни Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ муҳкамии калом, оҳангу ҷилои сухани ҳофизона ба мушоҳида намерасад, вале аз ҷиҳати мазмуну ғоя, маъниву мундариҷа онҳо дорои арзиши баланди адабӣ мебошад ва як андоза сабки фардии Мирзо Шӯхиро ифода мекунад. Шеъри Ҳофизи Шерозӣ дар рушду такомули ҳунар ва истеъдоди Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ нақши бориз дорад ва он заминаи бузурге дар бунёди сабки адабии Мирзо Шӯхи Хуҷандӣ таъсири худро гузоштааст.

Маънии ин абёт аз байти маъруфи Ҳофизи Шерозӣ сарчашма мегирад:

**Гуфтам он ёр, к-аз ӯ гашт, сари дор баланд,**

**Ҷурмаш ин буд, ки асрор ҳувайдо мекард** [35,188а].

Пайравии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар баробари ашъори Ҳофиз ба осори адибони сабки ҳиндӣ низ ба мушоҳида мерасад. Чунончи, дар пайравии Соиб якчанд ғазал иншо намудааст, ки яке аз онҳо бо матлаи

**Кашид субҳ агарчи сар офтоб ин ҷо,**

**Фишонд бар сари худ шоми ғам туроб ин ҷо** [35,51а; 36,33].

оғоз мешавад, Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ аз он ки бар шеъри Соиб ҷавоб мегӯяд, ифтихор менамояд ва иброз медорад:

**Ҷавоби он сухани Соиб аст ин, Шӯхӣ,**

**Бисоз хун ҷигари ташна чун сароб ин ҷо** [35,51а; 36,33].

Чеҳраи дигари адабие, ки Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар пайравии ӯ шеър эҷод кардааст, Абдулқодири Бедил мебошад. Ашъори Абдулқодири Бедил аз оғоз аз замони зиндагияш мавриди тақлиду пайравии ҳамзамонон ва оядагонаш гардид. Дар асрҳои XVII-XIX суханварон ва ҳавасмандони шеъру шоирӣ ҷаҳд мекарданд, ки табъи хешро бар муқобили ашъори Абдулқодири Бедил биёзмоянд. Чунончи, устод Садриддин Айнӣ дар тазкираи “Намунаи адабиёти тоҷик” ҳини тасвири зиндагиномаи Аҳмади Дониш, авҷ гирифтани тақлид ба сабки Мирзо Абдулқодири Бедил ва баъдтар ба сабки соданависӣ руҷуъ кардани адибон менависад: «дар аҳдҳои охирӣ (баъд аз 1200 ҳиҷрӣ) дар Бухоро ва Мовароуннаҳр, дар назму наср тақлиди Мирзо Абдулқодири Бедил шуҳрат гирифта, ҳар аҳлу ноаҳл, ки ба дасташ қалам мегирифт, чизе дар пайравии Мирзо Абдулқодири Бедил навиштанро аз ҷумлаи татиммаи камоли худ мешумурд» [3, 289].

Академик Абдулғанӣ Мирзоев сабаби авҷ гирифтани тақлиду пайравиро “дар нимаи дуюми асри XVII  ба муносибати ба Ҳиндустон рафтуой кардани  шоирон” мебинад [104,86].

Ағлаби намояндагони адабиёти асри XVIII дар сулуки нигорандагӣ қабл аз ҳама, бештар ба Мирзо Абдулқодири Бедил  пайравӣ мекарданд. Эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил диққати шоирони Мовароуннаҳру Осиёи Марказиро ба он хотир ҷалб намуд, ки ба қавли тазкиранависи машҳури ҳинд Ғуломалихони Озод, Абдулқодири Бедил ва Носиралии Сарҳиндӣ «тарҳи суханро ба оини тоза андохтанд ва ин ҷавҳари қобилро ба сурати назарфиреб ҷилвагар сохтанд» [18, 21].

Намояндагони адабиёти асри XVIII ва садаи XX аз қабили Шевани Бухороӣ, Якдили Бухорой, Султонхони Адо, Хиҷлати Бухороӣ ба осори Абдулқодири Бедил аз ҷиҳати ғояҳои диниву сӯфиёна пайравӣ намуда, ба таъбири дигар, дар шаклу услуб ва мазмуни диниву тасаввуфӣ эҷодиёти ӯро сармашқи фаъолияти худ қарор додаанд. Шоирони дигар, чун Мирзо Содиқи Муншӣ, Мирзо Олимҷони Ҳасрат, Муллораҷаб Парии Ҳисорӣ, Қонеъ, Афғон, Шайдо, Шӯхӣ, Шавқӣ ва дигарон ба услуби Бедил пайравӣ намуда, сарфи назар аз андешаҳои диниву тасаввуфӣ, афкори пешқадами

дунявии шоирро дунболгирӣ кардаанд. Усмон Каримов дар китоби худ оид ба пайравиҳои шоирони асрҳои XVIII-XIX таҳқиқоти ҷолиб анҷом додааст [86, 187].

Дар ин замина Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ низ дар радифи шоирони дигари аср, аз ҷумла, падараш Шайдои Хуҷандӣ ба ашъори Мирзо Абдулқодири Бедил ихлоси баланд дошт ва наметавонист, дар пайравии ин суханвари мумтоз шеър нагӯяд.

Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар пайравӣ ба шеъри Мирзо Абдулқодири Бедил он аст, ки печидагиву пӯшидагӯии сабки бедилиро батамом риоя накардааст ва кӯшиш кардааст, ки усули содаву равонтарро интихоб намояд. Дар ин маврид Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ сабку услуби падараш- Шайдои Хуҷандиро интихоб кардааст [30, 32-33].

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ аз пайравӣ ба Мирзо Мазҳари Ҷоноҷонон – шоири форсизабони Ҳиндустон ифтихор ва ӯро бо номи “Мирзо” ёд мекунад:

**Шарбати Кавсар зи ёдам рафт, Шӯхӣ, то расид,**
**Ҷоми лабрезе ба каф аз суҳбати Мирзо маро** [35,58а; 36,56].

Ё ҷойи дигар:

**Ҷавоби он ғазали Мазҳар аст ин, Шӯхӣ,**
**“Каманди гул накунад сайд булбулони туро”** [35,56б; 36,53].

Дар девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ба тақлиду пайравии Мирзо Абдулқодири Бедил ғазалҳоеро мушоҳида мекунем, ки маҳз бо сабку услуби содатар аз сабки Мирзо Абдулқодири Бедил иншо шудааст.

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар пайравии Соиби Табрезӣ силсилаи ғазалҳо эҷод кардааст. Ин гуна ашъори шоир нишонаи пайравӣ аз назари аносири шаклӣ, аз ҷумла, истифодаи қолаби шеър, радиф ва қофия аст ва мундариҷа низ қаробат бо шеъри Соиб дорад. Соиб гуфта:

**Аз хуни ҷигар ранг пазирад сухани мо,**
**Баргест хазондида Суҳайл аз Ямани мо.**

**Муҳтоҷ ба шамъи маҳу хуршед набошад,**

**Чун синаи огоҳдилон анҷумани мо...**

**Соиб, агар аз мӯйшикофони ҷаҳонӣ,**

**Ғофил машав аз хомаи нозуксухани мо** [22; 89].

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ мегӯяд:

**То сар зада аз шикваи толеъ сухани мо,**

**Чун хома сияҳ гашт забон дар даҳани мо.**

**Моро ба замин чархи ҷафокеш чунон зад,**

**Чун соя муяссар нашавад хостани мо.**

**Аз теша чу Фарҳод забонкӯтаҳияш нест,**

**Бо нохуни худ кор кунад Кӯҳкани мо.**

**Лабрези шуоъ аст зи ёди рухи маъшуқ,**

**Мамнуни чароғе набувад анҷумани мо.**

**Мурдему нарафт аз дили мо ҳасрати чашмаш,**

**Бӯйи гули бодом расад аз кафани мо.**

**Дар пайкари мо рехт сафо баски хаёлаш,**

**Чун пардаи моҳтоб бувад пираҳани мо.**

**Чун дафтари гул пур зи латофат шуда, Шӯхӣ,**

**Девони ту аз хомаи рангинсухани мо** [35,63б; 36,72].

Пайравии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ба Соиби Табрезӣ тақлиди сирф нест, балки дар заминаи афкору андеша, маъниофариву мазмунсозиҳои Соиб шоир маъниҳои тозаву бикрро рӯйи кор овардааст.

Дар баъзе мавридҳо Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар вазну радифи ғазали Соиби Табрезӣ шеър суруда, қофияро тағйир додааст. Аз назари мавзӯъ ба Соиби Табрезӣ пайравӣ карда, мазмунҳои тоза эҷод кардааст.

Чунончи, Соиби Табрезӣ мефармояд:

**Биёву тоза кун имон ба навбаҳор имрӯз,**

**Ки шуд қиёмати мавъуд ошкор имрӯз.**

**Шукуфа аз уфуқи шохсор ахтар рехт,**

**Нишони субҳи қиёмат шуд ошкор имрӯз.**

**Биҳишти нақд талаб мекунӣ агар, Соиб,**

**Чу ғунча сар зи гиребони худ барор имрӯз** [22, 525].

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ гуфта:

**Набуд бе ту тамошо ба сайргоҳ имрӯз,**

**Бурун зи хонаи чашмам нашуд нигоҳ имрӯз.**

**Ҳазор бор шудам Мӯсии Калим нашуд,**

**Таҷаллие зи нигоҳе ба ҷилвагоҳ имрӯз...**

**Баро зи халқи ҷаҳон, мотамӣ нишин, Шӯхӣ,**

**Ки нест дар назар он шӯхи каҷкулоҳ имрӯз** [35,97а; 36,207].

Таваҷҷӯҳи Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ба шоирони сабки ҳиндӣ зиёд буда, ба эҷодиёти ин гуна суханварон ҷавобияҳо навиштааст. Чунончи, дар девони шоир чанд ғазалеро мушоҳида мекунем, ки дар пайравии Мирзо Шамсиддини Мазҳар – яке аз шоирони маъруфи хиттаи Ҳиндустон навиштааст. Дар байти зер шоир ғазалеро ҷавоб бар ғазали Мазҳар мешуморад:

**Надида булбули ин боғ ошёни туро,**

**Накарда ҳеҷ сабо сайр гулситони туро.**

**Ҷавоби он ғазали Мазҳар аст, ин, Шӯхӣ:**

**“Каманди гул накунад сайр булбулони туро”**[35,56б; 36,53].

Ё ҷойи дигар, мафтунии хешро аз гуфтори Файзии Файёзӣ ё Файзии Даканӣ, ки исми комилаш Шайх Абулфайз ибни Шайх Муборакшоҳ мебошад ва аз шоирони маъруфи сабки ҳиндӣ аст, баён месозад:

**Рехт, Шӯхӣ, бар дилам гуфтори Файзӣ хомӯшӣ,**

**Булаҷаб, тӯтӣ аз ин оина шуд гӯё маро** [35,68б; 36,86].

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ҳамчунин дар пайравии яке аз шоирони маъруфи асри XV Қосими Анвор низ ғазал навиштааст ва эътимоду эҳтиромашро бад-ин тариқа ба ӯ баён кардааст:

**Ҷавоби он ғазали Қосим аст, ин, Шӯхӣ:**

**“Рафиқи софдарун дар замона кам пайдост”** [35,83а; 36,150].

Мусаллам аст, ки Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ашъори суханварони асрҳои гуногунро мутолиа мекард ва ҳамзамон ба шоироне, ки дар Мовароуннаҳр умр ба сар мебурданд, таваҷҷӯҳи хоса дошт. Зимнан, ҷоизи таъкид аст, ки вай ифтихор аз он менамуд, ки зодаи Мовароуннаҳр аст. Дар ашъораш борҳо аз он ёд мекунад, ки Тӯрон, яъне Мовароуннаҳр дар суханвариву эҷод аз Эрон кам нест. Ӯ худро ифтихори Тӯронзамин медонад:

**Карда Тӯрони сухан ноз ба Эрон, ки кунун,**

**Шӯхии шоири барҷастакалом аст ин ҷо** [35,71а; 36,93].

Ё ҷойи дигар:

**Офарин, Шӯхӣ, ба файёзии табъат чун биҳишт,**

**Кардааст рангин замини Мовароуннаҳрро** [35,70б; 36,91].

Гузашта аз ин, зимнан Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ аз он шикоят мекунад, ки ашъори шоирони Мовароуннаҳрро дар олами сухан ба қадри бояду шояд баҳогузорӣ накардаанд. Дар ағлаби мавридҳо на ба маъниву мазмуни шеър, балки ба зодбуми шоир эътибор медиҳанд:

**Ҳусни маънӣ кард аз ман то дар ин олам зуҳур,**

**Юсуфосо гаҳ таҳи чоҳам, гаҳе зиндониям.**

**Гар зи Эрон мешудам, эъзоз мекарданд халқ,**

**Айби ман ин аст, Шӯхӣ, шоири Тӯрониям** [35,124б; 36,218].

Дар пайравии шоири дигари Мовароуннаҳр, Махмур, ки шеъраш аз ҷониби ҳамзамонон ва шоирони баъдӣ бисёр истиқбол мешудааст, ғазалҳо навиштааст:

**Он қадар аз заъфи ғам шуд нотавон аъзои мо,**

**Мебарад ҳар дам париданҳои ранг аз ҷои мо.**

**Саҳфаи афсурдаи мо қобили шероза нест,**

**Сусттар аз коғази таргашта аст аҷзои мо.**

**Метавон гуфтан адам пеши вуҷуди мо вуҷуд,**

**Аз ниҳон аз парда пинҳонтар бувад пайдои мо.**

**Дур аз он субҳи саодат он қадар афтодаем,**

**Медиҳад гардун ҳисоби нолаи шабҳои мо.**

**Шукр, танҳо мо ба шаҳри бенишонӣ нестем,**

**Хонаи анқо бувад ҳамсоя бар маъвои мо.**

**Баски дар дил шикваҳо аз чарх дафтар-дафтар аст,**

**Гӯӣ мотам мечакад аз хома дар иншои мо.**

**Ин ҷавоби он ғазал, Шӯхӣ, ки Махмурат навишт,**

**“Мечакад хунобаҳо аз дидаи бинои мо”**

[34,34б;35,68а-68б; 36,85].

Ё ғазали дигар:

**Барнамеояд арӯси фитна аз оғӯши ман,**

**Нест як дам фориғ аз тифли ҳаводис дӯши ман.**

**Ин ҷавоби он ки Махмурам ба Шӯхӣ менамуд:**

**“Чашми зону дидаи оҳуст дар оғӯши ман”** [35,137б; 36,246].

Шоир аз он ифтихор мекард, ки фарзанди шоири тавоно Шайдои Хуҷандист. Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ истеъдод, ҳунар ва касби шоириро мерос аз падар меҳисобад. Чунончи, мегӯяд:

**Мерос аз хазинаи табъи падар маро,**

**Шӯхӣ, расида қадри гаронгавҳари сухан** [35,141а;36, 253].

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ худро пайрави падар шуморида, ҳурмату эъзозашро дар он мебинад, ки хомаи меросии Шайдоро дорад. Ин маънии онро дорад, ки Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ба сабку услуби падараш эҷод кардааст ва ин шева қобили қабули хосу ом гардидааст:

**Нозимон, Шӯхӣ аз он ҳурмати назмам доранд,**

**Дар сухан хомаи меросии Шайдо дорам** [35,127а-127б;36,225].

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ба ғазалҳои Шайдои Хуҷандӣ ҷавобҳо гуфтааст ва падарашро чун шахси ориф ёд кардааст:

**На чун гул сурхрӯӣ чашм аз ин боғи ҷинон дорам,**

**Ҳаминам бас, ки бар рухсора ранги заъфарон дорам.**

**Ҷавоби ин ғазал Шӯхӣ, ки ҷадди орифам мегуфт:**

**“Шукӯҳе бар дили ғамгинам аз бори ғамон дорам”**

[35,127б-128а; 36,226].

Дар ғазалҳояш Мирзо Шӯхӣ, Шайдои Хуҷандиро ба унвони “падар” ёд мекунад ва ба ашъори қиблагоҳӣ тазминҳо эҷод кардааст:

**Сӯзи бемотам ба зери чархи пурозор нест,**

**Хандае набвад, ки дар пай гиряе дар кор нест.**

**Хотири худ ҷамъ дор, аз сайқале софӣ талаб,**

**Дар дукони даҳр як оина бе зангор нест.**

**Шӯхиё, қурбони он ҳарфам, ки фармуда падар:**

**“Дар риёзи комронӣ як гули бехор нест”.**

[35,34б;35,75б; 36,115]

Боиси зикр аст, ки аз нимаи аввали асри XVIII сар карда, қариб то оғози асри XIX як давраи сукути тазкиранигорӣ ба вуҷуд омад, ки имрӯз барои равшанӣ бахшидан ба зиндагӣ ва осори ин ду адиб танҳо маводи осорашон хидмат карда метавонанд.

Шайдо аз шоирони маъруфи нимаи аввали асри XVIII маҳсуб шуда, девонаш аз ғазалиёт, рубоиёт, муфрадот, маснавӣ, ҳамчунин мухаммасу марсия ва таърихҳо иборат аст. Дар даврони зиндагӣ ва эҷоди ӯ суханварон дар шеъру шоирӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешуданд. Нахуст онҳое буданд, ки суннатҳои деринаи шеъри мутақаддиминро идома бахшида, ба равиши ғазалиёти Саъдиву Хусрав ва Ҳофизу Камол пайравӣ мекарданд. Гурӯҳи

дувум бештар ба сабки ҳиндӣ ё ба ифодаи тарзи нав эътибор медоданд. Шайдои Хуҷандӣ бештар ба гурӯҳи аввал майл дошт. Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ низ роҳи эҷодии падарашро идома додааст. Дар ашъораш муҳаббати гарми хешро ба падари маҳбуб чунин ифода менамояд:

**Сари ҳар кас, ки дар болини шавқаш дардманд афтад,**
**Масеҳоро ба хоки пояш аз чархи баланд афтад.**
**Чунин к-аз ҳамдамон дарди ҷудоиҳо ба дил дорам,**
**Сазад чун най фиғон дар устухонам банд-банд афтад...**
**Расон афсонаи мушти ғубори Шӯхии маҳзун,**
**Гузорат, эй сабо, бар хоки Шайдои Хуҷанд афтад.**

**[35, в. 76б-77а]**

Аз навиштаҳои боло бармеояд, ки Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар яке аз вазифаҳои масъули дарборӣ машғул буд, ки ба Хуҷанд баргашта натавонистааст. Дар баробари он ки Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ба шахсияти падараш - Шайдо эҳтироми бузург дошт, ашъори падарро низ мавриди мутолиа ва омӯзиш қарор медод. Дар ашъори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ғазалҳое ҳам ҳастанд, ки шоир дар пайравии падараш иншо кардааст. Чунончи, дар ғазали зер аз осори падараш тазмин кардааст:

**Сӯзи бемотам ба зери чархи пурозор нест,**
**Хандае набвад, ки дар пай гиряе дар кор нест...**
**Шӯхиё, қурбони он ҳарфам, ки фармуда падар:**
**"Дар риёзи комронӣ як гули бехор нест".**

[35,34б;35,75б; 36,115]

Ё дар ҷойи дигар, шоир истеъдоди фитрӣ ва илҳоми шоириро мерос аз хазинаи табъи падар медонад:

**Миннат зи чарх кай кашад он кас, ки гаштааст,**
**Аз назму наср соҳиби симу зари сухан.**
**Мерос аз хазинаи табъи падар маро,**
**Шӯхӣ, расида қадри гарон гавҳари сухан.**

[35,142а; 36; 253]

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ эҳтирому ҳурмати хешро дар назм мероси падар медонад:

**Бехирад қадр надонад агарам, нест аҷаб,**

**Сухани покам, асар дар дили доно дорам.**

**Нозимон, Шӯхӣ, аз он ҳурмати назмам доранд,**

**Дар сухан хомаи меросии Шайдо дорам.**

[35,127а-127б;36, 225].

Воқеан, Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ низ дар бисёр ҷиҳатҳо пайрави падари хеш – Шайдои Хуҷандист. Мусаллам аст, ки Шайдои Хуҷандӣ ба шеъри Ҳофизи Шерозӣ ва сабку салиқаи Лисонулғайб таваҷҷӯҳи беандоза дошт. Чунончи, худ мегӯяд:

**Кушодам ҳамчу гул девони Ҳофиз дар чаман, Шайдо,**

**Зи шавқаш булбулон карданд худро пора бисмилҳо** [30, 44]**.**

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ низ дар яке аз ғазалҳояш, ки намунаи он дар фавқ зикр шуд, пайрави Ҳофизи Шерозӣ буданашро таъкид намудааст.

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ монанди падараш дилдодаву ошиқи Хуҷанд буд ва бо номи он ифтихор мекард. Дар девони шоир дар радифи Хуҷанд ғазале ҳаст, ки он ифодагари муҳаббати беандозаи шоир ба зодгоҳаш мебошад. Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар ин ғазал баҳори Хуҷандро аз биҳишт боло медонад ва арӯсони ин шаҳри қадимро беҳтар аз хубони мулки дигар мешуморад. Шоир ишора ба рӯди Сир мекунад ва дар радифи он рӯдхонаҳои дигари ин шаҳрро ба ҳавзи Кавсар ташбеҳ медиҳад. Ҳамзамон, унвони деринаи шаҳри Хуҷанд “арӯси олам”-ро зикр намуда, бо номи ин шаҳр фахр намуда, тавсифоти зайлро ба рӯйи коғаз овардааст:

**Биҳишт бурда зи ёди дилам баҳори Хуҷанд,**

**Шукуфта доғи ҷунунам зи лолазори Хуҷанд.**

**Ману назораи он сабзае, ки мерӯяд,**

**Чу хат зи орази хубонаш аз узори Хуҷанд.**

**Суроғи ишрати хубон макун зи мулки дигар,**

**Ки ин арӯс бувад хуфта дар канори Хуҷанд.**
**Хирад гузар чу кунад, шахси ишқ мегардад,**
**Ҷунун фазои назар кун зи кӯҳсори Хуҷанд.**
**Зи ташнагони қиёмат чӣ бок оташро,**
**Ки кори Кавсари ҷаннат кунад баҳори Хуҷанд.**
**Чу тӯтиё бидиҳад нур, ман шавам зомин,**
**Кашӣ ба чашм чу сурма ту гар ғубори Хуҷанд.**
**Фаввораҳез шуд аз дида ашк, донистам,**
**Ки рехт таб ба дил завқе обшори Хуҷанд.**
**Хаёли сайри чаманҳои нозанинаш кун,**
**Ки файзи хулди барин медиҳад баҳори Хуҷанд.**

**Аз ин ки даҳр хитобаш арӯси олам кард,**
**Равост, Шӯхӣ, агар созад ифтихори Хуҷанд.**
[35, 87б-88а;36,198]

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ҳини дур будан аз Хуҷанд борҳо ёди зодгоҳи хешро мекунад. Чунин ба назар мерасад, ки бо тақозои рӯзгор Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ аз шаҳри Хуҷанд ба муддати тӯлонӣ дур афтода будааст. Чунончи, дар мақтаи яке аз ғазалҳояш ба ин маънӣ фармудааст:

**Аз фиғон як дам агар Шӯхӣ наёсояд, равост,**
**Булбулам дур аз чаманзори Хуҷанд афтодааст** [35, 40б].

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ аз ашъори баланд ва истеъдоди хеш ифтихор дорад. Ӯ баҳои хешро дар олами сухан медонад ва онро сазовори аҳли маърифат ва сухан мешуморад:

**Намедонам, чӣ лаззат бурда тифли чашми он бадхӯ,**
**Намемонад замоне аз бағал девони Шӯхиро** [35,24б;35,67а].

Шоир дар ҷодаи суханварӣ худро шогирди устоде намедонад ва ба душманони истеъдодаш муроҷиат мекунад, ки ӯро аз он ки суханвари худрӯй аст, таъна мезананд:

**Таъни худрӯйӣ мазан, эй нотавонбин, дар сухан,**

**Хомаи Шӯхӣ мураххас буд аз устодҳо** [34,61а].

Хулоса, Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ зери таъсири анъанаҳои побарҷои адабиёти классикӣ ба кори эҷодӣ шуғл варзида, дар доираи истеъдоду ҳунари суханофаринии худ ашъори гуногунжанру пурмуҳтавоеро ба мерос гузоштааст. Шоир шеъри худро ба риштаи тазмину назира ва татаббӯъ ба ашъори Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Соиби Табрезӣ, Бедили Деҳлавӣ, Шайдои Хуҷандӣ ва дигарон пайванди маъноӣ ва шаклӣ бахшида, билохира дар чодаи эҷод соҳибсабк шудану мустақилияти суханофаринии худро эълон кардааст.

### 4.2.Корбурди навъҳои маъмули адабӣ дар эҷодиёти шоир

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ асосан, шоири ғазалсарост. Вале дар девони ӯ дигар навъҳои адабӣ низ ба назар мерасанд, ки ҳунари нотакрор ва истеъдоди баланди шоирро нишон медиҳанд. Аз ҷумла, дар ашъори вай намунаҳо аз навъҳои адабии мухаммас, рубоиёт ва маснавӣ ба назар мерасад. Намунаҳое, ки дар нусхаи қаламии девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ба назар мерасанд [34,35], аз рангорангии ашъори шоир хабар медиҳанд. Аз ҷумла, дар ду нусхаи мавриди истифодаи мо, дар яке даҳ рубоӣ [35, 162а -163а] ва дар дигаре нуҳ рубоӣ [35, 163а-163б] ба сабку услуби анъанавии рубоисароӣ таълиф шуда, мавзӯъҳои деринаи адабиёт, аз қабили гузашти умр, дурӣ ҷустан аз ҷоҳилон, пушаймонӣ аз фироқи дӯстони пурҳунар баён мегардад. Чунончи, дар рубоии зер аз гузашти умр ҳикоят мекунад:

**Он дам ки фалак ба фарқи ман вожун гашт,**

**Афтода маро зи боми расвоӣ ташт.**

**“Омад ба сарат аҳди ҷавонӣ” гуфтанд,**

**То ман шудам огоҳ, ки ин давр гузашт.**

[34,162а; 35,163а;125,259]

Ё дар рубоии дигар, шоир ҳамон андешаи куҳан, дурӣ ҷустан аз мардуми нодону ҷоҳилро талқин мекунад:

**Лаб бо қадаҳи заҳри ҳалоҳил будан,**

**Маҳбус ба зиндону салосил будан.**

**Дар зери хами ханҷари қотил будан,**

**З-он беҳ, ки даме ҳамдами ҷоҳил будан.**

[34,163а; 35,163б;125,259]

Ё дар рубоии дигар мегӯяд:

**Афсӯс, к-аз ин базм ҳарифон рафтанд,**

**Чун шиша сафотабъ латифон рафтанд.**

**Бишкан қаламу бисӯз коғаз, Шӯхӣ,**

**Ёрони суханфаҳм, зарифон рафтанд** [34,163а].

Аз омӯзиши рубоиёти Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ метавон чунин натиҷа бардошт, ки шоир дар эҷоди ин навъ аз қолаби анъанавии рубоисароии тоҷик ҳам аз лиҳози шакл ва аз лиҳози мавзӯву мундариҷа ва мазмун берун набаромадааст. Ба иборати дигар, дар эҷоди рубоӣ шоир ҳунари хоса нишон надодааст.

Дигар аз навъи адабие, ки дар девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ба назар расид, маснавӣ мебошад. Маснавии маъруфи ӯ “Дар тавсифи Хуҷанди арҷманди фирдавсмонанд” ном дошта, аз 25 байт иборат аст. Зимнан, шоир дар ғазалҳояш ҳам оид ба обу хоки Хуҷанд тавсифҳои ҷолиб кардааст. Аз ин гуна ашъор бармеояд, ки Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ба зодгоҳи азизаш – Хуҷанди бостонӣ муҳаббати беандоза зоҳир карда, дар ҳама ҳолат нисбат ба ин шаҳр эҳтироми хоса доштани худро бо алфози самимию ҷолиб тасдиқ намудааст. Дар маснавӣ нахуст сухан аз тавсифи боду ҳавои Хуҷанд меравад. Ҳавои шаҳри Хуҷандро ёдрас карда, зебоии шаҳрро баробар бо ҷаннат медонад:

**Чӣ шаҳре, к-аз ҳавояш аҳли ҷаннат,**

**Чу Маҷнунанд дар домони ҳасрат.**

**Зи васфаш ҳар замон бо хештан дил,**

**Биболад чун арӯсони чаман дил...**

Дар маснавии мазкур якчанд ҷойи таърихии шаҳри Хуҷанд, ҷумла, арки Хуҷанд, қаландархонаи Хуҷанд, дарёи Хуҷанд ва монанди инҳо зикр ёфтааст:

**Рафеъулқадрии аркаш чӣ пурсӣ,**

**Фурӯтар пояҳояш аршу курсӣ.**

**Шуда ҷаннат аз он девонаи ӯ,**

**Ки то бинад қаландархонаи ӯ** [35,186а;125, 261].

Дар тасвири шоир, ҳамаи дороиҳои шаҳри Хуҷанд ғайриодӣ ба қалам омадааст. Чунончи, Сайҳунро "дарёи соҳибшӯри хунхор" меномад, ки дар зери кӯҳ аждаҳовор афтодааст. Ҳавзҳои он монанди чашмони зеборухон аст, ки ниҳолҳо дар канораш ҳамчу мижгон рустааст:

**Аҷаб дарёи соҳибшӯри хунхор,**

**Фитода зери кӯҳаш аждаҳовор.**

**Намудӣ ҳавзи он чун чашми хубон,**

**Ниҳолон дар канораш ҳамчу мижгон...**[35,186а;125, 261].

Дар идома шоир мавҷи рӯйи обро ба кокулҳои парешон монанд мекунаду биноҳои шаҳрро аз қасрҳои чархи гардун беҳтар мешуморад:

**Ба рӯи оби софаш мавҷаи ӯ,**

**Парешон кокуле афтода бар рӯ.**

**Имороташ зи ҳамдигар барин аст,**

**Қусури чархи воло кай чунин аст** [35,186а-186б;125, 262]

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ тозагиву озодагии кӯчаҳои шаҳрро ситоиш карда, хокашро олудаи мушк медонад ва аз сафои дару девораш сухан мекунад ва ҷӯйҳои оби ин шаҳри гулистонро ба рагҳои хунгарде монанд мекунад, ки бар аъзои бадани зеборухон рафтааст:

**Мухаммар карда аз Кавсар бинояш,**

**Зи мушки суда хоки кӯчаҳояш.**

**Дару девори ӯ чандон мусаффо,**

**Ки аз як ҷо тавон дидан саропо.**

**Ба ҳар сӯ оби ҷӯи он гулистон,**

**Чу рагҳо рафта бар аъзои хубон** [35,186б;125, 262].

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар канори ҳам омадани шаҳру дарёро воқеаи нодир медонад ва акси шаҳрро дар оинаи дарё мунъакис мебинад ва кӯҳи Мевағулро низ тавсифи ғайриодӣ месозад:

**Мисолаш кай тавон дидан ба дунё,**

**Магар акси худаш бинӣ зи дарё.**

**Ҳисораш гашта з-он гардиш мудаввар,**

**Бағал бикшодаву бигрифта дар бар.**

**Чунон олӣ ҳисораш карда меъмор,**

**Ки сақфи осмонро гашта девор** [35,186б;125, 262].

“Маснавӣ дар тавсифи Хуҷанд” ишора ба таърихи мавҷудияти ҳафт дарвозаи шаҳр мекунад ва Хуҷандро ба боғе ташбеҳ дода, парируӯёнро дар он боғ чун дар Фирдавс хуррам мебинад ва маснавиро бо тасвири навозиши мутрибон ва нағмапардозии булбулон хотима мебахшад:

**Чу омад дар назар дарвозааш ҳафт,**

**Ҳароси ҳафт дари дӯзах зи дил рафт.**

**Нишеманҳо чунон бар ҷо фитода,**

**Ки аз ҳар сӯ дари боғе кушода.**

**Парируӯён дар он гулзори ишрат,**

**Чу ҳурон ҷилвагар дар боғи ҷаннат.**

**Ба ҳар сӯ мутрибони нозуковоз,**

**Дар он гулшан чу булбул нағмапардоз**

[35,186б; 125, 262].

Дар девони Шӯхии Хуҷандӣ мухаммас низ ба назар мерасад. Дар таърихи адабиёт эҷоди мухаммас таърихи тӯлонӣ дошта, суханварон бо

сабабҳои гуногун ба навиштани ин навъи адабӣ машғул мегарданд. Яке аз сабабҳои навиштани мухаммас эҳтиром гузоштан ба ғазали ин ё он шоир ва дар партави он баёни мазмунҳои нав бошад, сабаби дигари он гӯи сабқат задан бо шоирони қадим ё муосир мебошад. Аз асри XVII сар карда, то ибтидои асри XX мухаммас таҳаввулоти наверо аз сар гузаронид. Беҳтарин мухаммасҳоро дар ин давраҳо Соиби Табрезӣ, Сайидои Насафӣ, Шавкати Бухороӣ, Нозими Ҳиротӣ ва чанде дигар рӯйи кор овардаанд. Баъдтар шоироне монанди Шайдои Хуҷандӣ, Нозили Хуҷандӣ, Шӯхии Хуҷандӣ дар навиштани мухаммас ҳунари хешро нишон додаанд.

Шӯхии Хуҷандӣ низ якчанд мухаммас бар ғазалҳои Аттори Нишопурӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Соиби Табрезӣ ва Сайидои Насафӣ дорад. Чунонки дар боло зикраш рафт, Шӯхӣ ба ин суханварон эҳтироми хоса дошт ва дар баъзе аз ғазалҳояш низ ба онҳо ишораҳои ҷолиб дорад.

Дар асри XVIII мухаммасҳо бештар ба ғазалҳое навишта мешуданд, ки онҳо дорои оҳангҳои иҷтимоӣ аз қабили норозигӣ аз даврон, беадолатӣ дар ҷомеа, беқадру қиматии умр ва монанди инҳо бахшида мешуд. Чунончи, яке аз мухаммасҳои Шӯхӣ бар ғазали Аттори Нишопурӣ мазмуну мундариҷаи норозигӣ аз замон, тирагию торикии рӯзгор ҳикоят мекунад:

**Як ошиқи ба вартаи ишқ устувор ку?**
**Як марди саргузашта дар ин рӯзгор ку?**
**Як дидае, ки пок бувад аз ғубор, ку?**
**“Як софдил дар анҷумани рӯзгор ку?**
**Олам гирифт тирагӣ, оинадор ку?”** [35,148а,125, 26].

Дар идома дар тақвияти андешаи Аттор, ки инсонҳоро ташнаи хуни ҳам мебинад ва дарёи зиндагиро аз гавҳари пок орӣ медонад, Шӯхӣ мазмунҳои ҷолибро баён месозад:

**Аҳли ҷаҳон зи кину адоват зананд дам,**
**З-абнои рӯзгор набинӣ ба ҷуз ситам,**
**Оби вафо наҷӯй дар ин дашти пуралам,**
**“Чун рег ташнаанд ҳарифон ба хуни ҳам,**

**Дар қулзуми фалак гуҳари обдор ку?”** [35,148а;125,26].

Тавре ки маълум мегардад, шоир на танҳо дар сурудани ғазали анъанавӣ маҳорати баланд нишон додааст, вай инчунин, дар маснависароӣ, рубоисароӣ, мухаммассароӣ низ дасти тавоно доштани худро собит кардааст, ки намунаҳои таҳлилшуда ба ин гувоҳӣ медиҳанд.

Ба ифодаи дигар, шоир бо як ҳавсалаи том ва дониши амиқи адабӣ ҳамаи қонунмандӣ ва зарфияти жанрҳои анъанавии шеъри классикиро дар баёни андешаҳои худ истифода намуда, суханашро чӣ аз ҷиҳати шакл ва чӣ аз ҷиҳати маънӣ зебу оро бахшида, дар ин ҷода тавфиқ ёфтааст.

### 4.3. Авзон, қофия ва радифи ғазалиёти Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ

Шӯхии Хуҷандӣ асосан, идомабахши ғазалсароии адибони классикии тоҷик буда, дар осораш муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти инсонӣ дар робита ба ҳаводису воқеоти замони шоир инъикос ёфтааст. Вай офариниши жанри ғазал истеъдоди фавқуллодаи худро намоиш дода, муҳимтарин хусусиятҳои жанри мазкур аз қабили барҷастагии матлаву мақтаъ, радифу қофия, интихоби калимаҳои хушоҳангу сода, истифодаи дурусти санъатҳои бадеӣ, офариниши мазмуну маъниҳои ғарибу латиф ва монанди инҳоро риоя намудааст. Дар назми Шӯхии Хуҷандӣ ғазал ҳамчун ифодагари беҳтарини баёни эҳсосоти баланди шоир хидмат кардааст ва ӯро метавон як шоири нозукбаёни адабиёти садаи XVIII тоҷик ном бурд.

Бо вуҷуди он ки дар мазмуну мундариҷа ва шаклу қолаби ғазал шоир дар пайравии пешиниён ё ҳамзамононаш қадам задааст, назари тозаи ӯ дар ифодаи фикр, баёни мавзӯъҳои ҷадид, ки дорои маъниҳои баланд шоирро ҳамчун суханвари тозаҷӯй ва навпардоз нишон медиҳад.

Ғазалиёти шоир аксаран аз 7 то 12 - байтӣ буда, шоир дар сурудани ғазал аз авзони мухталиф истифода бурдааст. Дар зер авзони бештар мавриди истифодаи шоир қарор гирифтаро бо мисолҳояш меорем:

Ба номи он / ки зикраш кар/д рангин до/стонҳоро,
Зи нақши мад/ҳи ӯ оро/ише лавҳи / баёнҳоро.

V--- /V--- /V--- /V--- Ҳазаҷи мусаммани солим.

Надонистам/ ки субҳи иш/ратамро шо/ми ғам будаст,

Пайи як нӯ/ши ман омо/да сад неши/ ситам будаст.

V--- /V--- /V--- /V--~Ҳазаҷи мусаммани мусаббағ.

Авзони мазкур дар ғазалсароӣ яке аз авзони серистеъмол ба ҳисоб меравад ва муҳаққиқон ин вазнҳоро дар қатори 20 вазни пуркорбурди ғазали форсӣ овардаанд. Дар вазни ҳазаҷи мусаммани солим ва мусаббағи он Саъдӣ 28 ғазал, Ҳофиз 24 ва Аттор 14 ғазал сурудаанд, дар девони Шӯхӣ низ бештар аз 20 ғазал дар ин вазн нигошта шудааст.

Дода рухсо/ри ту ранги/ навбаҳор о/инаро,

Шуд зи ҷайбаш/ пур зи гул ҷай/бу канор о/инаро.

-V--/ - V --/ - V --/ - V - Рамали мусаммани маҳзуф

Офтоби/ ишқ наздик/ аст бигдо/зад маро,

Сарви озо/дам куҷо то/ соя андо/зад маро.

---

-V--/ - V--/ -V --/ - V - Рамали мусаммани маҳзуф

Масти ваҳдат /чун надонад /Каъбаву бут/хонаро,

Як сари зун/нор гирад/ субҳаи сад/донаро.

-V--/ - V --/ - V --/ - V - Рамали мусаммани маҳзуф

Ин вазн низ дар ашъори Шӯхӣ бештар аз дигар авзон ба кор рафтааст. Бештарини ин гуна ашъор маъниҳои лирикиро доро буда, маҳз дар ҳамин қолаб шеъри шоир хушсадо ва дилкаш ба назар мерасад.

Эй ба тавфи/ остонат/ мерасад ҳу/р аз биҳишт,

Бар ғубори/ даргаҳат сар/ мезанад ну/р аз биҳишт.

-V--/ - V --/ - V --/ - V~ Рамали мусаммани мақсур

Бе ту имшаб/ бар димоғам /бӯи гулшан /душман аст,

Шуъла бо шамъ/ам ба ранги/ боди доман/ душман аст.

-V--/ - V --/ - V --/ - V~ Рамали мусаммани мақсур

Панҷ ғазали дар боло омада, ки дар Рамали мусаммани маҳзуф ва мақсур суруда шуда, аз вазнҳои равону хушоҳанг ва серистеъмол дар ғазалсароӣ мебошад, ки Хонларӣ низ дар қатори авзони пуркорбурди ғазал зикр намудааст. Саъдӣ дар маҷмӯъ дар маҳзуф ва мақсури ин вазн 26 ғазал, Ҳофиз 33 ва Аттор 42 ғазал ва 5 қасида сурудааст.

Сувари ғун/чаи лаълаш/ дили пурху/ни ман аст,

Ҳамсари ко/кули ӯ то/леи вожгу/ни ман аст.

-V--/ VV --/ VV --/ VV~ Рамали мусаммани махбуни мақсур

Ин вазн дар ғазалсароӣ нисбатан камистеъмол аст ва дар ашъори Шӯхӣ низ аз 5 адад бештар нест. Вале дар ин вазн шеър гуфтани шоир аз табъи баланди шоир хабар медиҳад.

Дил мадеҳаш/ зи содагӣ/ чашми бало/и ҳушро,
Шиша магӯ/ ки нашканад/ тифли пиё/ланӯшро.
-VV-/ V-V-/ -VV-/ V-V- Раҷази мусаммани матвии махбун.

Бояд қайд намуд, ки ин вазн аз хушоҳангтарин авзон дар ғазалсароист. Мавлавӣ дар ин вазни Раҷаз зиёд ғазал сурудааст. Ин гуна ғазалҳои Шӯхӣ маҳз дар пайравии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ навишта шуда, онҳо оҳанги ирфонӣ пайдо кардааст.

Намуд ҷил/ва чу он шӯ/хи бемисо/л маро,
Тамом о/б шуд ои/наи хаё/л маро.

V-V-/ VV --/ V-V-/ VV- Муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф

Биё ки бе/ ту чу фасли/ хазон баҳо/р гузашт,

Нафас ба си/наи булбул/ чу неши хо/р гузашт.

V-V-/ VV --/ V-V-/ VV~ Муҷтасси мусаммани махбуни мақсур

Қадам ба шаҳ/ри диловар/ ки шаҳриё/р ин ҷост,

Шукӯҳи сал/танат ин ҷо/ву гирудо/р ин ҷост.

V-V-/ VV --/ V-V-/ -~ Муҷтасси мусаммани махбуни аслами мусаббағ.

Ин се навъи вазни баҳри муҷтас яке аз авзони зеботарину пуркорбурдтарин вазни шеъри форсӣ аст. Дар ин авзони муҷтас Ҳофиз 51 ғазал, Саъдӣ 25, Анварӣ 20 қасида, Аттор 9 ғазал сурудаанд. Дар рукни охир шоир метавонад аз зиҳофҳои фаълун (--), фаълон (-~) фаъилун (VV-) фаъилон (VV~) истифода намояд. Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ низ истеъдоди хешро дар ин вазн озмудааст ва муваффақ ҳам гардидааст:

Эй аз ха/ёли рӯи/ ту дил маъда/ни сафо,

Шоҳид ба/р авҷи ҳусни/ту "вашшамсу/ваззуҳо".

--V / -V-V / V - -V / - V - Музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф

Эмин зи/ бими ҳоди/саи дому/дона нест,

Мурғе, ки /бол канда/дар ин ош/ёна нест.

--V \ -V-V \ V - -V \ - V ~ Музореи мусаммани ахраби макфуфи мақсур

Ин ду вазни музореъ ҳам аз пуркорбурдтарин авзони шеъри форсист. Саъдӣ ва Ҳофиз дар ин ду вазн 74 ғазал, Аттор 48 ғазал ва Анварӣ 26 қасида доранд. Ҳамин вазн дар осори суханварони асрҳои XVII-XIX бештар аз авзони дигар ба кор рафтааст.

Синасӯзам/ забонаи/ ишқам,

Дилхарошам/ таронаи/ ишқам.

-V- -/ V-V- / - - Хафифи мусаддаси махбуни аслам

То маро кӯ/и ёр наз/дик аст,

Гулшанамро/ баҳор наз/дик аст.

-V- -/ V-V- / - ~ Хафифи мусаддаси махбуни аслами мусаббағ

Ин ду вазни баҳри хафиф дар шумори авзони машҳур ва пуркорбурди шеъри форсӣ аст, ки Аттор 63 ғазал ва Саъдӣ 25 ғазал, Анварӣ 14 қасида суруда, агарчи Ҳофиз дар ин ду вазн танҳо 2 ғазал дорад. Илова бар ин, маснавиҳои маъруфе чун “Хадиқа”-и Саноӣ, “Ҳафт пайкар”-и Низомӣ, “Ҳашт биҳишт”, “Силсилат-уз-заҳаб”, “Ҷоми Ҷам”дар ин авзон суруда шудаанд. Шӯхии Хуҷандӣ дар ин маврид низ бештар ашъори лирикии худро тасниф кардааст, зеро ин вазн як андоза сабук ва хонотар маҳсуб мешавад.

Омӯзиши авзони ашъори Шӯхии Хуҷандӣ дар радифи шуарои дигари ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр барои муҳаққиқони ин соҳа андешаи донишманди маъруф Парвиз Нотили Хонлариро оид ба истифодаи авзони шеърӣ дар шеъри форсӣ тасдиқ менамояд. Мутобиқи андешаи ӯ суханварони форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XII бештар бо авзони кӯтоҳ, дар асрҳои XIII-XIV бо авзони миёна ва дар даврахои баъдӣ (яъне, асрҳои XVIII-XIX) аксаран бо авзони дароз шеър сурудаанд [153]. Аз ин рӯ, ашъори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ низ мутобиқи меъёрҳои адабии давр рӯйи кор омадааст. Истифодаи шоир аз авзони мухталифи шеърӣ баёнгари шоири мукаммал ва соҳибистеъдод будани Шӯхии Хуҷандӣ мебошад.

Яке аз унсурҳои дигари шеъри классикӣ, ки дар эҷодиёти Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ нақши муассир дорад, қофия аст. Гузаштагони назариядони мо ба ин масъала таваҷҷӯҳи хос зоҳир карда, таълифоти ҷолибу вофире рӯйи кор овардаанд, ки онҳо то кунун арзиши худро аз даст надодаанд. Аз ҷумлаи ҷолибтарини онҳо, ки аз ҷониби донишмандони муосир зиёд ба кор гирифта

мешавад, китоби “Алмӯъҷам фи маъойири ашъор-ил-Аҷам”-и Шамсиддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ мебошад. Донишманди мазбур дар хилоли таърифи шеър, ба қофия низ ҳамчун унсури зотии он дахл карда, афкору назарияи пешиниён ва муосиронашро ҷамъбаст намуда, дар ниҳоят фармудааст, ки “Сухани беқофиятро шеър нашуморанд, агарчи мавзун афтад” [140,162]. Воқеан, қофия дар шеър нақши калидӣ дорад ва андешаи дар ин хусус баён намудаи Шамси Қайси Розӣ бар ин донишмандон дуруст ва қобили қабул аст. Ҳоло қонуният, ҳудуд, ҳарфу ҳаракат ва маҷмӯан шинохти қофия ба як маҷрои муаяйн ворид шуда, кори омӯзандагонро дар ҷодаи эҷод ва таҳқиқ то андозае саҳл намудааст. Ҳамаи ин ба мо имкон медиҳад, ки роҷеъ ба шинохти қофия дар шеъри ин ё он адиб, аз он ҷумла, шоири мавриди назар - Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ иқдом намоем ва ҳунари ӯро дар корбурди ин унсури серпаҳлӯи шеъри суннатӣ баррасӣ кунем.

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар доираи меъёрҳои қофияофаринии шеъри классикӣ аз 25 навъи қофияи пурбаҳо, ки ба касрати истеъмол ба ҳукми анъана даромадааст, [144] зиёда аз дувоздаҳ навъи онро хеле моҳирона мавриди истифода қарор додааст.

Шоир аз анвои қофияи муқайяд, ки ҳамеша бо ҳарфи равӣ анҷом мепазираду 5 навъи пурбаҳои он дар шеъри шуаро ба ҳукми анъана даромадааст, 3 навъашро ба таври зайл ба кор бурдааст.

1. Қофияи муқайяд бо равии муҷаррад:

То ба номаш ёфт девони саноеъ ибтидо,

Матлаи абёташ аз мисрои ҳамдат шуд бино [36,25]

Дар ин байт қофия дар калимоти “ибтидо ва бино” ҷой гирифтааст. Равии онҳо ҳарфи “о” мебошад, ки бино бар пеш аз худ ҳаракату ҳарфе надоштанаш аксаран “муҷаррад” номида шудааст.

Дар эҷодиёти шоир чунин қофиясозӣ дар беш аз 25 ғазали ӯ ба мушоҳида расид, ки аз таваҷҷӯҳи хоси соҳибсухан ва зиёд будани калимоти ба ин шакл қофияшаванда дарак медиҳад.

1.Қофияи муқайяд бо тавҷеҳ ва равӣ :

Масоз такя ба роҳат ба маскани дунё,

Ки нест ҷойи фароғат нишемани дунё [36, 49]

Қофияи ин байт дар калимаҳои “маскану нишеман” дар ҷузви “ан” шакл гирифтааст. Аз қофияи боло бо он фарқ мекунад, ки ин ҷо равии муқайяд, ки ҳарфи “н” аст, пеш аз худ садоноки кӯтоҳи “а” дорад ва он дар шинохти таркиби қофия тавҷеҳ хонда шудааст. Азбаски ин навъ қофия хушоянду зебост ва ниҳоят серистеъмол аст, Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ онро дар зиёда аз 60 ғазали худ ба кор бурдааст.

2.Қофияи муқайяд бо ридфи муфрад:

Дода рухсори ту ранги навбаҳор оинаро,

Шуд зи аксаш пур зи гул ҷайбу канор оинаро [36,28]

Қофияи байти мазкур дар ҷузви “ор” –и калимаҳои “навбаҳору канор” ҷой гирифтааст, ки ҳарфи “р” – равӣ ва “о” – ридфи муфрад мебошад. Шоир зиёда аз 85 ғазали худро бо қофияи мазбур зеб додааст.

3.Қофияи муқайяд бо ҳарфи қайд:

Метавон гуфтан, ки ҳуснаш бегазанд афтодааст,

Хол бар рӯяш чу дар оташ сипанд афтодааст [36,133]

Дар ин байт “анд” дар калимаҳои “бегазанду сипанд” ба ҳайси қофия хизмат кардааст: а-ҳазв, н-қайд ва д-равӣ мебошад. Ин навъи қофияро шоир дар зиёда аз 4 ғазали худ истифода кардааст.

Ба ин тариқ, Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ 3 навъи қофияи пурбаҳоро ба ваҷҳи аҳсан дар ашъори худ, ба вижа ғазалиёташ мавриди истифода қарор додааст. Солимии онҳо ва ҳуруфи мухолиф, ки уюби қофияро ба вуҷуд меорад, озод буданашон хулосаи моро дар хусуси ҳунари қофиясозии шоир тақвият мебахшад.

Айни ҳамин ҳолро дар корбурди дигари қофия, ки бо қабули ҳуруфи муайяне баъд аз равӣ, мутлақ ном гирифтааст, дар эҷодиёти Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дида метавонем. Шоир аз қофияи мутлақ, ки нисбат ба қофияи муқайяд бо иловаи ҳуруфи пасазравии худ шумори бештар дорад ва зиёда аз

20 навъи он ба ҳукми анъана даромадааст, беш аз 9 навъашро дар ашъори худ ба кор бурдааст.

Намунаи чунин навъи қофия дар шеъри шоир ба тариқи зерин мебошад:

4. Қофияи мутлақ бо равӣ

Зи бас гул кард ҳамчун шамъ савдо аз сарам имшаб,

Саропо об гашту рехт аз ҳам пайкарам имшаб [36,102]

Қофияи ин байт дар калимоти "сараму пайкарам" ҷузъи "арам" мебошад, ки "а-тавҷеҳ", "р-равӣ", "а- маҷро" ва "м-васл" аст. Шоир аз ин қофия дар зиёда аз 14 ғазали худ кор гирифтааст.

5.Қофияи мутлақ бо ҳарфи қайд:

Сохтам андеша то анҷоми нарми даҳрро ,

Бар мазоқи хештан кардам гуворо заҳрро [36, 91]

Дар байти мазкур қофия дар калимаҳои "заҳррою даҳрро" ҷой гирифтааст, ки дар ҷузъи "аҳрро" намудор гаштааст. Аз ин решаи қофия "а-ҳазв", "ҳ-қайд", "р-равӣ", "р-васл" ва "о-маҷро" мебошад. Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ аз ин навъ қофия камтар истифода кардааст.

6.Қофияи мутлақ бо радифи аслӣ

Офтоби ишқ наздик аст бигдозад маро,

Сарви озодам куҷо, то соя андозад маро [36,36]

Дар ин ҷо қофия дар ҷузви "озад"- и калимоти "бигдозаду андозад" ҷой дода шудааст, ки аз он: ҳарфи "о" радифи аслӣ, "з"- равӣ, "а"- маҷро ва "д"- васл аст. Аз ин навъи қофия, шоир бештар истифода кардааст, ки дар зиёда аз 33 ғазали вай ба мушоҳида расид.

7.Қофияи мутлақ бо қайд ва хурӯҷ:

То ба ноз он шӯхмижгон дода зеҳ қавсайнро[1]

Аз ду сӯ дидам нишонаш синаи қавнайнро[2]

---

[1] ду қавс; ин ҷо манзур ду абрӯ аст.
[2] шакли мусаннои кавн, ду ҷаҳон

Дар ин ҷо қофия дар калимаҳои “қавсайну кавнайн” ҷойгир мебошад. Асли он ҷузъи “айн”- ро ташкил кардааст, ки “а” – ҳазв, “й”- қайд, “н”-равӣ, “р”- васл ва “о” – хуруҷ аст.

8.Қофияи мутлақ бо ҳарфи васлу хуруҷ:

Худовандо, ба мифтоҳи карам бикшо дари дилҳо,

Ба ангушти иноят соз, ё Раб, ҳалли мушкилҳо! [36,27]

Дар ин байт ҷузви “илҳо”, ки решаи қофия аст, дар калимоти дилҳо ва мушкилҳо ҷой гирифтааст: “и- ҳазв”, “л”-равӣ, “ҳ”-васл ва “о-хуруҷ” мебошад. Шоир чунин навъи қофияро дар зиёда аз 31 ғазали худ ба кор бурдааст.

9.Қофияи мутлақ бо ҳарфи қайду хуруҷу мазид:

Зи чашми хеш дур афканда хоби худписандиро,

Тавон кардан тамошо гулситони дардмандиро [36,51]

Дар ин байт қофия дар калимаҳои “худписандиро ва дардмандиро” қарор дорад ва ҷузви “андиро” решаи қофия мебошад. Ин ҷо “а”- ҳазв, “н”- қайд, “д”-равӣ, “и” – васл, “р”-хуруҷ, “о”-мазид аст. Соҳибсухан аз ин навъи қофияи мутлақ камтар истифода кардааст.

10. Қофияи мутлақ бо радифи муфрад ва хуруҷу мазиду ноира:

Ба номи он ки зикраш кард рангин достонҳоро,

Зи нақши мадҳи ӯ ороише лавҳи баёнҳоро [36,26]

Дар байти мавриди мисол ҷузви “онҳоро ва ёнҳоро” – и калимоти “достонҳорову баёнҳоро” қофия шуда омадааст, ки ҳуруфи о ва ё ридфи муфрад, н-равӣ, ҳ-васл, о-хуруҷ, р-мазид ва о-ноира мебошад. Навъи мазкур низ дар ашъори шоир чандон вусъат надошта камистеъмол аст.

11. қофияи мутлақ бо ридфи муфрад ва хуруҷу мазид:

Илоҳӣ, даршумор аз ҷумлаи некӣ ҳисобамро,

Бигардон сархати ҳурон варақҳои китобамро[3] .

Ин ҷо қофия дар калимоти “ҳисобамрову китобамро” ҷой дорад, ки ҷузъи “обамро” асли онро ташкил кардааст: о-ридфи муфрад, б- равӣ, а-

[3] Китоб- ин ҷо ба маънии номаи аъмол омадааст.

маҷро, м-васл, р-хуруҷ ва о-мазид. Дар зиёда аз 3 адад ғазали шоир ин навъи қофия ба кор рафтааст.

12. Қофияи муқайяд ба ридфи муфрад ва хуруҷу мазиду ноира:

Биё, биё ки маро бе ту интизориҳост,

Ки кор бе ту диламро фиҳону зориҳост [36,117]

Дар байти мазкур ҷузви "ориҳост" ва калимоти "интизориҳосту зориҳост" чун қофияи мутлақ воқеъ гаштааст: о-ридфи муфрад, р-равӣ,

и-васл, ҳ-хуруҷ, о-мазид, ҳуруфи с ва т –ноира. Ин навъи қофия ҳам дар ашъори шоир хеле кам ба кор рафтааст.

Ончунон ки аён мегардад, шоир аз 9 навъи қофияи мутлақ моҳирона истифода карда , хушоҳангӣ, муассирӣ, муттаҳидии маъноӣ, дар маҷмӯъ истеҳкоми лафзу маъниро дар ашъори худ таъмин намудааст. Аз тарафи дигар, анъанаи гузаштагони худро дар корбурди қофия чун унсури зотии шеър ва анвои он идома дода, онро бо ҳунари қофияпардозии хеш тақвият бахшидааст.

Аз вижагиҳои дигари шеъри Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ басомади ғазали мураддаф маҳсуб мешавад. Воқеан, радиф, ки маънии такрор омадани як вожа баъди қофия мебошад аз шоир завқу истеъдоди тоза тақозо менамояд. Аслан, дар ағлаби маворид шоирон радифро барои таъкиди матлабе ба кор мебаранд, вале баъзе аз шоирони соҳибназар аз ҷумла, Шӯхии Хуҷандӣ радифро низ дар доираи маъниофарӣ истифода намудааст. Чунончи, Шӯхӣ дар баъзе мавридҳо бар ӯҳдаи радиф рисолати маъниофариро низ вогузоштааст. Зимнан, ин ҷо аз ҳунари тасвирофарии шоир низ сухан кардан бамаврид мебошад, зеро баъзе аз тасвироти шоиронаи Шӯхӣ собиқа надоранд ва бемуҳобо, зоидаи завқи баланди шоир маҳсуб мешавад.Чунончи, ғазале дар радифи"гул" омада:

**Дар чаман то кард май з-он чеҳраи чун лола гул,**

**Шишаи номуси худро зад ба санги жола гул.**

**Баски он гул дошт гарми нолаам дар гулситон,**

**Карда дар минқори мурғон хирмани табхола гул.**

**Дар баҳористони ошиқ кай бувад расми хазон?!**
**Дар риёзи синаи ман ҳаст чандинсола гул.**
**Гиряе кардам, ки бе ӯ дар чаман набвад аҷаб,**
**Мавҷаи тӯфони ашкам дида, бандад жола гул.**
**Баски ҳуснаш зад зи шӯхӣ имшаб оташ боғро,**
**Менамояд дар назар чун шуълаи ҷаввола гул.**
**Гулшани дилро бидеҳ, Шӯхӣ, зи файзи гиря об,**
**Гунчаи таъсир то созад зи шохи нола гул.**

[34,107а; 35,118а; 36, 216].

Ғазали мазкур, ки дар радифи “гул” эҷод шудааст, баёнгари ҳунари баланди шоир аст. Гузашта аз он ки вожаи “гул“ дар ин ғазал оҳанги таъкидро ифода мекунад, шоир аз радиф маъниҳои тоза дарёфтааст.

Чунончи, байти 2:

**Баски он гул дошт гарми нолаам дар гулситон,**
**Карда дар минқори мурғон хирмани табхола гул.**

[34,107а; 35,118а; 36, 216]

Дар ин байт вожаи “гул” аз маънии аслии худ дур афтода, ба маънии “паҳншудан” истифода шудааст. Гузашта аз ин “гул”-ро ба “шуълаи ҷаввола” (байти 5) монанд кардан, бӯй аз сабки ҳиндӣ мекунад:

**Баски ҳуснаш зад зи шӯхӣ имшаб оташ боғро,**
**Менамояд дар назар чун шуълаи ҷаввола гул.**

[34,107а; 35,118а; 36, 216]

Як силсила ашъори Шӯхии Хуҷандӣ аз рӯйи анъанаи ғазалсароии давр гузашта аз радифҳои хабарӣ монанди “нест”, “ҳаст”, “гузашт” дар заминаи радифҳои маъмул мисли “имшаб”, “шароб”, “андалеб”, “маҳтоб”, “ганҷ”, “рӯҳ”, “биҳишт” ва монанди инҳо навишта шудааст. Дар ин гуна ғазалҳо шоир агар аз як ҷониб анъанаи деринаи адабиётро густариш дода бошад, аз тарафи дигар, ҳунари суханварии худро ба намоиш гузошта, кӯшиш кардааст, ки дар ин гуна ашъор маъниҳои ғариб ва мазмунҳои тозаро эҷод намояд. Чунончи, дар ғазали бо радифи “шароб” таълифшуда бештар шоир

ба мавзӯи беэътибории дунё, муносибат бо афроди пастфитрату касиф руҷуъ карда, дар заминаи ин мавзӯъ, мазмуну маъниҳои ҷолибро ироа мекунад. Чунончи:

**Меравад ҳангоми рафтан аз ҳама нокомтар,**

**Бештар хӯрд он ки дар майхонаи дунё шароб.**

[34,31а; 35,74а; 36, 103]

Шоир ин ҷо бо истифодаи иборати "майхонаи дунё" маънии ҷолиберо матраҳ мекунад, ки он ифодагари муҳаббати зиёд варзидан ба олами моддист. Яъне, ҳар касе, ки бештар муҳаббату меҳр ба ин дунёи дурӯза мегузорад, нисбат ба дигарон нокомтар, печидаи яъсу ноумедӣ аз ин олам меравад. Ё дар байти дигари ин ғазал, сухан дар бораи таъсирнопазир будани меҳру муҳаббат ба инсонҳои сираташон зишт меравад:

**Зишттабъонро кунад файзи муҳаббат камасар,**

**Бештар нозукдимоғонро барад аз ҷо шароб**

[34,31а; 35,74а; 36, 103].

Навиштани ғазал дар радифи вожаи "андалеб" ба ҷуз собиқаи таърихиву адабӣ доштанаш минбаъд дар садаи XIX ва ибтидои асри XX он ривоҷи бемайлон пайдо кард. Махсусан, дар доираҳои адабии Хӯқанду Бухоро суханварон теъдоди бисёри ин гуна ашъорро офаридаанд. Образи "андалеб" дар ғазали Шӯхии Хуҷандӣ барои ифодаи андешаҳои ҷолиб, мазмуну маъниҳои тоза созгор афтодааст. Чунончи, дар байти зерин "андалеб" рамзи донишмандӣ, некдилӣ ва ширинзабонӣ мебошад.

**Шеваи донишварон аз мардуми нодон маҷӯй,**

**К-аз забони зоғ менояд баёни андалеб.**

[34, 30а; 35, 74б;

36, 100]

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар истифодаи радиф низ маҳорати олии худро ба ҷилва овардааст. Вай дар заминаи ашъори мураддафи суннатӣ тавонистааст, ки бо дарки зарфиятҳои ин унсури зотии шеъри тоҷикӣ маъниҳои тоза, хушояндӣ, мутантанӣ, муттаҳиднамоии

мавзӯъ, таъкиду бозгашт, ишороти шоирона ва монанди инҳоро дар эҷодиёташ таъмин намояд. Аҷибтарин радифҳое, ки барои ба вуҷуд омадани афкори ҷолибу навоваронаву бикри шоир хизмат кардаанд**: гул, шароб, андалеб, биҳишт, ганҷ, рӯҳ** ва ғайра мебошанд.

Дар маҷмӯъ, шоир дар партави суннатҳои шеъри классикӣ дар корбурди унсурҳои зотии каломи манзум: вазн, қофия ва радиф маҳорати волое нишон дода, аз як тараф, анъанаҳои адабиёти классикиро идома бахшида бошад, аз сӯйи дигар, онро бо ҳунари вижаи суханофаринии худ такмилу тақвият дода, номашро дар сафи нодирагуфторони адабиёт сабт кардааст.

# ХУЛОСА

Дар заминаи омӯзиши мероси адабии Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ва идомаи анъанаҳои адабиёти асрҳои пешин дар осори ӯ вазъи шеъри тоҷикиро дар ин давра ба тариқи зайл метавон баррасӣ кард:

1. Дар таърихи адабиёти тоҷик, асри XVIII як давраи хос аз назари воқеаҳои сиёсӣ, таърихӣ ва таҳаввулоти адабӣ маҳсуб мешавад. Зеро ин аср аз назари инкишофи адабиёт вазъи духӯраро молик буда, аз як ҷониб, агар ривоҷи тақлиду пайравиҳои кӯр-кӯрона ба назар расад, аз ҷониби дигар осори баъзе аз адибони соҳибқалам, чун Шӯхии Хуҷандӣ идомаи пурсамари адабиёти классикии тоҷику форс ба ҳисоб меравад, ки дар баробари ҳифзи анъанаҳои дерини адабӣ бо навгониҳову падидаҳои тозаи худ дар рушди суханвариву суханшиносӣ накши бориз гузоштааст.

Махсусан, асри XVIII- ро метавон ҳамчун як қарни бисёр муҳим ва махсус арзёбӣ кард, ки он густариши мавзӯву мундариҷа ва сабк дар осори адибон ифода меёбад [2-М].

2.Вазъи ин давр, ки баробари инъикос ёфтанаш дар осори таърихӣ ва солномаҳои таърихӣ дар нигоштаҳои адибон – шоиру нависандагон низ ба назар мерасад, инъикоси бесару сомониҳо дар мамлакат, иллату касофатҳои давлатдорӣ, муносибати золимонаи хонҳои давр ва ғайра боиси рушд намудани ашъори иҷтимоӣ гардид ва адабиёт инъикосгари воқеии замон гашт [2-М].

3.Омӯзишҳо собит кард, ки адабиёти ин давра бо вуҷуди баъзе заифиҳо аз адабиёти асримиёнагии форсу тоҷик, бо баъзе хусусиятҳояш аз ҷумла, падид омадани ҷараёнҳои адабӣ дар заминаи ҳавзаҳои адабӣ, ривоҷи маҳфилҳои суханварон, таҳаввули жанрҳои адабӣ давоми мантиқии адабиёти асримиёнагии тоҷик будани адабиёти ин асрро собит мекунад, аз лиҳози мавзӯву мундариҷа, падидаҳои ҳунарӣ, шева ва услуб адабиёти ин давра заминаҳои қавиро дар густариши минбаъдаи суханвариву сухансанҷии форсу тоҷик гузоштааст. Дар асри XVIII адабиёт дар маҷрои хосаи худ бо инъикоси воқеаҳои замон, гирудор, бурду бохт ва монанди инҳо пеш мерафт. Омӯзиши

осори шоирони ин давр на танҳо ифодагари воқеаҳои замон, масъалаҳои мубрами рӯз, балки баёнгари рушди ҳунар ва адабиёт дар асри мазкур мебошад [2-М].

4.Дар асри мазкур силсилаи зиёди суханварон фаъолият намудаанд. Аз нигоҳи аносири шаклии шеър падидаҳои ҳунарӣ ё эҷодиро дар ин аҳд наметавон интизор шуд. Жанрҳои анъанавӣ чун ғазал, маснавӣ, рубоӣ бештар рӯйи кор омаданд ва ғазал мавриди таваҷҷӯҳи шоирон қарор дошт. Танҳо дар эҷоди маснавӣ суханварони ин аҳд ба мавзӯъҳои тоза рӯй оварданд, ки онҳо низ ҷанбаи иҷтимоӣ доштанд [4-М].

5. Осори яке аз намояндагони адабиёти ин давра Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ аз лиҳози мавзӯву мундариҷа бою рангин буда, ашъори ошиқона ва орифонаи ӯ бахши аъзами мероси адабии ӯро ташкил медиҳад. Дар эҷоди ин гуна ашъор, муаллиф андешаҳои нозук ва мӯшикофонаро, ки аз табъи равонаш сарчашма мегирад, ба маърази намоиш мегузорад. Мавзӯи ишқ ва ошиқӣ, ки мавзӯи ҷовидонии адабиёт мебошад, дар шеъри Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ бештар аз мавзӯоти дигар мақом пайдо кардааст. Шоир қаҳрамони лирикии худро ба сурати гуногун ҷилва дода, ниҳоят ифтихор мекунад, ки ӯ ошиқ аст. Ҳарчанд мавзӯи ишқу ошиқӣ дар ашъори Шӯхии Хуҷандӣ сарчашма аз адабиёти пешин мегирад, вале образҳои анъанавии адабиёт дар шеъри ошиқонаи ӯ ба тариқи тоза ифода ёфтаанд ва маъниҳои нав ба нави шоир аз ҷустуҷӯҳои тозаи Шӯхии Хуҷандӣ дарак медиҳад.

Образҳои адабии ашъори шоир низ чун Фарҳоди Кӯҳкан, Юсуфи Мисрӣ, Лайливу Маҷнун, Фарҳоду Ширин ҳарчанд тайи ҳазорсолаҳо образҳои марказии адабиёти куҳанбунёди мо қарор дорад, вале Шӯхии Хуҷандӣ дар мазмунсозиву маънипардозӣ тозагиҳои эҷодиро ба роҳ мондааст [1М].

6. Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ҳарчанд аз аҳли тасаввуф ва ирфон набуд, вале зери таъсиру нуфузи суханвароне, чун Ҷалолиддини Румӣ, Саноиву Аттор ва дигарон оҳангҳои тасаввуфӣ ва ақидаҳои ирфониро ҷо-ҷо дар меҳвари эҷодиёташ ҷойгузин намудааст.

Дар партави ашъори орифона шоир андешаҳоеро, ки ба мавзӯи одобу ахлоқ, сабру қаноатпешагӣ, одаму одамгарӣ, ростқавливу парҳезкорӣ, муҳаббат ба илму маърифат ва ин қабил мавзӯотро ироа кардааст [1-М].

7. Дар ашъори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ васфи табиат, ки аксаран бо васфи зебоиҳои ёр тавъам омадааст, ҷойгоҳи махсусеро дорад. Шоир дар васфи табиат ҳунари суханварии хешро зоҳир кардааст ва ин гуна ашъор аз табъи баланди ӯ дарак медиҳад. Ин гуна тасвирҳо агар аз як тараф, ифодакунандаи назари шоиронаи Шӯхии Хуҷандӣ бошад, аз ҷониби дигар ҳунари суханварии шоирро ифода мекунад [5-М].

8.Омӯзиши ашъораш муқаррар месозад, ки афкори ахлоқӣ дар ашъори шоир фаровон аст. Фалсафаи буду нест, маргу зиндагӣ, гузашти тунди ҳаёт, беқиматии умр ва ҷовидонии охират аз мавзӯоти меҳварии эҷодиёти Шӯхӣ ба шумор меоянд. Метавон гуфт, ки дар эҷодиёти Шӯхӣ ашъоре, ки масъалаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоиро баррасӣ намояд, кам нестанд. Ин гуна ашъори шоир вобаста ба афкор, ҷаҳонбинӣ, муҳити зиндагӣ ва назарияи фардии Шӯхӣ аз намунаҳои осори суханварони дигар тафовут дорад. Гузашта аз ин, ҳамчун шоир ва инсони замони хеш дорои эҳсоси баланди инсонгароӣ ва ҷаҳонфаҳмӣ буд, ки он дар ашъораш бармало зикр меёбад [3-М].

9.Шӯхии Хуҷандӣ чун суханварони дигар аз шоирони форсизабони пешин бардоштҳои зиёде кардааст. Ӯ нисбат ба шахсият ва осори суханварони номваре, чун Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Соиб, Сайидо, Бедил ва падараш - Шайдои Хуҷандӣ эҳтироми хоса зоҳир намуда, бештар аз онҳо истиқбол ва пайравӣ намудааст. Пайравии ӯ ба ин шоирон аз чанд ҷиҳат сурат гирифтааст:

а) аз ҷиҳати аносири шаклии шеър, ки ба он вазну қофия дохил мешавад;

б) аз ҷиҳати мавзӯву мундариҷа [5-М].

10. Ба ашъори Шӯхии Хуҷандӣ суханварони сабки ҳиндӣ низ нақши муассир гузоштаанд. Дар асри XVIII таъсири сабки ҳиндӣ вусъат пазируфта, зуҳури он дар адабиёт падидаи тозаеро ба вуҷуд овард. Дар таърихи адабиёти

форсӣ як ҳодисаи нодир ва навоварона таҳаввули сабки ҳиндӣ ва бунёди мактаби Бедил мебошад, ки ба пешрафти адабиёт мусоидат кардааст. Пас аз зуҳури Бедил дар адабиёти форсӣ як самти таҳаввули шеъру шоирӣ гироиш ба мактаби Бедил ва пайравӣ ба шеъри ӯ мебошад, ки ин падида дар қаламрави Мовароуннаҳр низ мунтазам густариш пайдо кард. Ағлаби суханварони ин қаламрав дар асрҳои XVIII ва XIX осори худро маҳз дар сабку тарзи бедилӣ ба ёдгор гузоштаанд. Шӯхии Хуҷандӣ низ аз ихлосмандон ва иродатмандони Бедил будааст, ки таҳлилу баррасии ашъораш инро собит месозад. Вале Шӯхӣ дар баробари пайравӣ кардан ба ашъори Бедил ва намояндагони сабки адабии ҳиндӣ онро ба таври куллӣ напазируфтааст ва маслаки доимии шеваи нигориши кори эҷодии худ қарор надодааст. Зеро дар ағлаби маврид пай бурда мешавад, ки шеърҳои Шӯхӣ сода, равон ва оммафаҳм мебошанд. Ҳатто печидагиву пӯшидагӯйии хоси сабки бедилӣ дар ашъори Шӯхӣ бо равиши содатар ва табиӣ ироа мегардад. Шӯхии Хуҷандӣ аз шоирони сабки ҳиндӣ ба ғайр аз Абдулқодири Бедил аз шоирони маъруфи дигар, чун Соиби Табрезӣ, Сайидои Насафӣ ва дигарон пайравӣ кардааст [5-М].

11. Ҳини омӯзиши осори Шӯхӣ аз назари ҳунари шоирӣ маълум мегардад, аз ағлаби санъатҳои бадеӣ истифода кардааст. Санооти адабие, ки дар ашъори шоир мавриди корбурд қарор гирифтаанд, ағлабашон дар сатҳи баланди ҳунарӣ эҷод гардидаанд. Омӯзиши авзони ашъори Шӯхӣ дар радифи шуарои дигари ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр барои муҳаққиқони ин соҳа андешаи донишманди маъруф Парвизи Хонлариро оид ба истифодаи авзони шеърӣ дар шеъри форсӣ тасдиқ менамояд. Мутобиқи андешаи ӯ суханварони тоҷику форс дар нимаи аввали асри XII бештар бо авзони кӯтоҳ, дар асрҳои XIII-XIV бо авзони миёна ва дар давраҳои баъдӣ (яъне, асрҳои XVIII-XIX) аксаран бо авзони дароз шеър сурудаанд. Аз ин рӯ, ашъори Шӯхӣ низ мутобиқи меъёрҳои адабии давр рӯйи кор омадааст. Истифодаи шоир аз авзони мухталифи шеърӣ баёнгари шоири мукаммал ва соҳибистеъдод будани Шӯхии Хуҷандӣ мебошад.

Хулоса, Шӯхии Хуҷандӣ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ҳамчун суханвари мумтоз, эҷодкор, нововар мақому манзалати баландеро соҳиб гардида, ашъори нобаш дар таҳаввули ояндаи адабиёти тоҷик саҳми назаррас гузоштааст [4-М].

12. Дар ашъори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ қофия, ки аз аносири умдаи шеър аст, хеле бамаврид истифода шудааст. Шоир дар ашъори худ, ба вижа ғазалиёташ аз анвои суннатии қофияи муқайяд ва мутлақ кор гирифта, ҳарфу ҳаракат ва меъёру қонунмандиҳои онҳоро ба хубӣ риоя кардааст. Вай аз қофияи муқайяд се навъ ва аз қофияи мутлақ нуҳ навъи онро ба кор бурда, ки маҷмӯан дувоздаҳ навъ қофияи пурбаҳои шеъри классикиро ташкил медиҳад. Ҳунари Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар қофияофаринӣ дар ин зоҳир гашт, ки вай қофияҳои солиму пурбаҳоро дар шеъраш истифода намудааст. Ин маънои онро дорад, ки дар ашъори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ қофияҳо бенуқсонанд [4-М].

13. Радиф, ки аз унсурҳои зотии шеъри тоҷикист, низ чун қофия дар шеъри Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ нақши амиқ гузоштааст. Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ағлаби ашъорашро, махсусан, ғазалиёти худро бо санъати мураддаф зебу оро дода, дар заминаи радоифи маъмули шеъри классикӣ радифҳои тозаи худро эҷод кардааст ва ё аз навъи маъмулии онҳо маъниҳои тоза ва бикр эҷод намуда, ҷаззобияти ашъорашро аз ҳар ҷиҳат таъмин кардааст [4-М].

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## А) Сарчашмаҳо

[1]. Абдулазим, Сами. История мангитских государей [Текст]/ С.Абдулазим- Перевод, предисловие и премичание Л.М.Епифановой. – Москва, 1962.

[2]. Айнӣ, Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик [Матн]/ С.Айнӣ – Москва: Чопхонаи нашриёти марказии халқҳои Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сӯсиёлистӣ, 1926. – 626 с.

[3]. Айнӣ, Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик [Матн] / С.Айнӣ. Аз хати форсӣ таҳия ва тасҳеҳи Мубашшири Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2010. – 438 с.

[4]. Бедил, Абдулқодир. Осор. Ғазалиёт [Матн] / А.Бедил. Ҷ.1. – Душанбе: Адиб, 1990. – 351 с.

[5]. Бухорӣ, Шайх Абдулқодир Кароматуллоҳ. Тазкираи Сибоқ [Матн] / Шайх Абдулқодир Кароматуллоҳи Бухорӣ. – Тошканд: Академияи фанҳои Ӯзбекистон: Фан, 2007. – 199 с.

[6]. Возеҳ, Қорӣ Раҳматуллоҳ. Туҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ил-асҳоб [Матн] / Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ. Матни интиқодӣ бо муқаддима ва тасҳеҳи Асғари Ҷонфидо. Зери назари Абдулғанӣ Мирзоев. – Душанбе: Дониш, 1977. – 227 с.

[7]. Гулшани адаб. Ҷилди V. Намунаҳои назми тоҷик асрҳои XVIII – ибтидои асри XX [Матн] Тартибдиҳандагон: А.Афсаҳзод, Л.Сулаймонова, Ҷ.Додалишоев ва диг. – Душанбе: Ирфон, 1980. –С. 23-34.

[8]. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкирату-ш-шуаро [Матн]/ Давлатшоҳи Самарқандӣ. Ба кӯшиш ва баргардони Ансор Афсаҳов, Аъзам Худойдодов. – Душанбе, 1999. – 158 с.

[9]. Дилшоди Барно ва мероси адабии ӯ [Матн] / Д.Барно. Бо сарсухани А.Мухторов. – Душанбе, 1970. – 166 с.

[10]. Дониш, Аҳмад. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития [Матн] / А. Дониш – Душанбе: Сарват, 1992. – 98 с.

[11]. Қайюмов, П.Д. Тазкираи Қайюмий [Матн] / Пӯлотжон Домулла Қайюмий. Нашрга тайёрловчи Азиз Қайюмов. – Тошкент, 1998.

[12]. Қуръони Маҷид. [Матн] Тарҷумаи Абдулмуҳаммади Оятӣ. – Теҳрон: Воҳиди эҳёи ҳунарҳои исломӣ, 1371. – 606 с.

[13]. Малеҳо Самарқандӣ, Муҳаммадбадеъ ибни Муҳаммадшарифӣ. Музокир-ул-асҳоб ё тазкират-уш-шуаро (садаи XI ҳиҷрии қамарӣ ва ё XVII милодӣ) [Матн] / Самарқандӣ Малеҳо. Матни интиқодӣ бо эҳтимоми Камолиддин Садриддинзода Айнӣ. – Душанбе: Пайванд, 2006. – 648 с.

[14]. Муҳаммад Авфӣ, Бухороӣ. Лубобу-л-албоб [Матн] / Бухороӣ, Муҳаммад Авфӣ. Аз рӯйи чопи Э.Браун. Бо муқаддима ва таълиқоти аллома Муҳаммад Қазвинӣ, ба кӯшиши Муҳаммад Аббосӣ. – Теҳрон: Мумтоз, 1361. – 959 с.

[15]. Муҳаммад Амин. Туҳфат-ут-таворихи хонӣ, нусхаи №140, Тошканд в.61а.

[16]. Муҳаммад, Дайҳим. Тазкираи шуарои Озарбойҷон (таърихи зиндагӣ ва осор). Ҷ.II. [Матн] /Дайҳим,Муҳаммад. – Табрез, 1367. – 810 с.

[17]. Муҳтарам, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳ. Тазкирату-ш-шуаро[Матн] / Ҳ.Н. Муҳтарам. Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо. Зери назари Камол Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 1975. – 369 с.

[18]. Озод, Ғуломалихон. Хизонаи Омира [Матн] / Ғ.Озод. Чопи Ҳинд, 1907. –400 с.

[19]. Пирмастӣ, Афзалмахдум. Афзал-ут-тазкор фи зикр-иш-шуаро ва-л ашъор [Матн] / А.Пирмастӣ. – Ташкент, № 1336.

[20]. Садри Зиё, Шарифҷон-махдум. Тазкори ашъор. Шарҳи ҳоли бархе аз шоирони муосири Тоҷикистон ва намунаҳое аз ашъори онон [Матн]/ Шарифҷон-махдуми Садри Зиё. Бо тасҳеҳи Саҳобиддини

Сиддиқ. Бо кӯшиши Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Чопи аввал. – Теҳрон: Суруш, 1380/2001. – 428 с.

[21]. Сайидо, Насафӣ Миробид. Асарҳои мунтахаб [Матн] / Насафӣ, Сайидо – Душанбе: Ирфон, 1977. –704 с.

[22]. Соиб, Табрезӣ. Мунтахабот [Матн] Мураттибон З.Аҳрорӣ, Ш.Лоиқ. /Табрезӣ, Соиб. – Душанбе: Адиб, 1980. – 704 с.

[23]. Сомӣ, Абдулазим. Тӯҳфаи шоҳӣ (Таърихи амирони манғития) / А.Сомӣ. Нусхаи №927/ III, (Дш).

[24]. Фазлии Намангонӣ. Маҷмаат-уш-шуаро [Матн] /Намангонӣ, Фазлӣ. – Тошкант, 1902.

[25]. Ҳакимхон, Ҳоҷӣ. Мунтахаб-ут-таворих [Матн] / Ҳоҷӣ Ҳакимхон. Нусхаи музей-китобхонаи А. А. Семёнов, рақами 63.

[26]. Ҳакимхон, Ҳоҷӣ. Мунтахаб-ут-таворих [Матн] / Ҳ.Ҳакимхон. Ба чоп ҳозиркунанда, муаллифи муқаддима ва таъликот А.Мухторов. – Душанбе, 1985.

[27]. Ҳашмат, Мирсиддиқхон. Тазкирату-ш-шуаро [Матн] / М.Ҳашмат. Ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абӯрайҳон Берунӣ. Дастхати №2728. – Тошканд. – 104 с.

[28]. Ҳашмат, Мирсиддиқхон. Тазкирату-ш-шуаро [Матн] / М.Ҳашмат. Ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абӯрайҳон Берунӣ. Дастхати №61. – Тошканд. – 138 с.

[29]. Ҳилолӣ,Бадриддин. Осори мунтахаб [Матн] / Б.Ҳилолӣ. – Сталинобод: Нашр. давл. Тоҷ., 1958. – 366 с.

[30]. Шайдои Хуҷандӣ. Девон [Матн] / Ш.Хуҷандӣ. Тасҳеҳи Неъматова Мавлуда. – Хуҷанд: Ношир, 2015. – 612 с.

[31]. Шамсиддин Шоҳин. Лайлӣ ва Маҷнун [Матн] / Ш.Шоҳин. Таҳия, муқаддима ва тавзеҳоти Асрори Раҳмонфар ва Аълохон Сайиднозим. – Душанбе: Дониш, 2018. – 161 с.

[32]. Шамсиддини Шоҳин. Девони ашъор [Матн] / Ш.Шоҳин. Таҳия ва тавзеҳи Ҷӯрабеки Назрӣ ва Беҳрӯзи Забеҳулло. – Душанбе: Дониш.-2018. – 287 с.

[33]. Шерозӣ, Ҳофиз. Куллиёт [Матн] / Ҳофизи Шерозӣ. Мураттиб ва муаллифи сарсухан Н.Шанбезода. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 670 с.

[34]. Шӯхии Хуҷандӣ. Девон. Девони Шӯхии Хуҷандӣ, шумораи 2313 маҳфуз дар захираи дастнависҳои ИШ АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон.

[35]. Шӯхии Хуҷандӣ. Девон. Девони Шӯхии Хуҷандӣ, шумораи 863-II Маркази мероси хаттии АМИТ.

[36]. Шӯхии Хуҷандӣ. Мунтахаби ғазалиёт [Матн] / Ш.Хуҷандӣ. Таҳия ва тавзеҳи Бахром Раҳматов. – Хуҷанд: Ношир, 2016. – 600 с.

## Б) Адабиёти илмӣ

[37]. Абдулазизова, З.С. Макнуна и её место в литературном круге кокандского ханства (первая половина XVX века) / З.С. Абдулазизова. Автореферат канд.дис. – Душанбе, 2013. – 25 с.

[38]. Абдуллоев, В. Ӯзбек адабиёти тарихи. Иккинчи китоб [Матн] / В.Абдуллоев. – Тошканд: Уқитувчи, 1964. – 260 с.

[39]. Абибов Ҳ. Ганҷи парешон [Матн] / Ҳ.Абибов. – Душанбе: Ирфон, 1978.

[40]. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XVIII ва аввали асри XIX [Матн] – Душанбе: Дониш, 1989.-244 с.

[41]. Азимов, И. Архитектурные памятники Ферганской долины. [Текст] / И. Азимов. _ Ташкент, 1982. -71с.

[42]. Айнӣ, Садриддин. Мирзо Абдулқодири Бедил [Матн] / С.Айнӣ. – Сталинобод: Нашр. давл.Тоҷ., 1954. -340 с.

[43]. Алиев, Г. Предисловие [Текст] / Г.Алиев, Н.И. Пригарина / Бертельс Е.Э. Избранные труды. История литературы и культуры Ирана. – Москва: Наука, 1988. – 560 с.

[44]. Амиркулов, Субҳон. Адабиёти нимаи аввали асри XIX / Нигоҳе ба инкишофи таърихи адабиёти тоҷик дар Мовароуннаҳр (қарни XIX) [Матн] / Субҳон Амирқулов. – Душанбе: Ирфон, 2010. – С.15-108.

[45]. Амирқулов, Субҳон. Ҷунайдулло Ҳозиқ ва достони ӯ "Юсуф ва Зулайхо"[Матн] / Субҳон Амирқулов. – Душанбе: Ирфон, 1967 – 94 с.

[46]. Арберри, А. Адабиёти классикии форсӣ [Матн]/ А.Арберри. Тарҷумаи Асадуллоҳи Озод. – Теҳрон, 1374. – 369 с.

[47]. Асадуллоев, С. Оли Хуҷанд. Садри Хуҷанд [Матн] / С.Асадуллоев. – Хуҷанд. Академияи Камоли Хуҷандӣ. 1992.

[48]. Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои факултаҳои филология [Матн] / Х.Асозода. – Душанбе, 2013. – 1018 с.

[49]. Афсаҳзод, А. Дар сафи бузургон [Матн] / А.Афсаҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 334 с.

[50]. Бабабеков, Хайдарбек. История Коканда [Текст] / Хайдарбек Бабабеков. – Ташкент: Издательство Фан, Академия наук Республики Узбекистан, 2011.

[51]. Баевский, С.И. Описание таджикских и персидских рукописей Иститута народов Азии [Текст] / С.И. Баевский. – Москва: ИВЛ, 1962. –80 с.

[52]. Бартольд, В.В. История Туркестана [Текст] / В.В. Бартольд. – Ташкент: Туркестанское гос. изд., 1922. – 50 с.

[53]. Бахтиёри Ҳамдам. Савмааи маърифат [Матн]/ Б.Ҳамдам. – Хуҷанд, 1999. – 167 с.

[54]. Бертельс, Е.Э. Избранные труды. История персидско-таджикской литературы [Текст]/ Е.Э. Бертельс. – Москва: Восточная литература, 1960. – 555 с.

[55]. Бертельс, Е.Э. Советское востоковедение. Т.V [Текст] / Е.Э. Бертельс. – Москва: Наука. 1948.

[56]. Бертельс, Е.Э. Избранные труды. История культуры Ирана [Текст] / Е.Э. Бертельс. – Москва: Наука, 1988. – 558 с.

[57]. Брагинский, И.С. Из истории таджикской и персидской литературы [Текст] / И.С. Брагинский. – Москва: Наука, 1972. – 524 с.

[58]. Брагинский, И.С. К изучению узбекско-таджикских литературных связей [Текст] / И.С. Брагинский. – Москва, 1961.

[59]. Брагинский, И.С. От Авесты до Айни [Текст] / И.С. Брагинский – Душанбе: Ирфон, 1981. – 255 с.

[60]. Ваххобзода, Дилором Абдураззоки. Источники и идейно-художественные особенности творчества таджикских поэтесс XIX века [Текст] / Дилором Абдураззоки Ваххобзода. – Худжанд, 2008. – 26 с.

[61]. Воҳидов, З. Ӯзбек адабиёти тарихи [Матн] / З.Воҳидов. – Тошкант, 1987.

[62]. Гафарова, Замира. Становление и развитие персоязычной литературы Индии (литературный круг Кашмира в XVI-XVII веках) / Гафарова Замира. Автореферат доктор. филол. наук. –Душанбе, 2002. – 46 с.

[63]. Ғафуров, Б. Тоҷикон [Матн]/ Б.Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, Ҷилди 1, 1983. –704 с.

[64]. Ғафуров, Б. Тоҷикон [Матн] / Б.Ғафуров. Охирҳои асри миёна ва давраи нав. Китоби дуюм. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 414 с.

[65]. Ғаффорова, Замира. Тазкираҳои Сархуш ва Хушгӯ ҳамчун сарчашмаи нақду сухансанҷӣ [Матн] / З.Ғаффорова. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2001. – 276 с.

[66]. Дар баёни фазилати “Авроди фатҳия” [Матн] / Мир Саййид Алии Ҳамадонӣ. Авроди фатҳия ва дуои риқоб / Ҳамадонӣ, Мир Саййид Алӣ. – Душанбе: Ирфон, 2013. – С.11-15.

[67]. Деҳхудо, Алиакбар. / Алиакбари Деҳхудо. Гунаи электронӣ. Луғатномаи Деҳхудо, (зайли “шомиёна”).

[68]. Донишномаи адаби форсӣ дар Осиёи Миёна [Матн] Ба сарпарастии Ҳасани Анӯша. Ҷилди аввал. Вирости дуюм. – Теҳрон, 1380. -1041с.

[69]. Ёди ёри меҳрубон, марзҳои шарқии шеъри форсӣ аз тоҷикони Вароруд то Ҳинд. Ба кӯшиши доктор Мирзо Муллоаҳмад. – Теҳрон: Амири Кабир, 1380. -848с.

[70]. Ёқубӣ, Камол. “Дар кори илмӣ шитобкорӣ нашояд!” / Камол Ёқубӣ. // Адабиёт ва санъат, 17.10.1991.

[71]. Ёқубӣ, Камол. Тадқиқоти муҳим дар соҳаи адабиётшиносӣ / Камол Ёқубӣ. // Мактаби советӣ, 1975, №5. – С. 62-64.

[72]. Ёқубӣ, Камол. Тафсири чанд ғалат / Камол Ёқубӣ. // Садои Шарқ, №10, 1988. – С. 120-128.

[73]. Ёқубӣ, Камол. Хат каҷ бошаду маънояш рост, гуфтаанд-ку! / Камол Ёқубӣ. – Хуҷанд, 2000.

[74]. Ёқубов, Камол. Ақидаҳои сиёсӣ-иҷтимоии Шӯхии Хуҷандӣ / Камол Ёқубов. // Сборник статей аспирантов кафедры марксисто-ленинской филологии ТГУ имени В.И.Ленина. – Душанбе, 1973, с. 66-73;

[75]. Ёқубов, Камол. Ақидаҳои тарбиявӣ-ахлоқии Шӯхии Хуҷандӣ / Камол Ёқубов. // Мактаби советӣ. 1971, №1. – С. 36.

[76]. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Нақди адабӣ: Ҷустуҷӯ дар усул ва равишҳо ва мабоҳиси наққодӣ бо баррасӣ дар таърихи нақд ва наққодон [Матн] / А.Зарринкӯб. Ду ҷилд дар як муҷаллад. Чопи ҳафтум. – Теҳрон: Муассисаи интишороти Амири кабир, 1382. – 921 с.

[77]. Зеҳнӣ, Т.Н. Санъати сухан. Илми бадеъ ва мухтасари арӯз [Матн] / Т.Зеҳнӣ. Дар зери таҳрири М.Шукуров ва С.Саъдиев. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 327 с.

[78]. Зоҳидов, В. Ӯзбек адабиёти тарихидан [Матн] / В.Зоҳидов. – Тошканд, 1961.

[79]. Иванов, П.П. Очерки по истории Средней Азии (XV1-середина X1Xв) [Текст] / П.П. Иванов. – Москва: Издательство Восточной литературы, 1958.

[80]. Исхаков, Ф. Гулханининг «Зарбулмасал» асари [Матн] / Ф.Исхаков. – Тошкент, 1976.

[81]. Кадирова, Махбуба. Надира. Очерки жизни и творчества / М.Кодирова. – Тошкент: Фан, 1967. – 185 с.

[82]. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Шоири оинаҳо [Матн] /М.Ш.Кадканӣ. –Теҳрон: Огоҳ, 1368. – 338 с.

[83]. Каримов, Ғ. Ӯзбек адабиёти тарихи [Матн] / F.Каримов. Учинчи китоб. –Тошкент: Уқитувчи, 1966.– 280 с.

[84]. Каримов, У. Мирзо Содиқи Муншӣ (Аҳвол ва осори шоир) [Матн] / У.Каримов. – Душанбе: Дониш, 1972. -162 с.

[85]. Каримов У. Нозили Хуҷандӣ [Матн] / У.Каримов. – Душанбе: Дониш, 1978. -123 с.

[86]. Каримов, Усмон. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX [Матн]/ Усмон Каримов. – Душанбе: Дониш, 1974. – С. 86-90.

[87]. Каримов, Усмон. Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ. /Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX. Қисми дуюм. [Матн] / Усмон Каримов. – Душанбе: Дониш, 1989. – С. 68-79.

[88]. Кароматуллоева, Н. Феҳристи дастнависҳои тоҷикӣ-форсӣ (Китобхонаи давлатии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ) [Матн] Н.Кароматуллоева. Ҷ.2. – Душанбе, 1978. – 208 с.

[89]. Каталог восточных рукописей Академии наук Таджикской ССР, том IV, под редакцией и при участии академика АН Таджикской ССР, профессора А.М. Мирзоева и М.И.Занда. – Душанбе: Дониш, 1970. – С. 81-82.

[90]. Каталог восточных рукописей АН Таджикской ССР. Под ред. А.Мирзоева и М.И. Занда. Т.III. – Душанбе: Дониш, 1968. – 328 с.

[91]. Каталог восточных рукописей АН Таджиской ССР. Под ред. А.М. Мирзоева и Е.Э. Бертельса. Т.5. – Душанбе: Дониш, 1974. – 448 с.

[92]. Қаюмов, А. Қӯқон адабий муҳити [Матн] / А.Қаюмов. – Тошканд: Уз ССР ФАН, 1961. – 359 с.

[93]. Қобилова, З.Б. Амирий ва унинг адабий фаъолияти. Автореферат / З.Б. Қобилова. – Тошкент, 2007. – 24 с.

[94]. Лихачёв, Д.С. Текстология: на материале русской литературы X-XVII вв [Текст] / Д.С. Лихачёв. – М.-Л.: Изд-во АН СССР, 1962. – 605 с. (2-е изд., перераб. и доп. – Л.: Наука, 1983.

[95]. Лихачёв, Д.С. Текстология. Краткий очерк [Текст] / Д.С. Лихачёв. – М.-Л. Наука, 1964. -102.

[96]. Мақсудов, Бадриддин. Феҳристи нусхаҳои хаттии маркази фарҳангии ба номи профессор Ш.Ҳусейнзода / Бадриддин Мақсудов. – Душанбе: Сино, 2007. – 100 с.

[97]. Маонӣ, Аҳмад Гулчин. Таърихи тазкираҳои форсӣ [Матн] / А.Гулчин. - Ҷилди 1. – Теҳрон, 1363. – 765 с.

[98]. Маонӣ, Аҳмад Гулчин. Таърихи тазкираҳои форсӣ [Матн] / А.Гулчин. - Ҷилди 2. – Теҳрон, 1363. – 1006 с.

[99]. Масальский, В.И. Туркестанский край [Текст] / В.И. Маскальский. – Санкт-Петербург, 1913. – 700 с.

[100]. Маъсумӣ, Носирҷон. Адабиёти тоҷик дар охири асри XVIII ва аввали асри XIX. Асарҳои мунтахаб[Матн] / Н.Маъсумӣ. Ҷилди 1. –Душанбе: Ирфон, 1977. – 364 с.

[101]. Маъсумӣ, Носирҷон. Адабиёти тоҷик дар асри XVIII ва аввали асри XIX [Матн] / Н.Маъсумӣ. – Душанбе, 1962. – 368 с.

[102]. Мир Саййид Алии Ҳамадонӣ. Авроди фатҳия ва дуои риқоб [Матн] / Ҳамадонӣ, Мир Саййид Алӣ. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 64 с.

[103]. Мирзо Олим Махдум Ҳожи. Таърихи Туркистон [Матн] / М.Хожи. –Тошкент: Янги аср авлоди, 2008. – 241 с.

[104]. Мирзоев, Абдулғанӣ. Биноӣ [Матн] / А.Мирзоев. – Сталинобод: Нашр. давл. Тоҷ., 1957. – 490 с.

[105]. Мирзоев, Абдулғанӣ. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик [Матн] / А.Мирзоев. – Сталинобод: Нашр. давл. Тоҷ., 1947. – 199 с.

[106]. Мирзоев, Абдулғанӣ. Сездаҳ мақола [Матн]/ А.Мирзоев. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 287 с.

[107]. Мирзозода, Холиқ. Афкори рангин [Матн]/ Х.Мирзозода. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 352 с.

[108]. Мирзозода, Холиқ. Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX) [Матн]/ Х.Мирзозода. – Сталинобод: Нашр. давл. Тоҷ., 1950.

[109]. Мирзозода, Холиқ. Таърихи адабиёти тоҷик [Матн] / Х.Мирзозода. Қисми 2. – Душанбе: Маориф, 1989. – 420 с.

[110]. Мирзозода, Холиқ. Таърихи адабиёти тоҷик. [Матн]/ Х.Мирзозода. Қисми 1(2). – Душанбе: Маориф, 1987.

[111]. Мубашшир Акбарзод. Суханшинос наӣ / Акбарзод Мубашшир /Сухан з-осмонҳо фуруд омадааст. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе, Адиб, 2008. – С. 5-9.

[112]. Мубашшир Акбарзод. Суханшинос наӣ / Мубашшир Акбарзод. Суханшинос наӣ // Адабиёт ва санъат, сентябри 2002.

[113]. Муллоаҳмад Мирзо. Равзанаи хирад [Матн]/ М.Муллоаҳмад. –Хуҷанд: Ношир, 2018. – 760 с.

[114]. Муллоаҳмад Мирзо. Шеъри мондагори Туғрали Аҳрорӣ [Матн] / М.Муллоаҳмад. / Равзанаи хирад. – Хуҷанд: Ношир, 2018. – С. 416-424

[115]. Муллоаҳмадов, Мирзо. Лирикаи Адибулмамолик Амирӣ [Матн] / М.Муллоаҳмадов. – Душанбе: 1985. -176 с.

[116]. Муллоаҳмад Мирзо. Тазкираи манзуми Фазлии Намангонӣ ва арзишҳои адабиву таърихии он [Матн] / М.Муллоаҳмад. / Равзанаи хирад. –Хуҷанд: Ношир, 2018. – С. 381-388.

[117]. Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. Заминаи иҷтимоии шеъри форсӣ [Матн] / Ш.Кадканӣ. – Теҳрон: Замон, 1318. – 480 с.

[118]. Мусулмониён, Раҳим. Назарияи адабиёт [Матн] / Р.Мусулмониён. –Душанбе: Маориф, 1990. – 334 с.

[119]. Мусулмонқулов, Раҳим. Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ [Матн] / Р.Мусулмонқулов. – Душанбе: Маориф, 1987. – 87 с.

[120]. Набиев, Абдухолиқ. Адабиёт ва нақди адабӣ [Матн] / А.Набиев. – Душанбе: Адиб, 1993. – 260 с.

[121]. Нақавӣ, Саид Алиризо. Тазкиранависии форсӣ дар Ҳинду Покистон [Матн] / С.Нақавӣ. – Теҳрон, 1966 (1383ҳ.қ./1363ҳ.ш.). – 878 с.

[122]. Наққош, Иброҳим. Нақши “Авроди фатҳия” дар ҳаёти мураттиб [Матн] Иброҳими Наққош / Мир Саййид Алии Ҳамадонӣ. Авроди фатҳия ва дуои риқоб. – Душанбе: Ирфон, 2013. – С. 9-11.

[123]. Наливкин, В.П. Очерк быта женщины оседлого туземного населения [Текст] / В.П. Наливкин, М.С. Наливкина. – Фергана-Казань, 1886. -245 с.

[124]. Насриддин, Абдулманнон. Куллиёти осор [Матн] / А.Насриддин. Дар ҳафт муҷаллад. Ҷилди шашум. Таҳия ва таснифи Фахриддин Насриддинов. – Хуҷанд: Хуросон, 2013. – 763 с.

[125]. Насриддини Хуҷандӣ, Абдулманнон. Тазкираи шуарои Хуҷанд [Матн] / Абдулманнон Насриддини Хуҷандӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2015. – 512 с.

[126]. Насриддинов, Абдуманнон. “Шайдо ва Шӯхӣ” / Абдуманнон Насриддинов. // Адабиёт ва санъат, 04.12.1986.

[127]. Насридинов, Абдулманнон. Чиҳил мақола [Матн]/ А.Насриддинов. –Хуҷанд: Ношир, 2007. – 577.

[128]. Негматова Мавлуда. Жизнь и творчество Шайдо Худжанди (структура дивана, тематические и поэтические особенности) / Мавлуда Негматова. Автореферат на соискание звания ученой степени кандидата филологических наук. – Худжанд, 2010. – 26 с.

[129]. Неъматзода, Т. Шӯхии Хуҷандӣ [Матн] / Т. Неъматзода. / Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи советии тоҷик, 2004. – С. 388-389.

[130]. Неъматзода, Т. Шӯхии Хуҷандӣ [Матн] / Т.Неъматзода. Энсиклопедияи советии тоҷик. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи советии тоҷик, 1988. – С.179.

[131]. Неъматов, Н.Н. ва дигарон. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дуюм. [Матн] / Н.Н. Неъматов ва дигарон. –Хуҷанд: Ношир, 2008.-816 с.

[132]. Николсон Риналд. Тасаввуфи исломӣ ва робитаи инсону Худо [Матн] / Р.Николсон. Тарҷумаи Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Сухан, 1334. – 207 с.

[133]. Нурзод, Нуралӣ. Султони авранги сухан [Матн] / Н.Нурзод. – Хуҷанд: Ношир. 2015. – 295 с.

[134]. Нуров, Н. Фурӯғи фитрати маънӣ [Матн] / Н.Нуров. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2002. – 200 с.

[135]. Нӯъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-аҷам [Матн] / Ш.Нӯъмонӣ. Ҷ.III. – Теҳрон, 1368 ҳ. – 214 с.

[136]. Персидские и таджикские рукописи Института народов Азии АН СССР [Текст] Под ред. Н.Д. Миклухо-Маклая. – Москва: Наука, 1964. ч.I. – 640 с.

[137]. Пригарина, Н.И. Индийский стиль и его место в персидской литературе [Текст] / Н.И. Пригарина. – Москва: Восточная литература. 1999. – 326 с.

[138]. Раҳматов, Баҳром. Шӯхии Хуҷандӣ – шоири ғазалсаро [Матн] / Баҳром Раҳматов / Шӯхии Хуҷандӣ. Мунтахаби ғазалиёт. Таҳия ва тавзеҳи Баҳром Раҳматов. – Хуҷанд: Ношир, 2016. – С. 3-20.

[139]. Раҳматова, Дилрабо. Дурри носуфта. / Д.Раҳматова. // Камоли Хуҷандӣ. Фаслномаи илмӣ-адабӣ, № 1/13, 2018. – С. 28-34

[140]. Розӣ, Шамсуддин Муҳаммади Қайс. Ал-мӯъҷам [Матн] Шамсуддин Муҳаммади Қайси Розӣ. Муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп Урватулло Тоиров. – Душанде: Адиб, 1991.- 400 с.

[141]. Ризоев, З.Т. Индийский стиль в поэзии на фарси конца XVI-XVII вв. / З.Ризоев. – Ташкент: Фан, 1971. – 219 с.

[142]. Сайфиев, Наҷмиддин. Адабиёти тоҷик дар асрҳои XVI, XVII, XVIII ва нимаи аввали асри XIX [Матн] / Н.Сайфиев. – Душанбе: Ҳумо, 2004. – 360 с.

[143]. Саъдиев, Садрӣ. Адабиёти тоҷик дар асри XVII [Матн]/ С.Саъдиев. – Душанбе: Дониш, 1985. – 268 с.

[144]. Сирус Баҳром. Қофия дар назми тоҷик. [Матн] / Б. Сирус. – Сталинобод: Нашр. давл. Тоҷ., 1956. – 223 с.

[145]. Собрание Восточных рукописей. Академия наук Республики Узбекистан. Т.1. – Ташкент, 1952.

[146]. Стори, Ч.А. Персидская литература [Текст] / Ч.Стори. Т.2. – Москва: Наука, 1972. – С. 694-1314.

[147]. Султон, Саидумар. Таърихи доираи адабии Истаравшан дар нимаи дуввуми асри XVIII ва аввали асри XIX [Матн] / С.Султон. – Душанбе: Сурушан, 2002. – 232 с.

[148]. Фарҳанги забони тоҷикӣ [Матн] Ҷилди 1. – Москва: Советская энциклопедия, 1969. – 951 с.

[149]. Фарҳанги забони тоҷикӣ [Матн] Ҷилди 2. – Москва: Советская энциклопедия, 1969. – 949 с.

[150]. Федченко, А.П. В Кокандском ханстве [Текст] / А.П. Федченко. СТП – Москва, 1875.

[151]. Хадизоде, Р. Источники изучения таджикской литературы второй половины XIX начала XX века [Текст] / Р.Хадизаде. – Сталинобод, 1956. -139 с.

[152]. Хоҷаева, М. Масъалаҳои сабкшиносӣ [Матн] / М.Хоҷаева. – Хуҷанд, 1994. – 223 с.

[153]. Хонларӣ. Парвиз Нотил. Таҳқиқи интиқодӣ дар арӯзи форсӣ ва чигунагии таҳаввули авзони ғазал. [Матн] / Парвиз Нотили Хонларӣ.- Теҳрон: Нашри донишгоҳӣ, 1327. – 214 с.

[154]. Ҳабибов, А. Мероси адабии шоирони Ҳисор (аз нимаи дуввуми асри XVIII то ибтидои асри XX) [Матн] / А.Ҳабибов. – Душанбе: Дониш, 1974. – 138 с.

[155]. Ҳакимов, Н. Шашмақом дар қарни XX. [Матн] / Н. Ҳакимов – Хуҷанд, 2005. – 408 с.

[156]. Ҳодизода, Р. Аз Рӯдакӣ то имрӯз[Матн] / Р.Ҳодизода. – Душанбе: Адиб, 1988. – 288 с.

[157]. Ҳодизода, Р. Шоҳин [Матн] / Р.Ҳодизода. – Душанбе: Дониш, 1974. – 139 с.

[158]. Ҳодизода, Р. Адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX): Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ [Матн] / Р.Ҳодизода, У.Каримов, С.Саъдиев. – Душанбе: Маориф, 1988. – 416 с.

[159]. Шавкати Бухороӣ. Нури аср [Матн] / Ш.Бухороӣ. – Душанбе: Ирфон. 1986. – 286 с.

[160]. Шакурии Бухороӣ М. Садри Бухоро [Матн] / Ш.Бухороӣ. Чопи дуввум. Бо тасҳеҳ, такмил ва иловаҳо. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 330 с.

[161]. Шамисо, Сирус. Нақди адабӣ [Матн]/ С.Шамисо. – Теҳрон: Фирдавс, 1378. – 392 с.

[162]. Шарифов, Худоӣ. Каломи бадеъ[Матн] / Х.Шарифов. – Душанбе: Маориф, 1991. – 159 с.

[163]. Шарифов, Худой. Маънавият ва ҷаҳони зоҳирӣ [Матн] / Х.Шарифов. – Душанбе: Адиб, 2012. – 352 с.

[164]. Шарифов, Худой. Шоир ва шеър (Маҷмӯаи мақолаҳо) [Матн] / Х.Шарифов. – Душанбе, 1998. – 216 с.

[165]. Шарофиддинов, Олим. Ӯзбек адабиёти тарихи хрестоматияси [Матн] / Ш.Олим. Том II. – Тошкент, 1972.

[166]. Шодиев, Э. Зуллисонайн шоиралар. Ӯзбек адабиёти тарихи масалалари [Матн] / Э.Шодиев. – Тошкент: ФАН, 1976. – 149 с.

[167]. Шодиев, Э. Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ / Э.Шодиев. // Ҳақиқати Ленинобод, 30 январи 1992.

[168]. Шодиев, Э. Саҳифаҳо аз равобити адабӣ. (Маҷмӯаи мақолаҳо) [Матн] / Э.Шодиев. – Хуҷанд, 2005. – 116 с.

[169]. Шодиев, Э. Тазкираи шоирони Хуҷанд [Матн] / Э.Шодиев. – Хуҷанд: Р.Ҷалил, 1996. – 196 с.

[170]. Шодиев, Э. Фазлий Намангоний ва Хӯжанд шоирлари [Матн] / Э.Шодиев. – Хуҷанд, 1993. –71 с.

[171]. Шоирони Мовароуннаҳр (Аз Рӯдакӣ то Айнӣ) [Матн] Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳот аз Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. – Душанбе: Адиб, 2006. – 608 с.

[172]. Шониёзов, М. «Мажмуаи шоирон» тазкираси матнини тайёрлаш принциплари ва матний тадқиқи / М.Шониёзов. Автореферат. – Тошкент, 2009.

[173]. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. [Матн] Қисми 1. – Душанбе: - Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи советии тоҷик. 1988. – С.53

[174]. Якубов, Камол. Шухи Ходжанди и его творчество. Дис. к.ф.н. / Камол Якубов. – Душанбе,1980. –206 с.

## Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва таълифоти муаллиф

## I. Маҷаллаҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия :

[1-М]. Ҳайдарова Б. Назари иҷтимоии Шӯхии Хуҷандӣ/ Ҳайдарова Б./ Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. –Душанбе: Сино, 2019, №7. ISSN 2413-516X. –с.204-207

[2-М]. Ҳайдарова Б. Нахустин муҳаққиқи рӯзгору осори Шӯхии Хуҷандӣ /Ҳайдарова Б./ Суханшиносӣ. Душанбе, 2020, №2, ISSN 2308-7420. с.138-145.

[3-М]. Ҳайдарова Б. Бозтоби масъалаҳои ҳаёту эҷодиёти Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ дар осори таҳқиқӣ. Суханшиносӣ. Душанбе. 2020 №3, . ISSN 2308-7420. с.107-118

[4-М]. Ҳайдарова Б. Сувари хаёл дар шеъри Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ/ Ҳайдарова Б./ Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. –Душанбе: Сино, 2020, №7с..ISSN 2413-516X.с. 336-340

[5-М]. Ҳайдарова Б. Нақду баррасии баҳсҳо перомуни рӯзгору осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ / Ҳайдарова Б./ Номаи донишгоҳ.-Хуљанд: "Нури маърифат" . 2021, №1 (66) 2077-4990. с.108-114

## II. Мақолаҳо дар маљаллаҳои дигар:

[6-М]. Ҳайдарова Б. Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ суханвари мумтоз “Найистони маърифат” К 1. Хуҷанд: - Ношир , 2018, 544-302

[7-М]. Ҳайдарова Б. Масоили мазҳабиву ирфонӣ аз назари Шӯхии Хуҷандӣ “Найистони маърифат” К 2. Хуҷанд: - Ношир , 2019, 704- 98.